**ПАЖӮҲИШГОҲИ РУШДИ МАОРИФ БА НОМИ АБДУРАҲМОНИ ҶОМИИ АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН**

***Ба ҳуқуқи дастнавис***

**ТДУ 37.036:373 (575.3)**
**ТКБ 74.100.5+74.2 (2 тоҷик)**
**Р - 43**



**РАҲИМӢ КОМИЛ МАҲМАДРАҲИМ**

# ШАРОИТҲОИ ПЕДАГОГИИ ТАШАККУЛИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДКОРИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ
аз рӯи ихтисоси 13.00.05 – Назария, методика, ва ташкили фаъолияти фарҳангӣ – иҷтимоӣ (13.00.05.03 – Педагогикаи умумӣ ва худшиносӣ)

**Роҳбари илмӣ:** Каримзода Мирзо Бадал - доктори илмҳои педагогӣ, саркотиби илмии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон

**ДУШАНБЕ – 2024**

**МУНДАРИҶА**

**МУҚАДДИМА........................................................................................ 3**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДКОРИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ ....................................... 18**

1.1. Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон.......................................................................................... 18

1.2. Ташхиси дарёфти салоҳиятҳои эҷодкории ва усулҳои рушди он .................................................................................................. 47

1.3. Мавқеи таҳсилоти иловагӣ дар низоми маориф ва нақши он дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон ................................ 68

Хулосаҳои боби I.......................................................................... 87

**БОБИ 2. ФАЪОЛИТИ ТАҶРИБАВӢ – ОЗМОИШИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ ҲАМЧУН МУҲИТИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДКОРИИ ХОНАНДАГОН........................................................................... 91**

2.1. Хусусият, шароит ва имконоти муассисаи таҳсилоти иловагӣ дар ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон................... 91

2.2. Низоми самарабахши ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе»....................................................... 111

2.3. Чорабиниҳои эҷодиву бадеии муассисаи таҳсилоти иловагӣ ҳамчун муҳити созгори ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон.......................................................................................... 142

Хулосаҳои боби 2.......................................................................... 165

**ХУЛОСА ВА ТАВСИЯҲО .......................................................... 169**

**РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ................................ 175**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳалаи муҳими ислоҳот қарор дорад, ки тамоми соҳаҳои ҳаёти кишварро фаро гирифтааст. Ин дигаргуниҳо бо ҳадафи олии рушди дарозмуддати кишвар ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум амалӣ шуда истодаанд. Тадбирҳо ва иқдомоти Ҳукумати мамлакат дар ин самт бо ҳадафи ноил гардидан ба ҳадафҳои стратегии кишвар, таъмини шароити арзандаи зиндагӣ ва дар сатҳи ҷаҳонӣ рақобатпазир гардонидани иқтисоди миллӣ ва ба ин васила омода намудани мутахассисони дорои касбияти баланд равона шудааст.

Муҳайё сохтани шароити мусоиди таълимиву тарбиявӣ ва гузариш ба низоми таҳсилоти рақамӣ, ки маҳз дар даврони Истиқлолият шуруъ гардидааст, барои баланд бардоштани сифати таълим ва бедор кардани завқу ҳаваси хонандагон ба донишомӯзӣ мусоидат менамояд.

Дар Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамчун санади ҳамоҳангсози фаъолияти давлат, ҷомеъа ва оила унсурҳои гуногуни тарбияи миллиро дар ҷомеъаи навини мамлакат муқаррар намудааст, аз ҷумла гуфта шудааст, ки «Тарбияи миллӣ ташаккули тафаккури миллии шаҳрвандро дар назар дорад. Он ифтихор аз миллати хеш, эҳтиром ва гиромӣ доштани таърих ва мероси фарҳанги ниёгон, урфу одат ва анъанаҳои миллӣ, пайвастани таърихи гузашта ба воқеияти имрӯзаи миллат, аз нав эҳё намудани урфу одат ва анъаноти арзишманди миллӣ, дар заминаи хусусиятҳои миллӣ ривоҷ додани забон, илм ва фарҳанги миллӣ ва эҳтироми миллатҳои дигарро фаро мегирад» [71].

Раванди тарбия, ки дар ҷомеаи муосир ба сифати яке аз муҳимтарин унсурҳои ташаккули инсон ва шахсият маҳсуб мешавад, нақши калидӣ дар рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон бозида, инкишофи онҳо ҳамчун шахсиятҳои комил ва фарққунанда аз дигаронро таъмин менамояд. Ин раванд, ки рисолати аслии он ташаккули инсон бо хислатҳои олии ахлоқӣ, маънавӣ ва иҷтимоӣ мебошад, боиси рушди шахсиятҳое мегардад, ки дар зиндагӣ

қобилияти ташаббускорӣ, худфаъолиятӣ ва худтакмилдиҳиро доро мебошанд.

Соҳаи маориф дар ин раванди мураккаб ва дар айни замон муҳим ҷойгоҳи хосса дорад. Соҳаи маориф ҳамчун самти афзалиятнок ва стретегии сиёсати иҷтимоии давлат дар назди худ ҳадаф гузоштааст, ки насли наврас ва ҷавонони кишварро на танҳо бо донишҳои муосири назариявӣ таъмин намоянд, балки онҳоро соҳиби малакаву маҳоратҳои шахсӣ, эҷодӣ ва касбӣ гардонад. Зеро ҳадафи ниҳоӣ омода намудани шаҳрванд – мутахассиси соҳибихтисосе аст, ки барои рушди ҳамаҷонибаи кишвар саҳмгузор бошад. Дар ин асно ташаббускории амалӣ ва худфаъолиятии хонандагон натиҷаи фаъолияти мақсадноки ҳайати омӯзгорӣ дониста шуда, ин раванд дар арзёбии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҷойгоҳи махсус дорад.

Таҳсилоти иловагӣ, ки ба рушди қобилиятҳои инфиродии ҳар як кӯдак равона шудааст, имконият медиҳад, ки кӯдакон тавассути машғулиятҳои эҷодӣ ва илмӣ, варзиш ва дигар фаъолиятҳои илмиву техникӣ, иқтидори эҷодии худро ташаккул диҳанд. Дар натиҷа, онҳо ҳамчун шахсиятҳои комил, ки дорои хислатҳои инсонии олистанд, ба ҷомеа ворид мешаванд.

Аз ин ҷост, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон аслан ба муносибати эҷодкорона ба кор вобастагии куллӣ дошта, дар ин раванд додани мустақилияти эҷодӣ дар самти андешарониву қарорқабулкунӣ ба таълимгирандагон, ки ба ибораи дигар салоҳиятнокӣ ё худ таълими босалоҳит шуморида мешавад, самарабахш хоҳад буд.

Зеро эҷодкорӣ муҳимтарин хусусияти муҳити таълимии муассисаи таҳсилоти иловагӣ буда, дар он синтези соҳаҳои фаъолият ва муоширати дар фазои худшиносӣ, ки ба завқи кӯдакон мутобиқ гардонида шуда, ба манфиатҳо ва талаботҳои иҷтимоӣ: суръат, сатҳ, ҳаҷми дарк, азхудкунии дониш, малака, тарзи тафаккур ва раванди зарурии эҷодии кӯдакон асос ёфтаанд, боиси самаранокии фаъолияти эҷодӣ мегарданд.

Қобилиятҳо бошанд тавассути ташаккули салоҳиятҳо, ки ба кӯдак имкони мустақил буданро бо роҳи эҳтиром гузоштан ба андешаи фардӣ ва имкони ибрози ақидаву истифода намудани потенсиали зеҳниву ҷисмонии

шахсӣ  фароҳам оварда, метавонанд ба таври назаррас ошкор ва рушд дода шаванд.

Зеро салоҳиятҳои эҷодӣ маҷмуи сифатҳои бисёрҷонибаи шахсият буда, маҷмуи донишҳо, малакаҳо, сифатҳои шахсӣ, таҷрибаи шахсии зеҳнӣ, эҳсосӣ, ахлоқӣ, ихтиёрӣ ва ғайраҳоро дар бар гирифта, бо рушд додани қобилиятҳои эҷоди шахс, имкон медиҳад, ки аксари падидаҳои асил ва ғайримуқаррарӣ дар асоси  идеяҳои нав ба вуҷуд омада, дар давоми ҳаёт рушд намоянду ба ин васила дар замири шахс муносибати эҷодкоронаро ба ҳаёт ташаккул диҳанд.

Таҳлилҳо дар самти мазкур баръало собит намуданд, ки фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ фазои созгори ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон буда, рушди ин низом ногузир мебошад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии мамлакат 28 декабри соли 2023 таъкид намуданд: «…бояд ба масъалаҳои аз такмили ихтисос ва бозомӯзӣ гузаронидани омӯзгорон, рушди таҳсилоти иловагӣ, тақвияти мақоми омӯзгор дар ҷомеа, ҷалби бештари хонандагону омӯзгорон ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамикунонии соҳаи маориф, омода кардани омӯзгорон ва таҷдиди назар кардани стандартҳои касбӣ барои омӯзгорон, нозирон ва такмили муносибати босалоҳият ба таълим эътибори аввалиндараҷа зоҳир гардад» [118].

Натиҷаи ин таваҷҷуҳ ва дастгириҳо дар санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ низ инъикос гардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ» ва Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021 - 2025 гувоҳи ин гуфтаҳо мебошанд.

Дар солҳои охир роҳбарияти кишвар ба масъалаҳои маориф ва тарбияи ҷавонон диққати ҷиддӣ медиҳад, ки ин махсусан дар дастгирии хонандагони боистеъдод ва ҳавасмандсозии онҳо дар самти амиқ омӯхтани

дастовардҳои илму донишҳои замонавӣ, аз худ намудани касбу ихтисосҳои техникиву технологӣ, машғул гардидан ба фаъолияти инноватсиониву ихтироъкорӣ, инчунин доштани масъулияти баланди шаҳрвандӣ мушоҳида мегардад. Дар ин баробар, ба рушди малакаҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон таваҷҷуҳи хосса зоҳир мешавад ва барои ин шароите ташкил карда мешаванд, ки ба ошкор сохтани потенсиали онҳо мусоидат мекунанд. Нақши муҳимро дар ин раванд ҳамкорӣ байни муассисаҳои таълимӣ бо оилаҳо ва ҷомеа мебозад, ки ин ба ташаккули муносибати мукаммал ба тарбия ва таълим кумак мерасонад. Тақвият додани ҳамкориҳо байни мактаб ва оила имкон медиҳад на танҳо сатҳи дониши хонандагонро баланд бардорем, балки арзишҳои ахлоқии онҳоро низ тақвият диҳем.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки он:**

- ба талаботи афзояндаи ҷомеаи муосир оид ба рушди тафаккури эҷодӣ дар баробари азхудкунии донишҳои асосӣ ҷавобгӯ мебошад;
- имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагиро барои татбиқи равишҳои чандир ва методҳои инноватсионӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ нишон медиҳад;
- ба ташаккули шароитҳои педагогии самарабахш, ки ба рушди салоҳиятҳои эҷодӣ дар хонандагон мусоидат мекунанд, равона шудааст;
- муҳим будани ҳамкорӣ ва фаъолияти якҷояи тамоми ниҳодҳои ҷамъиятӣ, аз қабили муассисаҳои таълимӣ, омӯзгорон, оила ва аҳли ҷомеаро дар самти кор бо хонандагони дорои салоҳиятҳои эҷодкорӣ ва дарёфти роҳҳои муассири рушди қобилиятҳои онҳо таъкид менамояд;
- дар амалияи педагогӣ ба таври васеъ ва мукаммал истифода намудани захираҳои иттилоотӣ-рақамиро пешбинӣ менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон яке аз мавзуъҳои калидӣ дар соҳаи педагогика ва равоншиносӣ ба ҳисоб меравад. Асарҳои олимони намоёни ватанӣ ва байналмилалӣ, ки ба ин масъала бахшида шудаанд, дар фаҳмиши амиқтари моҳияти эҷодкорӣ ва ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ саҳми назаррас гузоштаанд: А. Нуров [111; 112], А. Байзоев [11], Б. Маҷидова [100], Ғ.Бобизода [16], Д.Имомназаров [56], Қ. Қодиров[79; 80], И.Х. Каримова [61; 62], Л. Иматзода [55], М.

Лутфуллозода [93; 94; 95], Н. Юнусова [192], О. Исломов [59], С.Туронов [164], Ф. Шарифзода [183; 184, 185], Ф.Гулмадов [37], Х. Раҳимов[127], Ҷ. Файзализода [171], Ш. Шаропов [186] ва дигарон бахшида шудаанд.

Ҳамзамон, дар мамлакатҳои хориҷӣ, масъалаи салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон ба таври васеъ тавассути асарҳои олимони намоён таҳқиқ шудааст: А Савенков [134; 135], А. Матюшкин [98; 99], А.Бруднов [21; 22], А.В.Усова [167], А.К.Ковалев [65], А.Н. Леонтев [89], А.Я.Журкина [49], Р. Немов [107], Б.Г.Ананев [5], Б.М.Теплов [158; 159], Б.П.Никитин [110], В. Скачков [139], Е.Б.Евладова [44; 45], В.А.Горский [34], И.Р.Левина [86], А.Петровский [120], В.А.Сухомлинский [156], В.Абраухова [1], В.Г.Грязева [36], В.И. Андреев [6], В.Панова [119], Д.Б. Богоявленская [17;18;19;20], Ҷ.Гилфорд [31; 32], И.П.Иванова [53], К. Платонов [121], Л.С.Виготский [26; 27], Н. Артемкина [9], В.Березина [15], Н. Лейтес [87; 88], Н. Шумакова [188], Н.Е.Шуркова [189], Н.С.Лернер [90], С.Л.Рубинштейн [132; 133], Э.А.Шатских [187], Э Яковлева [193] ва Я.А.Пономарев [122].

Агарчи, то ба имрӯз ҷанбаҳои мухталифи масъалаҳои вобаста ба шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон мавриди таҳқиқ қарор гирифта бошанд ҳам, вале ҳанӯз масъалаҳои зиёди ташкили фаъолиятҳои ҳадафноки ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба таври кофӣ омӯхта нашудаанд.

Ҳамин тавр, новобаста аз сатҳи омӯзиши ҷиҳатҳои гуногуни мавзуи таҳқиқот оид ба шароити педагогии ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҳанӯз **ихтилофоти зерин** мавҷуданд:

- дар фаҳмиши мафҳуми салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон;

- байни зарурати равиши инфиродӣ ба ҳар хонанда дар раванди ташаккули салоҳиятҳои эҷодкорӣ ва шаклҳои оммавии мавҷудаи ташкили раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ;

- байни аҳамияти баланди салоҳиятҳои эҷодкорӣ дар ҷомеаи муосир ва сатҳи нокифояи рушди онҳо дар хонандагон;

- байни хоҳиши ташкили муҳити таълимии эҷодкорӣ ва маҳдуд будани захираҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ;

- байни зарурати дастгирии худмустақилии хонандагон дар раванди ташаккули салоҳиятҳои эҷодкорӣ ва равишҳои анъанавии назорати педагогӣ;.

- байни тағйироти босуръат дар талаботи таълимӣ ва касбӣ ба малакаҳои эҷодкорӣ ва навсозии сусти барномаҳои таҳсилоти иловагӣ;

Таҳқиқи ин ихтилофҳо боис гардидааст, ки мавзӯи тадқиқоти рисолаи мазкур ба таври зайл: «Шароитҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ» номгузорӣ шавад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ.**

Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи педагогика ва психологияи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии Академияи таҳсилоти Тоҷикистон амалӣ гардидааст. Ин таҳқиқот ба масъалаҳои «Муносибати босалоҳият ба таълим дар таҳсилоти миёнаи умумӣ», «Асосҳои педагогӣ ва психологии ҳамкории мактаб, оила ва ҷомеа дар раванди таълими салоҳиятнок» ва «Методологияи кор бо кӯдакони болаёқат ва боистеъдод дар муассисаҳои таълимӣ» равона шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Муайян, ошкор, таҳлил ва асоснок кардани шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба ҳисоб меравад.

**Вазифаҳои таҳқиқот**. Барои ноил гардидан ва дар амал татбиқ намудани мақсади кори илмӣ-таҳқиқотӣ иҷрои вазифаҳои зерин пешбинӣ шудаанд:

1. Арзёбии шароитҳои мавҷудаи педагогии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар самти фароҳам овардани муҳити ба рушди салоҳиятҳои эҷодкорӣ мусоидаткунанда.

2. Таҳлили асосҳои назариявӣ-методологии шароитҳои педагогии ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ.

3. Таҳия ва татбиқи методикаи ҳамгиро намудани фанҳои креативӣ ба самтҳои асосии барномаи таълимӣ бо мақсади рушди тафаккури эҷодӣ тавассути дохил кардани унсурҳои эҷодӣ ба фанҳои анъанавӣ ва ҳамкорӣ байнифаннӣ.

4. Таҳқиқи таъсири эҷоди ҳолатҳои таълимӣ, ки ба ҳалли вазифаҳои ғайримуқаррарӣ равона шудаанд, барои инкишофи тафаккури эҷодии хонандагон ва таҳлили самаранокии супоришҳо ва лоиҳаҳои талабкунандаи равишҳои ғайристандартӣ ва ҳалли эҷодии масъалаҳо.

5. Таҳия ва омӯзиши шароитҳое, ки ба худтаҳлили доимии роҳи эҷодии донишҷӯён мусоидат мекунанд, бо мақсади арзёбии нақши рефлексия дар рушди огоҳонаи салоҳиятҳои эҷодӣ ва муайян кардани самтҳои рушди шахсӣ.

6. Ташкил ва баргузории озмоиши педагогӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии ҳудуди пойтахт ва ноҳияҳои он вобаста ба динамикаи ташаккулёбии салоҳиятҳои эҷодкорӣ.

7. Арзёбии натиҷаҳои озмоиши педагогии гузаронидашуда дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва дар асоси он коркарди тавсияҳои методӣ ва нашри мақолаву маърузаҳо.

8. Коркард намудани механизми таҳия ва қабули стандартҳои таълимӣ барои маҳфилҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва барномаҳои таълимӣ барои омӯзгорони ин муассисаҳо.

9. Ворид намудани тағйироти дахлдор ба барномаҳои таълимии маҳфилҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҷиҳати ташхиси сатҳи салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон ва дарёфти роҳу усулҳои ташаккул додани онҳо дар машғулиятҳои таълимии маҳфилҳо.

**Объекти таҳқиқот** - равандҳои педагогиии ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ.

**Мавзуи (предмети) таҳқиқот** – шароитҳои педагогиии ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ.

**Фарзияи таҳқиқот:** салоҳияти эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар сурати мавҷуд будани шароитҳои ташкилию педагогии зерин самаранок ташаккул меёбанд, агар:

- истифодаи технологияҳо ва усулҳои гуногуни педагогӣ, ки ба рушди салоҳиятҳои эҷодӣ равона шудаанд, бо ворид кардани шаклҳои интерактивии таълим, фаъолиятҳои лоиҳавӣ ва усулҳои мушкилотталаб дар ҷараёни дарсӣ, ки тафаккури эҷодӣ ва қобилияти тавлиди идеяҳоро инкишоф медиҳанд;

- диққат дода шавад ба хусусиятҳои инфиродӣ, манфиатҳо ва қобилиятҳои ҳар як хонанда, ки имкон медиҳад равиши шахсисозишуда дар ташаккули малакаҳои эҷодӣ татбиқ шавад, дар натиҷа ташаббус ва лоиҳаҳои мустақили эҷодии онҳо бештар дастгирӣ меёбанд ва рушди салоҳиятҳои эҷодӣ самараноктар мегардад;

- омодасозии касбии омӯзгорон барои кор бо салоҳиятҳои эҷодӣ ва баланд бардоштани донишу малакаҳои онҳо дар соҳаи рушди эҷодкорӣ, аз ҷумла омӯзиши мунтазами онҳо бо методикаҳо ва воситаҳои муосир барои ҳавасманд кардани тафаккури эҷодӣ дар кӯдакон;

- шароити ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмии хонандагон дар гурӯҳҳо ташкил карда шавад, зеро кори дастаҷамъона ва фаъолиятҳои эҷодии гурӯҳӣ ба тавсеаи қобилияти тавлиди идеяҳо, мубодилаи таҷриба ва ҳалли мушкилот мусоидат мекунад ва ҳамзамон тафаккури эҷодиро рушд медиҳад;

- ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ ва иттилоотӣ дар раванди таълим, зеро истифодаи воситаҳои муосири рақамӣ барои эҷоди лоиҳаҳои мултимедиявӣ ва визуализатсияи идеяҳо имкониятҳои иловагӣ барои худифшории эҷодӣ фароҳам меорад ва роҳҳои нави рушди тафаккури эҷодиро фароҳам месозад;

- дастгирии мунтазами дастовардҳои эҷодии хонандагон тавассути озмунҳо, намоишгоҳҳо, лоиҳаҳо ва дигар шаклҳои эътирофи ҷамъиятӣ, ки ҳавасмандии хонандагонро барои рушд ва ташаббус нишон додан тақвият медиҳад;

- таъмини чандирии барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ, ки барномаҳои таълимӣ бояд мутобиқшаванда бошанд, то тавонанд ба тағйирот дар

манфиатҳо ва талаботи хонандагон зуд вокуниш нишон диҳанд ва бо ин роҳ равиши эҷодиро дар таълим дастгирӣ кунанд;

- интегратсияи фанҳои эҷодӣ ба барномаҳои асосии таълимӣ, то эҷоди ҷанбаҳои эҷодӣ дар фанҳои анъанавӣ ва ҳамгироии онҳо бо дигар фанҳо тафаккури эҷодиро дар ҳамаи ҷанбаҳои раванди таълим ҳавасманд кунад;

- эҷоди вазъиятҳое, ки ҳалли масъалаҳои ғайристандартиро тақозо мекунанд, зеро раванди таълим бояд вазифаҳо ва лоиҳаҳоро дар бар гирад, ки аз хонандагон ҳалли эҷодӣ ва ғайриоддии мушкилотро талаб кунад;

- шароити мунтазами худтаҳлилӣ барои хонандагон фароҳам мешавад, ки ин ба рушди огоҳонаи салоҳиятҳои эҷодӣ мусоидат мекунад, зеро рефлексия ба онҳо дар фаҳмидани қувваҳои худ ва соҳаҳои зарурии рушд кӯмак мерасонад;

- дастгирии фаъолиятҳои таҷрибавӣ ва ҳавасмандкунии озмоишҳо дар самтҳои гуногуни эҷодӣ, ки ба хонандагон дарёфти роҳу усулҳои нави корро осон мекунад ва ба ин васила малакаҳои эҷодии онҳоро рушд медиҳад;

- ташкили раванди таълимӣ бо мақсади фароҳам овардани имкони ҳамкории хонандагон бо соҳаҳои гуногуни дониш, ки ин ба ҳамгироии малакаҳо аз фанҳои мухталиф барои тавлиди идеяҳои нав ва ҳалли мушкилот мусоидат мекунад.

**Марҳилаҳои таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар се марҳила, дар давоми солҳои 2020 то 2023, гузаронида шуд.

***Марҳилаи якум (2020-2021):*** Дар ин марҳила таҳлили амиқи адабиёти илмии педагогӣ ва психологӣ гузаронида шуда, маводҳои назариявӣ ва амалӣ марбут ба мавзӯи таҳқиқот ҷамъоварӣ гардиданд. Таҷрибаҳои пешрафтаи педагогӣ таҳлил гардида, маводҳои илмӣ ва амалӣ вобаста ба мавзӯи тадқиқот мавриди баррасӣ қарор гирифтанд. Хусусиятҳо ва заминаҳои раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтанд. Ҳамзамон, сохтори умумии диссертатсия, инчунин мавзӯъ, ҳадаф, вазифаҳо, фарзия ва методҳои тадқиқотӣ муайян карда шуданд.

***Марҳилаи дуюм (2021-2022):*** Дар ин марҳила шаклҳо, мазмун ва роҳу воситаҳои муассири ташаккули салоҳияти эҷодии хонандагон дар

муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ муайян карда шуданд. Фарзия ва ҷиҳатҳои инноватсионии тадқиқот дақиқ гардида, корҳои амалӣ ба тaври фаъол шурӯъ шуданд. Натиҷаҳои илмии бадастомада таҳлил ва ба низом даровapдa шуданд. Дастурҳои методӣ барои рушди салоҳияти эҷодӣ дар раванди таълим таҳия гардида, чорабиниҳои маърифатӣ ва фарҳангӣ ташкил карда шуданд. Иштироки хонандагон дар ин чорабиниҳо таҳлил шуд, то самаранокии равандҳо аён гардад.

***Марҳилаи сеюм (2022-2023):*** Натиҷаҳои тадқиқоти амалии анҷомшуда таҳлил гардида, ба низоми ягонаи таҳқиқот ворид карда шуданд. Дар натиҷа, хулосаҳои асосӣ бар асоси маълумоти таҳлилшуда ҳосил гардида, тавсияҳо ва пешниҳодҳои илмӣ таҳия ва санҷида шуданд. Самаранокии усулҳои педагогӣ дар ташаккули салоҳияти эҷодии хонандагон арзёбӣ шуда, матни пурраи рисолаи диссертатсионӣ ба шакли ниҳоӣ омода ва таҳрир гардид.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро** осорҳои илмии олимони ватанӣ ва хориҷӣ оид ба мавзуи таҳқиқшаванда ташкил медиҳад. Мушкилоти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар асарҳои илмии олимони шинохта мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст, ба мисли:

- оид ба ташаккули салоҳияти эҷодкорӣ дар фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ (А.Б.Фомина [175], А.К.Бруднов [21], А.Я.Журкина [49], В.А. Березина [15], В.А.Горский [34], Д. Имомназаров [56], И.Х. Каримова [61; 62], С.В.Салтсева [136], Ҳ. Искандаров [58], Ш. Шаропов [186]);

- назарияҳои педагогии ташаккули қобилияти эҷодӣ (Б.Г. Ананиев [5], Ҷ. Гилфорд [31; 32], Н.С. Лейтес [87; 88], А.Н. Леонтьев [89], Р.С. Немов [107], К.К. Платонов [121], С.Л. Рубинштейн [132; 133], Б.М. Теплов [158; 159]);

- асарҳои олимони соҳаи равоншиносӣ (Д.Б.Богоявленская [17;18;19], Л.С.Выготский [26;27], Ҷ.Гилфорд [31; 32], В.В.Давидов [38], А.Н.Леонтьев [89], А.Маслоу [97], О. Тихомиров [161], С.Л.Рубинштейн [132; 133], Б.М. Теплов [158;159]);

- таҳқиқот дар соҳаи ташхиси педагогӣ (Б. Маҷидова [100], В. Козленко [67;68], Ғ.Бобизода [16], Е. Туник [162;163], К.Ингенкамп [57], М.

Лутфуллозода [93;94;95], К. Платонов [121], Н. Фетискин [174], Ф. Гулмадов [37], Ф. Шарифзода [183;184;185] ва дигарон).

- мақолаҳои илмӣ оид ба асосҳои назариявӣ ва методикаи ташаккул ва рушди таҳсилоти иловагӣ (В.В. Абраухова [1], В.А. Березина [15], В.К. Бруднов [21;22], Д.Н. Грибов [35], Е.Б. Евладова [44;45], А.В. Скачков [139], Н.А. Чернова [181]);

**Сарчашмаи маълумотро** осори фалсафӣ, таърихӣ, психологӣ ва педагогӣ, инчунин санадҳои меъёрие, ки фаъолияти касбӣ ва педагогиро дар соҳаи маориф танзим мекунанд, ташкил медиҳанд. Аз ҷумла, ин манбаъҳо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Стандарти давлатии таҳсилот, Стратегияи миллии рушди маориф то соли 2030, консепсияҳо, барномаҳои мақсадноки давлатӣ ва дигар санадҳои меъёрӣ мебошанд. Ин ҳуҷҷатҳо талабот ва тағйирот дар амалияи таълиму тарбияро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос намуда, ҳамзамон ба таҷрибаи пешқадами педагогии омӯзгорон асос меёбанд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқотро** маълумоти ба даст овардашуда ҳангоми гузаронидани пажуҳиш ва таҳлил вобаста ба мавзуи баррасишаванда ба даст омадаанд, дар бар мегирад. Ҳамзамон мазмуни таҳқиқотро маълумоти зерин ғанӣ ва илман асоснок намудааст: натиҷаҳо ва таҳлили пурсишноҳаои гузаронидашуда миёни таълимгирандагони маҳфилҳои таълми иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии ноҳияҳо ва шаҳри Душанбе, фикру ақидаи волидони онҳо, инчунин пешниҳод ва тавсияҳои омӯзгорон, равоншиносон, мураббиён ва ҳайати маъмурияти мактабҳо ва муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ. Инчунин мушоҳида, таҳлилҳои анҷомдодашуда ва озомиши гуазронидашуда маълумоти мубрами илмӣ ва таҳқиқотиро ҳосил намуд. Ҳамаи маълумоти бадастомада имкон доданд, ки динамикаи рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон арзёбӣ ва гипотезаи таҳқиқот тасдиқ карда шавад.

**Пойгоҳи таҳқиқот**. Корҳои асосии таҳқиқотӣ дар заминаи Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» ва Муассисаи

давлатии таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе анҷом дода шудаанд.

**Навгониҳои илмии таҳқиқот:**

- модели баҳодиҳии рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон, ки омилҳои сифатӣ ва миқдориро дар бар гирифта, усулҳои хударзёбӣ, мушоҳида ва арзёбиҳои ташхисиро истифода мебарад, муайян ва асоснок гардид;

- бори аввал методикаи ташкили шароити ҳамкорӣ ва ҳамдигарфаҳмии хонандагон дар кори гурӯҳӣ пешниҳод шудааст, ки на танҳо ба рушди қобилияти тавлиди идеяҳо ва мубодилаи таҷрибаҳо мусоидат мекунад, балки тафаккури эҷодиро тавассути фаъолияти дастаҷамъона фаъол месозад;

- зарурати дастгирии мунтазами дастовардҳои эҷодии хонандагон тавассути шаклҳои гуногуни эътирофи ҷамъиятӣ (озмунҳо, намоишгоҳҳо, лоиҳаҳо) асоснок карда шудааст, ки ин ба тақвияти ҳавасмандии онҳо барои худтакмилдиҳӣ ва нишон додани ташаббус мусоидат мекунад.\

- бори аввал консепсияи чандирии барномаҳо ва нақшаҳои таълимӣ пешниҳод шудааст, ки имконияти мутобиқ кардани раванди таълимро ба тағйирёбии манфиатҳо ва талаботи хонандагон фароҳам меорад ва ба ин васила равиши эҷодиро дар омӯзиш дастгирӣ намуда, шароитҳои рушди ҳамаҷонибаи онҳо таъмин карда мешавад.

- усулҳои инноватсионии таълим, такмили маҳорати касбии омӯзгорон ва ташкили фазои мусоиди таълимӣ ҳамчун муҳияти ягонаи ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон таҳлил карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Муқаррар карда шуд, ки яке аз роҳҳои самаранок ташхис намудани салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакону наврасон ин баргузор намудани озмуну мусобиқаҳои гуногуни илмиву эҷодӣ, фаннӣ, варзишӣ ва ҳунарӣ ба ҳисоб меравад.

2. Муайян ва аз ҷиҳати назариявӣ асоснок карда шуд, ки шароитҳои калидӣ барои ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ аз муҳити ҳавасмандкунандаи таълимӣ, инфиродикунонии раванди таълим, истифодаи технологияҳои

муосири педагогӣ ва воситаҳои рақамӣ, инчунин ҳамкории фаъол дар гурӯҳҳо иборатанд.

3. Муайян карда шуд, ки ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ дар шароити кори дастаҷамъона, ки дар он хонандагон дар гурӯҳҳои хурд ҳамкорӣ мекунанд ва ташаббус ва худмустақилии шахсӣ дастгирӣ меёбанд, самараноктар сурат мегирад.

4. Усулҳо ва шаклҳои нави кор бо хонандагон таҳия ва санҷида шуданд, ки эҷоди вазъиятҳое, ки ҳалли масъалаҳои ғайристандартиро дар машғулиятҳои иловагӣ ва баргузории чорабиниҳои фарҳангиву бадеӣ талаб мекунад;

5. Муайян шуд, ки сифати касбӣ ва шахсии омӯзгор, аз ҷумла омодагии ӯ ба навовариҳо, дастгирии ташаббусҳои эҷодӣ ва малакаи ташкил кардани муҳити эҷодӣ, омилҳои калидӣ дар рушди муваффақонаи эҷодкории хонандагон мебошанд.

**Аҳамияти назариявии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки он дар ғанӣ гардидани назария ва амалияи таҳсилоти педагогӣ бо дониши муосири илмӣ мусоидат мекунад. Дар таҳқиқот консепсияҳои асосии марбут ба рушди потенсиали эҷодӣ дақиқ карда шуда, шароитҳои нави ташкилӣ ва педагогӣ пешниҳод гардидаанд, ки ба ташаккули самараноки малакаҳои эҷодӣ мусоидат мекунанд. Ҳамин тариқ, таҳқиқот ба рушди соҳаи таълимӣ саҳм гузошта, онро бо донишҳои нав ва фаҳмиши равандҳои ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ғанӣ мегардонад. Ғайр аз ин, онҳо метавонанд ҳамчун асоси муҳим барои таҳқиқоти оянда дар ин самт ё барои омӯзиши масъалаҳои мушаххаси марбут ба мавзӯъ истифода шаванд. Ин натиҷаҳо инчунин метавонанд барои беҳтар намудани барномаҳои таълимӣ ва рушди методикаҳои педагогӣ хидмат намоянд.

**Аҳамияти амалии таҳқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки модели педагогӣ ва методикаи пешниҳодшуда барои ташаккули салоҳиятҳои эҷодкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ татбиқ мешаванд. Методикаҳои ташхисие, ки барои арзёбии сатҳи салоҳиятҳои эҷодии хонандагон таҳия шудаанд, метавонанд аз ҷониби омӯзгорон ва

муассисаҳои таълимӣ барои назорат ва мониторинги самаранокии барномаҳои таълимӣ истифода шаванд. Ин методикаҳо ба омӯзгорон кӯмак мекунанд, то пешрафти хонандагонро арзёбӣ намуда, раванди таълимро бо дарназардошти натиҷаҳои бадастомада мувофиқ созанд. Натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд барои таҳияи барномаҳои нави таълимӣ ё таҷдиди барномаҳои мавҷуда дар низоми таҳсилоти иловагӣ муфид бошанд, то ки ин барномаҳо бештар ба рушди эҷодкорӣ ва тафаккури эҷодӣ мутобиқ гарданд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мундариҷаи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 60012300 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ (60012301 - Педагогикаи иҷтимоӣ ва худшиносӣ), аз он ҷумла, ба банди 1 - Методологияи таҳқиқи фаъолияти иҷтимоӣ-педагогӣ, моҳият, сохтор, вазифа, принсипҳои онҳо; моделсозии равандҳои иҷтимоӣ-педагогӣ дар муассисаҳои таълимӣ ва банди 4 - Сифати ташкили чорабиниҳои иҷтимоӣ-педагогӣ (технология ва усулҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ; меъёрҳо, нишондиҳандаҳои баҳодиҳии сифати фаъолияти иҷтимоию педагогӣ) мувофиқ мебошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** бо истифодаи усулҳои илмӣ асоснокшудаи ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот, ки ба ҳадаф ва вазифаҳои таҳқиқот мувофиқанд, таъмин мегардад. Дар ҷараёни кор методҳои санҷидашуда, аз қабили мушоҳидаи педагогӣ, пурсишнома ва таҷриба истифода шуданд, ки ба даст овардани натиҷаҳои объективӣ ва боэътимод мусоидат намуданд. Намунаи хонандагон ва омӯзгорон, ки дар таҳқиқот иштирок доштанд, репрезентативӣ буд ва истифодаи дурусти усулҳои таҳлили омории маълумот ба баланд шудани дараҷаи эътимоднокии хулосаҳо мусоидат намуд. Илова бар ин, натиҷаҳо бо мавқеъҳои назариявие, ки дар илми педагогикаи муосир тасдиқ шудаанд, муқоиса гардида, асоснокии маълумоти бадастомадаро тақвият бахшиданд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** аз инҳо иборат аст, ки аз ҷониби муаллиф модели самараноки таълимиву тарбиявӣ ҷиҳати ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар натиҷаи гузаронидани корҳои милмиву таҳқиқотии зиёд коркард, таҳия ва аз оҳомиши педагогӣ бомуваффақият гузаронида

шуд. Қисмати таҷрибавии таҳқиқот ташкил ва гузаронида шуда, натиҷаҳои он имкон доданд, ки динамикаи ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ дар хонандагон ошкор гардад. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот мавриди таҳлил қарор гирифта, дар асоси онҳо хулоса ва тавсияҳо таҳия шуданд, ки ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти омӯзгорон дар рушди салоҳиятҳои эҷодӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ нигаронида шудаанд.

Инчунин, натиҷаҳои ба дастомада дар шакли мақолаҳои илмиву оммавӣ ба нашр расида, муҳтавои асосии рисолаи илмӣ дар чорабиниҳои муҳимми илимиву амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ аз ҷониби муаллиф муаррифӣ карда шуданд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти амалии Муассисаҳои давлатии “Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе” ва “Маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансур” мавриди корбарӣ қарор дода шуданд. Ҳамзамон, дар ин муассисаҳо модели таҳиянамудаи муаллиф дойир ба самаранок ташаккул додани салоҳиятҳои эҷодкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мавриди озмоиш ва пужуҳиши илмӣ қарор дода шуда, натиҷаи он дар диссертатсия ҷамъбаст карда шуданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 18 интишороти муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз онҳо 6 номгӯй дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, ду боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда, ки 196 саҳифаи чопи компютериро ташкил медиҳанд, иборат буда, 8 расму диаграмма ва 11 ҷадвалро дар бар гирифтааст. Феҳристи адабиёт фарогири 198 номгӯй мебошад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДКОРИИ ХОНАНДАГОН ДАР МУАССИСАҲОИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ

## 1.1. Асосҳои педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон.

Соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун дастоварди беназири таърихӣ мамлакати моро узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гардонида, ба шаҳрвандони мо имкон фароҳам овард, ки аз арзишҳои илмиву маънавии пешрафати ҷаҳонӣ барои рушди иқтисодиву иҷтиомии кишвар ба васеъ истифода намоянд. Бешубҳа, дар ин раванди тақдирсоз бо инобати тағйироти ҷомеаи муосир, шахсияти соҳибистеъдод ва дорои қобилиятҳои баланди эҷодӣ нақши марказиро касб мекунад. Ин шахсият, ки бо андешаву шуурнокии наве, ки ба талаботи замон ҷавобгӯ аст, фарқ мекунад, қобилияти мустақилияти интихобу амалро доро мебошад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи дарёфту рушди истеъдодҳо ва дастгирии хонандагони болаёқат таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, ҳангоми суханронӣ дар маросими ифтитоҳи муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии №55 дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе, 28 августи соли 2018 таъкид намуданд, ки «Дигар вазифаи муҳимми аҳли маориф дарёфт ва тарбияи истеъдодҳо ва ихтироъкорону эҷодкорон аз миёни наврасону ҷавонон мебошад.

Бо мақсади тарбияи шахсиятҳои дорои ҷаҳонбинии муосиру пешрафта ва ҳисси баланди миллӣ, худогоҳу худшинос ва ба хотири фароҳам овардани шароити мусоид барои дастгирии хонандагони болаёқат ҳоло барномаи алоҳидаи давлатӣ татбиқ шуда истодааст.

Дар доираи барномаи мазкур ба масъалаҳои боз ҳам баланд бардоштани сатҳу сифати таҳсилот, малакаи касбии омӯзгорон ва таъминоти муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоту технологияҳои муосир аҳаммияти махсус дода мешавад» [151].

Ҳамчунин вобаста ба муҳим будани ташхису муайянсозӣ ва дарёфти қобилияти хонандагон аз синни хурдсолӣ Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар вохӯрӣ бо олимони кишвар 18 марти соли 2020 қайд намуданд, ки «Дигар нуктаи муҳим ин аст, ки мо бояд бо такя ба таҷрибаи ҷаҳони муосир интихобу тарбияи кӯдакони болаёқату боистеъдодро аз муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ оғоз кунем ва таълими онҳоро мақсадноку дурбинона ба роҳ монем» [152].

Дар ҷаҳони босуръат рушдёбандаи имрӯза, ки бо таҳаввулоти пайваста ва тағйироти гуногун рӯбарӯ аст, салоҳияти эҷодкорӣ ба як маҳорати хеле арзишманд табдил ёфтааст. Он барои навоварӣ, ҳалли масоили мураккаб ва пешрафти ҳамаҷонибаи ҷомеа аҳамияти ҳалкунанда дорад. Бо дарки аҳамияти қобилияти эҷодкорӣ, муассисаҳои таълимӣ ҳоло ба рушди салоҳиятҳои эҷодкорӣ дар байни хонандагон тамаркуз мекунанд.

Бо назардошти аҳамияти баланд ва зарурати рушди истеъдодҳо, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Қарори худ аз 3 апрели соли 2021, №113 «Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои солҳои 2021-2025»-ро тасдиқ намуд. Ин барнома бо ҳадафи дарёфт, дастгирӣ ва рушди хонандагони боистеъдод таҳия шуда, шароити мусоиди таълимию тарбиявиро барои ташаккули таҳсили муттасил ва амалӣ намудани салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон фароҳам меорад.

Эҷодкорӣ ва зарфиятҳои зеҳнӣ ду мафҳуми алоҳидаанд. Эҷодкорӣ на танҳо ба сатҳи баланди интелектуалӣ вобаста аст, балки ҳамчунин бо имкониятҳои шахсӣ, навоварӣ ва диди ғайриоддӣ дар ҳалли масъалаҳо иртибот дорад. Усулҳои анъанавии баҳодиҳии зеҳнӣ на ҳамеша қобилияти эҷодиро пурра арзёбӣ мекунанд ва он далолат медиҳад, ки барои муайян кардани истеъдод ва эҷодкории хонандагон равишҳои нав ва фарогир лозим ҳастанд [54, 176].

Эҷодкорӣ як мафҳуми мураккаб ва гуногунҷанба аст, ки аз ҷониби олимони гуногун аз нуқтаи назари гуногун омӯхта ва муайян карда шудааст. Мафҳуми эҷодкорӣ (аз калимаи лотинии Creatio - эҷодкунӣ, офариниш), ки шабеҳи мафҳуми «қобилияти эҷодкорӣ» аст, бо эҷодкорӣ, фаъолияти эҷодӣ зич алоқаманд буда, чизи сифатан нав тавлид мекунад (ё барои эҷодкор ё гуруҳ ё дар маҷмӯъ ҷомеа. Эҷодкорӣ инчунин қобилияти иҷро кардан ё ба

тарзе амалӣ кардани чизи нав ҳисобида мешавад: ҳалли нави масъалаҳо, усул ё асбоби нав, асари нави санъат ва ғайра. [75, 196-198]. Он аксар вақт ҳамчун қобилияти тавлиди ғояҳо, қарорҳо ё маҳсулоти нав ва арзишманд тавсиф карда мешавад. Мувофиқи Тереза Амабайл (1983), эҷодкорӣ истеҳсоли ғояҳо ё натиҷаҳоро дар бар мегирад, ки аслӣ ва дар заминаи муайян мувофиқанд. Ин таъриф аҳамияти ҳам навоварӣ ва ҳам аҳамияти тафаккури эҷодиро таъкид мекунад [195, 301].

Бори аввал мафҳуми эҷодкорӣ аз тарафи Д.Симпсон соли 1922 барои муайян кардани қобилияти шахс бароидаст кашидан аз тарзи тафаккури қолабӣ (стереотипӣ) истифода бурда буд. Аммо фаъолона омӯхтани эҷодкорӣ аз ҷониби психологҳо аз нимаи дуюми асри XX оғоз ёфт. Дар айни замон, перомуни мафҳуми «эҷодкорӣ» нуқтаҳои назари мухталиф мавҷуданд. Ва, дар ин робита, таърифҳои зиёди ин мафҳум дида мешаванд. Ҳамаи ин ба нокифоя омӯхта шудани ин масъала аст алоқаманд аст.

Эҷодкорӣ ин хосияти ақл аст, ки ба ҳар як инсон хос аст, аммо дар ҷараёни тарбия ва рушд дар аксари одамон ин қобилиятҳо дар ҳолати ғайрифаъол қарор доранд. Арзиши беандозаест, ки аз забони англисӣ ҳамчун қобилияти эҷодкорӣ ва имконияти эҷодии шахс тарҷума шудааст. Эҷодкорӣ як ҷузъи муҳими зиндагӣ ва фаъолияти инсон мебошад, ки дар ҳама ҷабҳаҳои ҳаёти рӯзмарра зоҳир мешавад. Ин қобилият метавонад дар намудҳои гуногун ва вазъиятҳои ҳаётӣ нақши калидӣ бозад, [105, 187].

Эҷодкорӣ бо соҳаҳои бадеӣ ё эстетикӣ маҳдуд намешавад; Он метавонад дар дилхоҳ соҳаҳои фаъолияти инсон татбиқ карда шавад. Он равандҳои гуногуни маърифатиро фаро мегирад, ба монанди тафаккури гуногунҷабҳа, ҳалли мушкилот ва тафаккури ассотсиативӣ. Он инчунин ҷанбаҳои аффективӣ ва ҳавасмандкунанда, аз қабили кунҷковӣ, ҳавасмандии дохилӣ ва эҳсоси хатарро низ метавонад дар бар гирад.

Дар бораи шахси эҷодкор ду нуқтаи назари асосӣ мавҷуд аст:

1. «Эҷодкорӣ» (қобилияти эҷодӣ) ба ҳар як шахси муқаррарӣ хос аст. Он ҳамчунин аз инсон чун қобилияти фикр кардан, сухан гуфтан ва эҳсос намудан ҷузъи ҷудонашаванда аст. Ҳамзамон, арзиши натиҷаи фаъолияти эҷодкорӣ аҳамияти махсус надорад, чизи асосӣ он аст, ки натиҷа бояд барои

худи шахси «эҷодкор» нав ва муҳим бошад. Ҳалли мустақилона ва аслии масъала аз тарафи хонандае, ки ҷавоб дорад, амали эҷодӣ хоҳад буд ва ба худи ӯ бояд ҳамчун як шахси эҷодкор баҳо дода шавад.

2. Мувофиқи нуқтаи назари дуввум, на ҳар як шахсро метавон шахси эҷодкор ҳисобид. Азбаски омили муайянкунандаи амали эҷодӣ арзиши натиҷаи нав аст, вай бояд аҳамияти умумӣ, бешубҳа фарҳангӣ, технологӣ ё ягон арзиши дигар дар маҷмӯъ барои инсоният дошта бошад.

Салоҳиятҳои эҷодкорӣ ба малакаҳо, донишҳо ва муносибатҳое дахл доранд, ки ба одамон имкон медиҳанд, ки эҷодкорона фикр кунанд ва амал кунанд. Онҳо аз доираи қобилияти эҷодии оддӣ берун мераванд ва истифодаи ин қобилиятҳоро дар ҳолатҳои воқеӣ дар бар мегиранд. Салоҳиятҳои эҷодӣ ҳам ҷузъҳои маърифатӣ ва ҳам ғайрикогнитивиро дар бар мегиранд.

Салоҳиятҳои эҷодкорӣ маҷмӯи қобилиятҳо ва хусусиятҳои шахсиятиро дар бар мегиранд, ки шахсро ба навоварӣ ва ихтироъкорӣ равона мекунанд. Ин салоҳиятҳо метавонанд тавассути ҷузъиёти зерин муайян карда шаванд:

- **Маҳорати дарк кардани навгониҳо:** Қобилияти пай бурдан ба унсурҳои ғайриоддӣ ва нодир дар муҳити атроф ва истифодаи онҳо барои эҷоди чизи нав.
- **Майл ба донишандӯзӣ:** Талоши пайваста барои дарёфт ва омӯзиши донишҳои нав, ки метавонад ба рушд ва такомули эҷодкорӣ мусоидат кунад.
- **Тафаккур ва фаъолнокии амалӣ:** Иқтидори зеҳнӣ барои сохтани идеяҳои нав ва татбиқи онҳо дар амал, ки ба навоварӣ ва пешравӣ дар соҳаҳои гуногун мусоидат мекунад.
- **Маҳорати пайдо кардани ҷузъиёти нав аз ашё ва падидаҳои муқаррарӣ:** Қобилияти таҳлили амиқи ашё ва падидаҳо, кашфи имкониятҳои нави истифодабарии онҳо дар шароити нав.
- **Майл ба навоварӣ ва ихтироъкорӣ:** Тамоюл ва ҳаваси доимӣ ба таҷриба ва офаридани чизи нав, ки аз меъёрҳои мавҷуда берун мебошад.

- **Маҳорати дар амал татбиқ намудани таҷриба ва донишҳои ҳосилшуда:** Иқтидори истифодабарии самараноки дониш ва таҷрибаи қаблан ҳосилшуда дар таҳияи ҳалли масъалаҳои нав ва эҷоди маҳсулоти нав.
- **Озодӣ ва васеъ будани доираи тасаввурот:** Қобилияти васеъ ва озод андешидан, ки ба эҷоди идеяҳои ғайриоддӣ ва истифодаи хаёлот барои пайдо кардани роҳҳои ҳалли нав мусоидат мекунад.
- **Эҳсос, хаёлот ва фаҳмиши ғайримуқаррарӣ:** Қобилияти таҷассум ва истифодаи ҳиссиёт, тасаввурот ва фаҳмишҳои ғайриоддӣ барои офаридани навовариҳо ва кашфиётҳои ҷадид.

Ҳар як аз ин ҷузъиёти салоҳиятҳои эҷодкорӣ ба шахсият имконият медиҳанд, ки дар ҳаёти шахсӣ ва касбии худ комёбиҳои назаррас ба даст орад ва дар рушди ҷамъият саҳми арзанда гузорад.

Ҷузъҳои маърифатии салоҳиятҳои эҷодкорӣ қобилияти тавлид ва арзебии ғояҳо, афкори интиқодӣ ва ҳалли мушкилоти мураккабро дар бар мегиранд. Он инчунин дониш ва фаҳмиши мафҳумҳо ва принсипҳои хоси эҷодкориро дар бар мегирад. Масалан, дар соҳаи илм, салоҳиятҳои эҷодӣ қобилияти таҳияи фарзияҳо, тарҳрезии таҷрибаҳо ва таҳлили маълумотро дар бар мегиранд.

Ҷузъҳои ғайрикогнитивии салоҳиятҳои эҷодӣ муносибат, ҷойгиршавӣ ва хислатҳои шахсиро дар бар мегиранд, ки тафаккур ва рафтори эҷодиро дастгирӣ мекунанд. Ба онҳо ошкорбаёнӣ ба таҷрибаҳои нав, таҳаммулпазирӣ ба номуайянӣ, устуворӣ ва худфаъолият дохил мешаванд. Одамоне, ки салоҳияти баланди эҷодкорӣ доранд, эҳтимоли зиед доранд, ки дар баробари мушкилот таваккал кунанд, худро нигоҳ доранд ва дар ҳолатҳои гуногун мувозинатро риоя кунанд.

Рушди салоҳиятҳои эҷодӣ ниёз ба муҳите дорад, ки омӯзишро дастгирӣ ва ҳавасманд мекунад. Якчанд шароитҳои педагогӣ метавонанд ба ин раванд мусоидат намоянд:

1. Ташвиқи истиқлолият ва изҳори фикр: ба хонандагон бояд имкон дода шавад, ки озодона фикр ва андешаҳои худро баён намоянд. Омӯзгорон бояд фазои бехатар ва озодро фароҳам оранд, ки дар он хонандагон бо осонӣ метавонанд эҷодкории худро инкишоф диҳанд.

2. Таҳкими кунҷковӣ ва ҳавасмандии дохилӣ: омӯзгорон бояд усулҳои таълимиро тарҳрезӣ кунанд, ки кунҷковии хонандагонро бедор намуда, ҳавасмандии дохилии онҳоро рушд диҳанд. Ин тавассути вазифаҳои мураккаб, имкониятҳои иктишофӣ ва таъкид ба аҳамияти худи омӯзиш ба даст оварда мешавад.

3.Мусоидат ба тафаккури дивергентӣ ва малакаҳои ҳалли мушкилот: Муаллимон бояд ба хонандагон имконият фароҳам оваранд, ки якчанд қарор ва дурнаморо баррасӣ ва омӯзанд, то ки малакаҳои онҳоро дар ёфтани ҳалли гуногуни мушкилот такмил диҳанд.

4. Муносибати эҷодкорона ба татбиқи барномаҳои таълимӣ: Дар таҳия ва татбиқ намудани барномаҳои таълимӣ барои хонандагон муносибати эҷодкорнаи муаллифон асрори муваффият ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон омӯзгорон дар таълифи барномаҳои таълимӣ бояд малакаҳои тафаккури эҷодӣ ва ҳалли мушкилотро дар тамоми барномаҳои таълимӣ ворид кунанд, робитаҳои байнифанниро инкишоф диҳанд ва муносибати ҳамаҷониба ба омӯзишро дастгирӣ намоянд. Ин равиш имкон медиҳад, ки хонандагон дар ҳама фанҳо, аз ҷумла фанҳои табиатшиносӣ, гуманитарӣ ва иҷтимоӣ, эҷодкориро инкишоф диҳанд.

5. Ташкили муҳити мусоид барои эҷодкорӣ: Муаллимон бояд муҳити таълимиро чунон ташаккул диҳанд, ки дар он хонандагон худро озод ва ташаббускор ҳис кунанд. Ин муҳит бояд шароит фароҳам орад, ки хонандагон бидуни тарс аз нокомӣ таҷриба кунанд, идеяҳои навро озмоиш намоянд ва дар ҷустуҷӯи роҳҳои ғайримуқаррарии ҳалли масъалаҳо бошанд. Муҳити эҷодӣ метавонад ҳам дар синфхона ва ҳам дар фаъолиятҳои беруназсинфӣ ташаккул дода шавад.

6. Пешниҳоди фикру мулоҳизаҳои созанда ва дастгирӣ: муаллимон бояд фикру мулоҳизаҳои саривақтӣ ва созандаеро пешниҳод кунанд, ки на ба натиҷа, балки ба раванд тамаркуз мекунанд. Онҳо бояд хонандагонро ташвиқ кунанд, ки дар бораи тафаккури эҷодии худ фикр кунанд ва ҳангоми зарурат роҳнамоӣ ва дастгирӣ пешниҳод кунанд.

Ташаккули салоҳиятҳои эҷодкорӣ барои омода кардани хонандагон барои рушди шахсӣ дар оянда ва ташаккули маҳорату малакаҳои ҳаётӣ

муҳим аст. Эҷодкорӣ хусусияти модарзодӣ нест, аммо онро тавассути шароити мувофиқи педагогӣ тарбия ва рушд додан мумкин аст. Бо дарки мафҳум ва моҳияти эҷодкорӣ ва салоҳиятҳои эҷодкорӣ, омӯзгорон метавонанд стратегияҳои муассирро барои рушди тафаккури эҷодӣ ва малакаҳои ҳалли мушкилот дар байни хонандагон таҳия кунанд.

Таҳкими салоҳияти эҷодии хонандагон омили калидӣ дар ҷалби онҳо ба фаъолияти самаранок дар шароити рушди босуръати техника ва тағйироти иҷтимоӣ мебошад. Таҳқиқи салоҳияти эҷодкорӣ дар педагогика ва психология масъалаи муҳим ва мураккабест, ки давоми зиёда аз як аср мавриди таваҷҷуҳи муҳаққиқон қарор гирифтааст. Ин таҳқиқот ҷанбаҳои гуногуни равонии инсонро дар бар мегиранд ва равиши муносибати педагогиро низ муттаҳид мекунанд.

Аз нуқтаи назари психология, салоҳияти эҷодкорӣ як маҷмӯи қобилиятҳои зеҳнӣ ва равонӣ мебошад, ки шахсиятро ба навоварӣ ва эҷоди чизи нав ҳидоят мекунанд. Психологон таҳқиқ мекунанд, ки кадом унсурҳо ва омилҳои равонӣ ба рушди эҷодкорӣ мусоидат мекунанд, аз ҷумла: тасаввурот, тафаккури дивергентӣ (тафаккури чандир ва гуногуншакл), мотивасия, эҳсосот ва шароити психосоциалӣ.

Аз нуқтаи назари педагогика, салоҳияти эҷодкорӣ на танҳо як маҷмӯи қобилиятҳои фардӣ, балки як ҷараёни фаъолиятест, ки тавассути муҳити таълимӣ, таъсири педагогӣ ва омилҳои иҷтимоӣ рушд мекунад. Муҳаққиқони педагогика равандҳои таълим ва тарбияро таҳқиқ мекунанд, то роҳҳои самараноки ташаккули қобилияти эҷодии хонандагонро пайдо кунанд. Ин таҳқиқот ба интихоби усулҳои омӯзишӣ, ташкили муҳити мусоид барои эҷодкорӣ, ташаккули худшиносӣ ва худмуайянкунӣ равона шудаанд.

Ҳарчанд пажӯҳишҳои сершумор дар бораи салоҳияти эҷодкорӣ мавҷуданд, якдилии куллӣ дар таърифи дақиқи ин мафҳум дар байни олимон вуҷуд надорад. Моҳияти мураккаби эҷодкорӣ ва салоҳиятҳои марбут ба он боиси андеша ва баҳсҳои гуногун шудааст. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки ба равшан кардани мазмуни мафҳумҳои калидӣ ва таҳияи методологияҳои мувофиқ аҳамияти хоса дода шавад.

Ҷанбаҳои гуногуни масъалаи эҷодиёт ва эҷодкорӣ солҳои зиёд омӯхта шудаанд ва таърихи бою ғанӣ доранд. Эҷодкорӣ ҳамчун субъекти донишҳои илмӣ хусусияти возеҳи худро дорад. Пайдоиши таваҷҷӯҳ ба омӯзиши ин падида аз замонҳои қадим сарчашма мегирад ва бо асрор ва тасаввуфи эҷод алоқаманд аст, ки дар осори Афлотун ва Арасту инъикос ёфтааст.

Ба ақидаи Афлотун, шоир қодир аст танҳо он чизеро эҷод намояд, ки илҳоми ӯ баён мекунад ва шахси эҷодкор ба зарфи холие шабоҳат дорад, ки ба таври ирфонӣ аз илҳом пур мешавад. То ҳол, мулоҳизаҳо вуҷуд доранд, ки эҷодкорӣ ба омӯзиши илмӣ мувофиқ нест, зеро ин як раванди рӯҳонӣ аст ва аз ҷониби акл идора намешавад. Бо ин мавҷудияти таърифҳои зиёди гуногуни эҷодкорӣ ва тафсири моҳияти он, ки ба соҳаҳои гуногуни илмӣ тааллуқ доранд, шарҳ дода мешавад [67, 120].

Омӯзиши таърихи афкори ниёгон ва шахсиятҳои барҷастаи фарҳангӣ, аз ҷумлаи Рӯдакӣ ва Бедил, нишон медиҳад, ки аломатҳои қобилияти эҷодӣ дар шахсиятҳои истеъдодманд дар синни хеле ҷавонӣ зоҳир мешаванд. Ҳамин тавр, маълум аст, ки устод Рӯдакӣ дар синни ҳафтсолагӣ «Қуръон»-ро азбар карда, асосҳои дониш ва забондониро дар ин синни хурдсолӣ ба даст оварда буд. Шоири бузурги дигари форсу тоҷик, Мирзо Абдулқодири Бедил, низ дар синни даҳсолагӣ аллакай шеър эҷод мекард. Ин далелҳо собит мекунанд, ки аломат ва нишондиҳандаҳои қобилияти эҷодӣ дар кӯдакон метавонанд дар синни 7-10 солагӣ зоҳир шаванд.

Таҳаввул ва ташаккули қобилияти эҷодӣ аз ин синн сар карда, то синни 17-18-солагӣ идома меёбад, ки дар ин давра эҷодкорӣ ва истеъдод дар шахс ба шакли устувор ва комилтар зоҳир мешавад. Ин давраҳо барои рушди нерӯи эҷодии шахсият муҳим мебошанд, зеро дар ин давраҳо кӯдак метавонад бо дастгирии муҳити оилавӣ, таълимӣ ва иҷтимоӣ қобилиятҳои эҷодии худро парвариш диҳад.

Бо назардошти ин, омӯхтан ва дастгирӣ намудани кӯдакон ва наврасон дар синни ҷавонӣ барои рушди зарфиятҳои эҷодӣ ва истеъдодҳои онҳо нақши муҳиме дорад. Ин омилҳо метавонанд дар муайян карданиояндаи шахс ва саҳми ӯ дар рушди фарҳанг, илм ва ҷомеа нақши калидӣ бозанд.

Қобили зикр аст, ки ба ошкорсозии лаёқатмандь ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон дар мактаб академик М.Лутфуллоев аҳамияти махсус медод. «Мактаб - ибтидои ҳамаи оғозҳо, аз ин ҷо роҳ на танҳо ба саҳроҳо ва сеххо, на танҳо ба санъат, балки ба лабораторияи олимон сар мешавад, дар ин ҷо майлу рағбатҳои Менделеевҳо ва Ломоносовҳои оянда тавлид мешаванд. Чӣ қадар муҳим аст дар хотир доштан, ки ба хонандагони имрӯза лозим меояд, ки фардо асрори қаъри заминро кушоянд, ба оламҳои нав парвоз кунанд, технологияи комилан нави истеҳсолотро бунёд ва аз худ намоянд! Инро бояд онҳое дар хотир доранд, ки китобҳои дарсӣ менависанд, барномаву нақшаҳо таҳиямекунанд ва онҳое, ки меомӯзонанд. Аз ин ҷо, дар мактаби муосир шароитеро фароҳам овардан зарур аст, ки дар онҳо бачагони мо истеъдоду қобилияти хешро вусъат бахшида тавонанд» [94, 48].

Таълифоти олимони тоҷик, ки ба масъалаҳои ташаккул ва рушди эҷодкории хонандагон ва навъҳои алоҳидаи лаёқатмандӣ бахшида шудаанд, қобили таваҷҷуҳанд. Чунончи, Р. Амонов дар таълифоташ «Нақш ва аҳамияти каломи бадеъ дар мактаби ибтидоӣ» роҳҳои кор бо хонандагонеро, ки дар соҳаи адабиёт лаёқатманданд, тавзеҳ медиҳад: «Хонандагоне ҳастанд, ки на танҳо ба дарку ҳифзи каломи бадеъ майлу рағбат доранд, балки шеър ва ҳикояҳои хурд низ менависанд… Педагог бояд аз рӯи имконият ин ҳолатро дар кори таълимиву тарбиявӣ истифода барад, хонандагонро ба роҳи дуруст ҳидоят намуда, завқашонро ташаккул диҳад… Ҳам дар вақти дарс, ҳам берун аз он омӯзгор бояд барои озодона фикрашонро баён кардани хонандагон фазои мувофиқро фароҳам орад… Имконияти хешро кӯдак асосан дар вақти фориғ аз мактаб амалӣ мегардонад: дар бозиҳо, дар театр, дар қироат ва навиштани шеърҳо» [4,88].

Профессор М.Р.Юлдошева дар таълифоташ вобаста ба нақши мусиқӣ дар рушди салоҳиятҳои аҳамияти махсус додааст. «Дар байни навъҳои гуногуни санъат мусиқӣ бо сатҳи баланди мураккабӣ фарқ мекунад: барои машғул шудан бо он лаёқатмандии хос зарур аст» [191, 42]. Ба андешаи мо нуктае низ муҳим аст, ки барои рушди лаёқатмандӣ кор аз рӯи нақша, ҳадафмандона, дарозмуддат зарур мебошад. «Мусиқачӣ будан душвор аст.

Ин ихтисос меҳнати фидокоронаи тоқатфарсоро тақозо менамояд. Доштани ин ё он қобилият - танҳо ибтидои тамоми кор аст. Агар саъю кӯшиш набошад, истеъдоди фитрӣ пажмурда мегардад» [192,45].

Ҳамин тариқ, идеяи мутобиқати табиӣ ва нақши он дар рушди қобилиятҳои эҷодӣ аз ҷониби бузургтарин намояндаи педагогикаи рус дар асри XIX К.Д. Ушинский, ки мегӯяд «дар раванди таълим ба майлу хоҳиши модарзодии инсон нисбат ба фаъолият ва машғулити алоҳида такя накардан мумкин нест» ҷонибдорӣ ёфтааст [169, 73]. Ин «тухфаи табиат» бояд барои рушди мустақилонаи кӯдак, тарбияи мутаносиби ӯ, майл доштан нисбат ба фаъолият ва машғулияти алоҳида истифода шавад. Аз ин мавқеъ К.Д. Ушинский ҳам ба фаъолияти маърифатии таълимӣ ва ҳам ба проблемаи рушд ва тарбияи кӯдак муносибат кардааст.

Фаъолияти пайвастаи кӯдак, қайд мекунад К.Д.Ушинский, омили ҳалкунандаи тарбияи зеҳнӣ, ахлоқӣ ва рушди ӯ мегардад. Фаъол будан шарти асосии ба таври воқеӣ рушд ёфтан аст. Бисёре аз муҳаққиқон бар онанд, ки давраи мувофиқтарин барои рушди эҷодкорӣ синни калони томактабӣ мебошад.

Муҳаққиқи амрикоӣ Ҷой Гилфорд шаш ҷанбаи эҷодкориро ҷудо кардааст:

1. қобилияти ошкор кардан ва гузоштани масъала;

2. қобилият ба тавлиди ғояҳо - равонӣ;

3. қобилияти тавлиди ғояҳои гуногун - чандирӣ;

4. қобилияти тавлиди ғояҳое, ки аз назари ҷамъиятӣ фарқ мекунанд, ба ангезаҳо ба таври ғайристандартӣ вокуниш нишон медиҳанд - аслият;

5. қобилияти ба такмил додани объект бо роҳи илова кардани тафсилот;

6. қобилияти ҳалли масъалаҳо, яъне қобилият ба таҳлил ва синтез [31, 46].

В.А. Сухомлинский, яке аз педагогҳои маъруфи асри XX ва муаллифи консепсияи тарбияи гуманистӣ, дар фаҳмиши генезиси рушди қобилиятҳои эҷодӣ нақши калидӣ дорад. Ӯ эҷодкориро яке аз самтҳои «наомӯхтаи педагогӣ» меҳисобид, ки дар он имкониятҳои фаровони таълим ва тарбия

ҷой доранд. Ба гуфтаи Сухомлинский, эҷодкорӣ аз он ҷое оғоз меёбад, ки шахсият бо сарватҳои зеҳнӣ ва эстетикӣ, ки қаблан инкишоф ёфта буданд, омезиш меёбад ва тавассути шинохт, азхудкунӣ ва тағйир додани ҷаҳон дар тарзи хоси худ ба онҳо шакл медиҳад. Ин омезиш ва тағйирот, ки дар раванди эҷодӣ сурат мегирад, шахсро бо қаноатмандии маънавӣ таъмин мекунад.

Сухомлинский таъкид мекард, ки илҳоми эҷодӣ на танҳо як раванд, балки як эҳтиёҷи муҳими инсонӣ мебошад. Ин эҳтиёҷ қонеъгардонӣ аз эҷод ва натиҷаҳои он аст, ки дар он шахс қудрат ва имконияти худофариро дарк намуда, аз он чизе ки эҷод мекунад, ба таври амиқ қаноатманд мегардад. Ин қаноатмандӣ на танҳо як эҳсоси муваққатӣ, балки як сарчашмаи амиқи қувват ва илҳом барои фаъолияти минбаъдаи эҷодӣ ва шахсӣ мебошад.

Бо ин андешаҳо, Сухомлинский нишон медиҳад, ки эҷодкорӣ на танҳо як воситаи рушди шахсият, балки як ҷанбаи амиқи ҳаёти инсонӣ аст, ки ба ташаккул ва рушд додани шахсият ҳамчун як фард мусоидат мекунад. Ин раванд ба шахсият имкон медиҳад, ки худро дар ҷаҳони атроф ба таври хос ва беназир ифода кунад ва дар натиҷа, ба инкишофи ҳамаҷонибаи худ ва ҷомеа саҳм гузорад: «Бе эҷодкорӣ ҳаёти наврасонро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Вай (наврас) кушиш мекунад, ки худро муаррифӣ кунад, на танхо дар натиҷаи тахаюл, балки дар олами ботинии маънавии худ низ худро ифода намояд. Ӯ намехоҳад, ки танҳо истеъмолкунандаи пассивии неъматҳо ва арзишҳои маънавӣ бошад. Ӯ мехоҳад, ки эҷод созад»[156, 109].

Ба ақидаи В.А.Сухомлинский, эҷодиёти кӯдак падидаи ногаҳонӣ нест. Ӯро таълим додан шарт ва зарур аст. Сухомлинский дар ташаккули шахсияти эҷодкор нақши омӯзгорро бориз медонад. «Агар шумо хоҳед, ки бачаҳо эҷод кунанд, – мегӯяд педагоги барҷаста, – ҳадди ақал аз алангаи эҷодиёти худ шарорае ба шуури кӯдак гузаронед. Агар шумо намедонед, ки чӣ гуна эҷод кардан лозим аст, ё ба назари шумо ворид шудан ба олами тахайюлоти кӯдак фақат кӯдакбозии беманфиат аст, пас ба шуури кӯдак таъсире расонида наметавонед [156, 137].

Барои фаҳмидани моҳияти қобилиятҳои эҷодӣ дар доираи ин рисола, аввалан ба таҳлили мафҳуми қобилият пардохтан лозим аст. Бо назардошти

ҷанбаи психологию педагогии рушди қобилиятҳои эҷодӣ, бояд қайд намуд, ки ҳарчанд қобилиятро олимон аксаран ҳамчун мувофиқати нисбатан калон барои намуди муайяни фаъолият тавсиф мекунанд, вале дар таърифи ин мафҳум ягонагӣ вуҷуд надорад.

Инак, Г.С. Костюк қобилиятҳоро «хусусиятҳои устувори одам, ки дар фаъолияти омӯзгорӣ, меҳнатӣ ва дигар фаъолияташ зоҳир мешаванд ва шарти зарурии муваффақият мебошанд» номидааст [72, 56].

В.Н.Мясишев қобилиятро «категорияи махсуси мафҳумҳои психологию мантиқие, ки мувофиқати байни талаботи беруна ва имкониятҳои дохилиро ифода мекунад ва ҳалли пурмаҳсули масъалаҳои ин фаъолиятро таъмин менамояд» муайян кардааст[106, 93].

Ба ин андеша мавқеи А.Г.Ковалев наздик аст, ки зери мафҳуми «қобилият» на як хосият, балки маҷмӯи хосиятҳои шахсияти инсониро мефаҳмад, ки иҷроиши амалан осон ва сифатан баланди фаъолияти муайянро аз ҷониби шахс таъмин менамояд»[65, 73].

Н.С. Лейтес ва Д.В. Кириенко дар таҳқиқоти худ ба масъалаи ташаккули қобилиятҳо таваҷҷуҳи махсус медиҳанд, ки дар раванди инкишоф ва рушд аҳамияти зиёде доранд. Лейтес таъкид мекунад, ки қобилиятҳои инсон дар натиҷаи ҳамкории пайвастаи кӯдак бо муҳити атроф ташаккул меёбанд. Ӯ бар ин аст, ки дар раванди инкишоф, омилҳои дохилии рушд бояд ҳамаҷониба ба назар гирифта шаванд, зеро онҳо барои ташаккули самараноки қобилиятҳо аҳамияти ҳалкунанда доранд. Ба андешаи Лейтес, қобилиятҳо маҷмӯи хусусиятҳои равонии шахсият мебошанд, ки барои иҷрои муваффақонаи фаъолиятҳои гуногун заруранд.

Д.В. Кириенко низ дар таҳқиқоти худ бар ин назар аст, ки қобилиятҳо дорои пайдоиши иҷтимоӣ ва таърихӣ мебошанд. Ӯ таъкид мекунад, ки қобилиятҳо на аз рушди биологӣ, балки маҳсули таҷрибаи иҷтимоӣ ва таърихии инсонҳо мебошанд. Ин нуқтаи назар нишон медиҳад, ки қобилиятҳо дар раванди рушди шахсият дар доираи таҷрибаҳои иҷтимоӣ ташаккул меёбанд ва муҳити иҷтимоӣ дар инкишофи онҳо нақши муҳим дорад.

Ҳарду муҳаққиқ ба ин натиҷа мерасанд, ки қобилиятҳо дар натиҷаи ҳамкорӣ бо муҳити атроф ва таҷрибаи иҷтимоӣ ташаккул меёбанд. Аз ин рӯ, барои рушди қобилиятҳои инсон муҳим аст, ки на танҳо омилҳои дохилӣ, балки шароитҳои иҷтимоӣ ва муҳити атроф низ ба таври ҳамаҷониба ба назар гирифта шаванд. Ин равиш дарк кардани он аст, ки қобилиятҳо на танҳо як падидаи шахсӣ, балки як падидаи иҷтимоии ҳамаҷониба мебошанд, ки аз таъсири муҳити иҷтимоӣ ва таҷрибаҳои инсоният ташаккул меёбанд.

Л.А. Венгер низ кӯшиши шарҳи мафҳуми қобилиятро кардааст ва онро ҳамчун маҷмӯи амалҳои монанд дар фаъолиятҳои гуногун мешуморад. Ӯ масъалаи робитаи дониш, малака ва маҳоратро чунин таъкид менамояд: «Азхудкунии дониш ва малака натиҷаи бевоситаи омӯзиш ва ташаккули қобилиятҳои мувофиқ аст». Ин ба маънои он аст, ки ин раванд на ҳамеша ба таври пурра назорат мешавад ва аз омилҳои гуногуни берунӣ ва ноқилии таҷрибаи кӯдак вобаста аст. Ба ин тартиб, дар ҷараёни инкишофи маҳорат, як нафар метавонад пешсаф бошад, дар ҳоле ки дигаре қафо мемонад.

Б.М. Теплов ва пайравони ӯ дар таҳқиқоти худ мафҳуми «қобилият»-ро ҳамчун як падидаи равонӣ ва инфиродӣ, ки шахсро аз дигарон фарқ мекунад, тавсиф мекунанд. Теплов дар ин маврид се хусусияти асосии қобилиятро таъкид мекунад:

Хусусияти инфиродӣ: Қобилият ҳамчун хислатҳои инфиродии шахс фаҳмида мешавад, ки ӯро аз дигарон фарқ мекунад. Қобилиятҳо падидаи умумӣ ё модарзодӣ нестанд. Ба ҷои он, танҳо майлҳо ё иқтидорҳои асосии инсон метавонанд модарзодӣ бошанд. Қобилиятҳо дар натиҷаи рушди ин иқтидорҳо дар шароити муайян ташаккул меёбанд.

Алоқамандӣ бо муваффақият: Қобилият на танҳо хусусияти инфиродӣ аст, балки бо муваффақият дар иҷрои фаъолият алоқаманд аст. Яъне, қобилиятҳо он чизҳое ҳастанд, ки ба шахс имкон медиҳанд, ки дар фаъолияти худ муваффақ шавад. Ин алоқамандӣ қобилиятро аз дигар хислатҳои шахсият, ки наметавонанд муваффақиятро таъмин кунанд, фарқ мекунад.

Аз донишу малакаҳо фарқ доштани қобилият: Теплов таъкид мекунад, ки мафҳуми «қобилият» на танҳо ба дониш ва маҳорате, ки шахс дар раванди фаъолият ба даст овардааст, маҳдуд намешавад. Қобилиятҳо маҷмӯи хислатҳои равоние мебошанд, ки фаъолияти шахсро муайян мекунанд ва аз омилҳои гуногун, аз ҷумла омодагии зеҳнӣ, эҷодӣ ва эҳсосотӣ вобастаанд.

С.Л. Рубинштейн дар таҳқиқоти худ мафҳуми «қобилият»-ро ҳамчун хислатҳои мураккаби синтетикии шахсият муайян мекунад, ки он инсонро барои фаъолияти самарабахш мутобиқ месозад. Қобилиятҳо на ҳамчун хислатҳои модарзодӣ, балки ҳамчун падидаҳои тағйирёбанда баррасӣ мешаванд, ки метавонанд дар тӯли вақт рушд ёбанд. Ин равиш қобилиятҳоро ҳамчун раванд ё маҷмӯи хислатҳое мебинад, ки дар натиҷаи ҳамкории доимии шахс бо муҳити атроф ва фаъолияти эҷодӣ ташаккул меёбанд.

Фаъолият, ки дар фалсафа ҳамчун як категорияи васеъ баррасӣ мешавад, робитаҳо ва муносибатҳои асосиро байни воқеият ва дониш дар бар мегирад. Аз нуқтаи назари фалсафӣ, фаъолият на танҳо раванди таҷрибаомӯзӣ ё иҷрои амалҳои мушаххас аст, балки як «тарзи муносибати инсон бо олам» мебошад, ки дар он инсон тавассути дигар кардани табиат ва муҳити худ, ба субъекти фаъол табдил меёбад. Ин раванд барои инкишофи қобилиятҳои инсон муҳим аст, зеро он имконият медиҳад, ки инсон дар раванди фаъолият ва амалҳои худ ҷаҳонро омӯзад, бо мушкилот рӯбарӯ шавад ва роҳи ҳалли эҷодиро пайдо кунад.

Барои фаҳмиши амиқи моҳияти фаъолият, мо осори Б.Г. Ананиев, А.Н. Леонтев, С.Л. Рубинштейн, В.Н. Мясишев, Б.М. Теплов ва дигаронро таҳлил кардем, ки дар онҳо фаъолият ҳамчун мафҳуми равоншиносӣ баён шуда, вазифаи шахсро дар муносибати мутақобилаи ӯ бо муҳити атроф шарҳ медиҳад.

Дар таҳқиқоти мазкур таҳлили мафҳуми фаъолият ва робитаи он бо қобилиятҳо ва мотивҳо ҳамчун ҷузъҳои асосии ташаккули шахсият ва рушди эҷодӣ аҳамияти калидӣ пайдо мекунад. Фаъолият ҳамчун шакли муносибати шахс бо муҳит, ки дар он шахс мақсади бошуурона

гузошташударо амалӣ месозад, дар таҳқиқоти шумо як системаи мураккаб биниста мешавад, ки аз қисмҳои асосӣ — мақсад, ангезаҳо, роҳҳои иҷрои фаъолият ва натиҷаҳо — иборат аст.

1. Мақсад: мақсади фаъолият, ки аз эҳтиёҷоти шахсӣ бармеояд, самти асосии фаъолиятро муайян мекунад. Ин мақсадҳо метавонанд гуногун бошанд: аз омӯзиши донишҳои нав то таҳияи ихтироот ё эҷоди асарҳои бадеӣ. Мақсадҳо ҳамчун нишонаҳои равонакунанда амал мекунанд, ки фаъолияти шахсро ба самти муайян равона мекунанд.

2. Ангезаҳо (Мотивҳо): Ангезаҳо, ки дар забони фаронсавӣ ҳамчун «motif» маънои «ангеза» доранд, омилҳои равонӣ мебошанд, ки шахсро ба фаъолияти муайян водор месозанд. Онҳо метавонанд аз манфиатҳо, ҳавасмандӣ ба донишомӯзӣ, хоҳиши эҷодкорӣ ё зарурати ҳалли масъалаҳои мушаххас иборат бошанд. Мотивҳо ба фаъолият маъно ва арзиш медиҳанд ва метавонанд шахсро ба корҳои нав ва эҷодӣ таҳрик кунанд. Ин омилҳо дар якҷоягӣ бо эҳтиёҷот шакли самараноки рушдро барои қобилиятҳои шахс фароҳам меоранд.

3. Роҳҳои иҷрои фаъолият: Роҳҳо ва усулҳои иҷрои фаъолият воситаҳои амалӣ мебошанд, ки шахс барои расидан ба мақсадҳои худ истифода мебарад. Ин метавонад аз омӯзиш ва таҷрибаомӯзӣ то истифодаи малакаҳо ва дониши мавҷуда иборат бошад. Роҳҳои иҷрои фаъолият инчунин шароити муҳит ва имкониятҳои дастрасро дар бар мегиранд.

4. Ягонагии диалектикии мотивҳо ва эҳтиёҷот: Дар ин раванд, мотивҳо ва эҳтиёҷоти шахс дар як ҳамгироии диалектикӣ қарор доранд. Эҳтиёҷот самти рушди қобилиятҳоро муайян мекунанд, дар ҳоле ки мотивҳо инкишофи онҳоро таъмин мекунанд. Ин робита нишон медиҳад, ки қобилиятҳо ва мотивҳо на танҳо ба фаъолияти шахс таъсир мерасонанд, балки барои рушди он шароити мувофиқ фароҳам меоранд.

5. Ҳамкории мутақобилаи қобилиятҳо ва фаъолият:

Таҳлили равобити байни қобилиятҳо ва фаъолият нишон медиҳад, ки ин ду мафҳум ба таври мутақобила ба ҳам таъсир мерасонанд. Ин ҳамкории мутақобила имконият медиҳад, ки шахсият дар раванди фаъолият рушд кунад ва қобилиятҳои худро такмил диҳад.

Дар доираи таҳқиқоти мо, изҳороти Б.М. Теплов дар бораи шакл гирифтани қобилиятҳо дар раванди фаъолиятҳо аҳамияти калидӣ дорад: «Гап дар он нест, ки қобилиятҳо дар фаъолияти муайян зоҳир ва ташаккул меёбанд, балки маҳз дар ин фаъолият ба вуҷуд меоянд». Теплов ин нуқтаро минбаъд бо таъкид бар он, ки қобилиятҳо танҳо дар ҷараёни рушд вуҷуд доранд, шарҳ медиҳад. Азбаски рушд дар ҷараёни фаъолияти мушаххас сурат мегирад, қобилиятҳо берун аз он ба вуҷуд омада наметавонанд. «Бо эътироф кардани он, ки қобилият танҳо дар рушд вуҷуд дорад, мо набояд фаромӯш кунем, ки ин рушд танҳо дар ҷараёни ин ё он фаъолияти назариявӣ ё амалӣ сурат мегирад. Ва аз ин ҷо бармеояд, ки қобилият берун аз фаъолияти конкретии дахлдор ба вуҷуд омада наметавонад» [158, 436].

Теплов инчунин ба нақши асосии таълиму тарбия дар рушди қобилиятҳои эҷодӣ таъкид мекунад. Ӯ бар он аст, ки ҳудуди амалии рушди қобилиятҳо аз омилҳо ба монанди фаъолияти ҳаётӣ, шароити зиндагӣ ва усулҳои таълиму тарбия вобаста аст ва на худи қобилиятҳо: «Ҳудуди амалии рушди қобилиятро танҳо чунин омилҳо, монанди фаъолияти ҳаёти инсон, шароити ин ҳаёт, усулҳои таълиму тарбия ва ғайра муайян мекунанд, вале дар худи қобилиятҳо умуман муқаррар карда намешаванд. Барои баланд бардоштани маҳдудаи рушди қобилиятҳо усулҳои таълиму тарбияро такмил додан кифоя аст» [158, 182].

Мавқеи С.Л. Рубинштейн дар таҳқиқоти мо барои фаҳмиши амиқи рушди қобилиятҳои инсон, бахусус қобилиятҳои эҷодӣ, аҳамияти хос дорад. Вай таъкид мекунад, ки қобилиятҳо на танҳо ҳамчун як ҳолати статикӣ ё сифатҳои мавҷудаи инсон ба вуҷуд меоянд, балки онҳо дар ҷараёни рушди равонӣ ва таҷрибаҳои шахсӣ ба вуҷуд меоянд ва такмил меёбанд. Рубинштейн ба таври хоса ба назарияи рушди спиралӣ ишора мекунад, ки қобилиятҳо дар марҳилаҳои гуногуни инкишоф пайдо мешаванд ва ҳар як марҳилаи рушд имкониятҳои нав барои рушди минбаъдаро фароҳам меорад.

Асосҳои назарияи Рубинштейн:

***1. Қобилиятҳо танҳо дар ҷараёни рушд вуҷуд доранд:*** Рубинштейн қобилиятҳоро ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи раванди рушди равонӣ

мебинад. Вай таъкид мекунад, ки қобилиятҳо на дар шакли тайёр ё дар сатҳи муайяни рушд, балки дар раванди доимии рушд ва такмил инкишоф меёбанд.

***2. Рушди спиралӣ:*** Рушди қобилиятҳо ба таври спиралӣ сурат мегирад, яъне ҳар як марҳилаи рушди қобилиятҳо ба пайдоиши имкониятҳои нав барои рушди минбаъда мусоидат мекунад. Ин маънои онро дорад, ки ҳар як муваффақият ва ҳар як сатҳи рушди қобилиятҳо заминаи рушд ва такмили минбаъдаи қобилиятҳоро фароҳам меорад.

***3. Муҳимияти шароити дохилӣ ва берунӣ:*** Рубинштейн таъкид мекунад, ки қобилиятҳо танҳо дар сурати мавҷуд будани шароити дохилии мувофиқ, ки ба афзоиши органикии онҳо мусоидат мекунанд, метавонанд рушд кунанд. Ин шароитҳои дохилӣ метавонанд аз ҷумлаи хусусиятҳои шахсӣ, ангезаҳо ва муҳити дохилии равонӣ бошанд. Аммо ин қобилиятҳо дар ибтидо ба таври куллӣ муайян нашудаанд ва танҳо дар раванди таълим ва таҷрибаи ҳаётӣ рушд мекунанд.

Рубинштейн таркиб ва сохтори қобилиятҳоро низ муқаррар кардааст. Ӯ таъкид мекунад, ки «ҳар як қобилияте, ки шахсро барои иҷрои ягон фаъолияти муайян мувофиқ месозад, ҳамеша баъзе амалҳо ё усулҳои амалро дар бар мегирад, ки тавассути онҳо ин фаъолият амалӣ карда мешавад. Ягон қобилият қобилияти воқеӣ маҳсуб намешавад, то он даме ки вай системаи амалиёти мувофиқи иҷтимоиро азхуд накунад; вале асоси қобилият на амалиёти омӯхташуда, на амалиёти автоматӣ, балки равандҳои равонӣ мебошад, ки ба воситаи онҳо ин амалиётҳо ва фаъолияти онҳо танзим карда мешаванд» [133, 105].

Моҳияти равишҳоро ба масъалаи қобилиятҳо ҷамъбаст намуда, мо ба нуқтаи назари Т.И. Артемева шарик мешавем. Вай таъкид мекунад, ки маъноҳои гуногун, ки ба мафҳуми қобилиятҳо дода шудаанд, аз мураккабии объективии сохтор ва вазифаҳои онҳо шаҳодат медиҳанд. Ин равишҳои гуногун ва гурӯҳбандии қобилиятҳоро низ шарҳ медиҳад.

Қобилиятҳо, ки ба ду гурӯҳи асосӣ — қобилиятҳои умумӣ ва махсус тақсим мешаванд, дар ташаккули шахсият ва рушди касбии инсон нақши муҳим мебозанд.

Қобилиятҳои умумӣ, ки як системаи хосиятҳои зеҳнии шахсро дар бар мегиранд, ба осонӣ ва самаранокии азхудкунии дониш ва иҷрои фаъолиятҳои илмӣ мусоидат мекунанд. Л. Терстоун дар солҳои 20-уми асри XX ин мафҳумро таҳқиқ карда, қайд намуд, ки қобилиятҳои умумӣ дар фаъолияти эҷодӣ нақши муҳим доранд. Вай фарқияти байни қобилияти эҷодӣ ва интеллектро нишон дод ва таъкид кард, ки омилҳое мисли характер, қобилияти зуд азхуд кардан ва тавлид кардани идеяҳо дар эҷодкорӣ нақши калидӣ мебозанд.

Қобилиятҳои умумӣ бештар бо фаъолияти зеҳнӣ алоқамананд ва дар тамоми намудҳои фаъолият зуҳур мекунанд. Ин қобилиятҳо асоси ҳамаҷонибаи шахсиятро ташкил медиҳанд, ки ба шахс имконият медиҳанд, ки дар соҳаҳои гуногуни зиндагӣ ва фаъолият муваффақ гардад.

Қобилиятҳои махсус, аз тарафи дигар, ба соҳаҳои муайяни фаъолият алоқамананд. Онҳо як системаи хосиятҳои шахсиятро дар бар мегиранд, ки ба шахс имконият медиҳанд, дар соҳаҳои махсуси фаъолият, ба монанди адабиёт, мусиқӣ, театр, ба натиҷаҳои баланд ноил гардад. Ин қобилиятҳо метавонанд бо таҷриба ва омӯзиш рушд ёбанд ва дар раванди фаъолияти эҷодӣ ва касбӣ такмил ёбанд.

Алоқамандии қобилиятҳои умумӣ ва махсус

Тавре ки С.Л. Рубинштейн қайд мекунад, қобилиятҳои махсус зуҳуроти гуногуни қобилиятҳои умумӣ мебошанд. Ин робитаи мутақобила нишон медиҳад, ки қобилиятҳои инсон дар якчанд самтҳо рушд меёбанд ва метавонанд дар якдигар таъсир гузоранд. Яъне қобилиятҳои умумӣ ба рушди қобилиятҳои махсус мусоидат мекунанд ва баръакс, қобилиятҳои махсус метавонанд ба такмили қобилиятҳои умумӣ таъсир расонанд.

Қобилиятҳои амалӣ. А.Г. Ковалев қобилиятҳои амалӣ, аз қабили қобилиятҳои ташкилотӣ ва педагогиро низ ба назар мегирад, ки барои иҷрои фаъолияти мушаххас заруранд. Ин қобилиятҳо на танҳо ба иҷрои фаъолиятҳои муайян, балки ба ташаккули хислатҳои шахсият мусоидат мекунанд. Масалан, қобилияти ташкилотӣ метавонад дар муваффақияти касбӣ ва роҳбарӣ нақши муҳим бозад.

Ин таҳлил нишон медиҳад, ки қобилиятҳо, хоҳ умумӣ ва хоҳ махсус, на танҳо барои муваффақият дар як соҳаи муайян, балки барои рушди ҳаматарафаи шахсият муҳиманд. Қобилиятҳои умумӣ заминаи асосии ҳамаи дигар қобилиятҳоро ташкил медиҳанд, дар ҳоле ки қобилиятҳои махсус ба шахс имкон медиҳанд, ки дар соҳаҳои муайян ба комёбиҳои калон ноил гардад. Ин робитаи мутақобила нишон медиҳад, ки қобилиятҳои инсон доимӣ рушд мекунанд ва инкишоф меёбанд, ки ин ба шахс имконият медиҳад, дар ҳаёт ва касби худ бештар муваффақ бошад.

Мо дар таҳқиқоти худ қобилиятро ҳамчун як раванд дарк мекунем, ки дар натиҷаи азхудкунии таҷрибаи иҷтимоӣ ва фаъолиятҳои мухталиф рушд мекунад. Рушди қобилиятҳо на танҳо бо таъсири беруна, балки бо рушди эҷодӣ, ки табиӣ, равонашуда ва бебозгашт мебошад, низ вобаста аст. Ин раванд танҳо дар ҷараёни фаъолияти амалӣ ё назариявӣ ба вуқӯъ меояд. В.В. Давидов ва Я.А. Пономарев ҳам дар таҳқиқоти худ, ба ин масала махсус таъкид кардаанд.

Баррасии қобилиятҳои эҷодии шахс талаб мекунад, ки мо мафҳуми васеътари «эҷодкорӣ»-ро дар назар дошта бошем. Эҷодкорӣ ҳамчун як намуди фаъолияти инсонӣ бояд дар заминаи дарки шахсият ҳамчун субъекти шуур фаҳмида шавад. Дар адабиёти фалсафӣ ва равоншиносӣ, эҷодкорӣ ҳамчун фаъолияти хоси шахс, ки ҳамеша созанда мебошад, ташаккул ёфтааст. Таҳлили осори Л. Виготский, Д.Б. Богоявленская, Б.М. Теплов ва дигарон нишон медиҳад, ки эҷодкорӣ на танҳо бо дониш ва таҷрибаи мавҷуда, балки бо навоварӣ, оригиналӣ ва эҷоди фаъолияти нав фарқ мекунад.

Мо дар таҳқиқоти худ ба таърифи фалсафии А.Г. Спиркин такя мекунем, ки эҷодкориро ҳамчун фаъолияти рӯҳӣ ва амалӣ мешуморад, ки натиҷаи он эҷоди арзишҳои асил ва беназир мебошад. Ин эҷоди арзишҳои нав метавонад дар олами моддӣ ё маданияти маънавӣ сурат гирад.

Аз ин рӯ, қобилиятҳо ва эҷодкорӣ ҳамчун равандҳое ҳастанд, ки дар заминаи фаъолият ва дар натиҷаи ҳамкории мутақобила байни омилҳои дохилӣ ва берунӣ ташаккул меёбанд. Ин равандҳо на танҳо имкониятҳои

шахсро барои рушди минбаъда таъмин мекунанд, балки ба ташаккули хислатҳои шахсият ва эҷодкорӣ низ таъсир мерасонанд.

Эҷодкорӣ метавонад шахсиятро дар маҷмӯъ, тарафҳои алоҳидаи ӯ, маҳсули фаъолият ё раванди эҷоди онҳо тавсиф кунад. Ҳама дастовардҳои асосии одамоне, ки ҷаҳонро дигаргун месозанд, натиҷаи эҷодкории онҳо, амалӣ шудани нерӯи эҷодии онҳо ба ҳисоб меравад. Эҷодкорӣ дар дарк ҳамчун беғаразӣ, қобилияти озод шудан аз муносибати собит, фаъолона вокуниш нишон додан ба таассуроти мустақими эҳсосот зоҳир мешавад; дар хотира - ҳамчун сарвати ассотсиатсивӣ ва қобилияти амалисозии хосиятҳои пинҳонии хусусияти ашё; дар тафаккур - ҳамчун қобилияти таҳлили ғайристандартӣ, рафъи стереотипҳо, барқарор намудани робитаҳои мухталиф байни ашё ва хосиятҳои онҳо, ҷамъбаст кардани падидаҳое, ки бо як пайванди возеҳ бо ҳам алоқаманд нестанд; дар тасаввурот - ҳамчун ғайристандартӣ будани тасвирҳои офаридашуда.

Дар ҳиссиёт эҷодкорӣ дар нозукӣ ва анвои васеи мутаассиршавӣ, дар сатҳи баланди рушди эҳсосоти зеҳнӣ, ки дар инсон дар равандҳои тафаккур ва хаёлот ба вуҷуд меоянд, зоҳир мешавад. Дар муошират, эҷодкорӣ барои рафъи монеаҳо ва стереотипҳое, ки ба дарки муносиби иҷтимоӣ, қобилияти дарки олами ботинӣ ва фардияти шахс; ҳалли созандаи муноқишаҳо, дарёфти роҳҳои беҳтарин ва воситаҳои муносиби ҳамкорӣ монеъ мешаванд, мусоидат мекунад;

Таҳқиқоти В.В. Белич воқеан барои фаҳмиши амиқи қобилиятҳои эҷодӣ аҳамияти бузург дорад. Дар корҳои ӯ, сифатҳои асосии эҷодкорӣ ҳамчун ҷузъи бунёдии қобилиятҳо таҳлил мешаванд, ки ба мо имконият медиҳанд, ки мафҳуми эҷодкориро дар робита бо қобилиятҳо беҳтар дарк кунем. Сифатҳои эҷодкорӣ, ки ӯ шарҳ медиҳад, ба таври ҳамаҷониба моҳияти қобилиятҳои эҷодиро нишон медиҳанд ва равшан месозанд, ки ин қобилиятҳо на танҳо дар соҳаҳои бадеӣ, балки дар тамоми соҳаҳои фаъолият, аз ҷумла илм, техника, ва ҳаёти иҷтимоӣ, муҳим мебошанд. Дар ин таҳқиқот, эҷодкорӣ бо субъект (талабот, ангеза ва тарзи фаъолият) ва натиҷаи фаъолият пайванд дода мешавад, ки ин ба фаҳмиши амиқтари нақши эҷодкорӣ дар ташаккули қобилиятҳо мусоидат мекунад.

Дар пажӯҳишҳои илмӣ эҷодкорӣ фаҳмида мешавад, ҳамчун:

- навъи қобилияти зеҳнӣ [32, 210];
- доираи фаъолияти эҷодӣ [178, 174];
- натиҷаи дастовардҳои эҷодии шахс[72, 139];
- сифат ё маҷмӯи хислатҳои шахс [149, 23];
- хусусияти зеҳнӣ ё сатҳи олии фаъолияти зеҳнии тафаккур [103, 181].

Шахси эҷодкор ҳамеша нисбат ба дигарон таҳаммулпазир аст:

- ӯ омода аст иқрор шавад, ки тарзи рафтори муқаррарии ӯ шояд беҳтарин набошад, аммо онро маҳз аз рӯи одат қабул кардааст;
-ҳар як шахс дар ҷаҳони худ зиндагӣ мекунад ва ин ҷаҳонро мутақилона ба таври худ мебинад, на ба он тавре, ки атрофиён ба ӯ дикта мекунанд. [188, 27].

Роҷеъ ба нуқтаи назари анъанавӣ дар бораи эҷодкорӣ, ки дар тадқиқоти муосир инъикос ёфтааст, сухан ронда, А.В.Морозов қайд мекунад, ки «он ҳамчун категорияи шахсӣ баррасӣ мешуд ва баҳсҳо асосан атрофи шарҳи тафсири он мерафтанд, яъне: эҷодкорӣ ҳамчун тафаккури гуногун, ё ҳамчун фаъолияти зеҳнӣ ё хислати муттаҳидшудаи шахсият маънидод мешавад [105, 69].

Дар маҷмӯъ, эҷодкорӣ на танҳо як хислати шахсӣ, балки як равандест, ки ба шахс имкон медиҳад, ки бо истифода аз таҷриба, дониши зеҳнӣ ва тасаввуроти худ, роҳҳои нави ҳалли мушкилотро пешниҳод кунад ва дар ин раванд, ҷаҳони атрофро тағйир диҳад. Ин маҷмӯи хусусиятҳо ба инсон имконият медиҳад, ки дар фаъолиятҳои гуногун навгониро пеш барад ва роҳҳои нави ҳалро кашф кунад. [91, 13].

Барои пешгирӣ аз ин мушкилот, муҳим аст, ки таҳқиқоти илмии сохтор ва мундариҷаи мафҳуми «эҷодкорӣ» аз нуқтаи назари психологӣ дақиқ ва мунтазам баррасӣ ва таҳлил карда шаванд. Психологияи эҷодкорӣ, ки бо баррасии равандҳои зеҳнӣ, эҳсосӣ, ва иҷтимоӣ машғул аст, кӯмак мекунад, ки мо хусусиятҳо ва механизмҳои асосии эҷодкориро муайян кунем ва дарк намоем, ки чӣ гуна ин равандҳо метавонанд дар фаъолияти шахс ва ҷомеа зоҳир шаванд. Ҳамин тавр, эҷодкорӣ ҳамчун як падидаи зеҳнӣ ва

шахсӣ, ки дар ҳамоҳангӣ бо эҳтиёҷот, ангезаҳо, ва ҳадафҳои шахсият рушд меёбад, фаҳмида мешавад.

Баррасии амиқи эҷодкорӣ аз ин дидгоҳ имкон медиҳад, ки на танҳо шахсиятҳои эҷодкорро ташаккул диҳем, балки инчунин муҳити мусоидеро барои инкишофи онҳо фароҳам оварем. Ин равиш метавонад ба таҳқиқоти равонӣ ва педагогӣ дар самти ташаккули эҷодкорӣ аҳамияти бештар диҳад, ва ба ҳамин тариқ, рушди шахсият ва пешрафти иҷтимоиро бо шароитҳои беҳтар таъмин кунад.

Нишондодҳои зерини эҷодкориро ҷудо намудан мумкин аст:

- сарсарӣ - дар қобилият ба тавлиди миқдори зиёди ғояҳо дар воҳиди муайяни вақт ифода ёфтааст;

- чандирӣ - дар қобилият ба татбиқи стратегияҳои гуногун дар ҳалли мушкилот, қобилияти зуд аз як идея ба идеяи дигар гузаштан ифода ёфтааст;

- аслият - дар қобилият ба тавлиди ғайриоддӣ, беҳамто, ғайристандартӣ ифода ёфтааст, ки аз ғояҳои дар умум қабулшуда комилан фарқ мекунад;

- коркардшуда- ки дар қобилияти ба таври муфассал рушд додани ғояҳои беназири ба вуҷуд омада, ифода ёфтааст.

Барои ченкунии тафаккури эҷодӣ воситаҳои психологӣ мавҷуданд, ки машҳуртарини онҳо санҷиши Торренс эътироф шудааст. Санҷиши Торренс яке аз маъмултарин воситаҳои ченкунии тафаккури эҷодӣ дар психология мебошад. Ин санҷиш ба таҳқиқ ва арзёбии ҷанбаҳои мухталифи эҷодкорӣ тавассути истифодаи намудҳои гуногуни вазифаҳои шифоҳӣ ва бадеӣ равона шудааст. Санҷиши Торренс имкон медиҳад, ки тафаккури эҷодии шахс аз рӯи нишондиҳандаҳои гуногун, аз ҷумла:

***Эҷодиёти шифоҳӣ:*** Ин нишондиҳанда қобилияти шахсро дар тавлид ва таҳияи ғояҳои нав ва аслии шифоҳӣ, аз ҷумла ҳикояҳо, таърифҳо ё шарҳҳо, арзёбӣ мекунад.

***Эҷодиёти бадеӣ:*** Ин ҷанбаи санҷиш қобилияти шахсро дар истифодаи василаҳои визуалӣ барои ифодаи ғояҳои эҷодӣ, ба монанди расмкашӣ ё сохтани тасвирҳо арзёбӣ мекунад. Ин ҷанба барои санҷиши имконоти эҷодӣ тавассути расмҳо ё дигар воситаҳои бадеӣ истифода мешавад.

Қобилиятҳои эҷодии шахс дар кунҷҳои муайян:

***Равонӣ (Fluency):*** Миқдори ғояҳое, ки шахс метавонад дар вақти муайян пешниҳод кунад. Ин нишондиҳанда осонии равандҳои эҷодиро дар шахс нишон медиҳад.

***Чандирӣ (Flexibility):*** Қобилияти шахс дар тағйир додани самти тафаккур ва пешниҳоди ғояҳои аз якдигар фарққунанда дар як вақт.

***Аслият (Originality):*** Қобилияти пешниҳод кардани ғояҳои ғайримуқаррарӣ ва аслӣ, ки аз дигарон фарқ мекунанд.

***Қобилияти дидани моҳияти масъала (Elaboration):*** Қобилияти шахс дар дидани амиқи масъала, таҳлили ҷанбаҳои мухталифи он ва пешниҳоди ҳалли мураккаб ва муфассал.

***Набудани тафаккури қолабӣ ва стереотипҳо (Avoidance of Premature Closure):*** Қобилияти фикр кардан дар беруни қолабҳои маъмулӣ, дидани роҳҳои ҳалли ғайримуқаррарӣ ва муқовимат ба васвасаи бастани фикр дар асоси стереотипҳои мавҷуда.

Санҷиши Торренс бо ин нишондиҳандаҳо ба олимон ва мутахассисони соҳаи психология кӯмак мекунад, ки тафаккури эҷодии шахсро аз ҷиҳати мураккабият, чандирӣ ва аслият арзёбӣ кунанд ва роҳҳои беҳтар намудани қобилиятҳои эҷодии ӯро муайян намоянд.

Ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории шахс яке аз масъалаҳои асосии психология мебошад. Дар равишҳои гуногуни илми психология, эҷодкорӣ на танҳо ҳамчун як ҷанбаи зеҳнӣ, балки ҳамчун омили муҳими рушди шахсият баррасӣ мешавад. Ин раванд аз рӯи натиҷаи фаъолият баҳо дода мешавад, ки он дар ҳалли мушкилоти равонӣ ё пешниҳоди ғояҳои аслӣ зоҳир мегардад. Ба ибораи дигар, хусусияти муайянкунандаи эҷодкорӣ натиҷае мебошад, ки дар ҷараёни фаъолият ҳосил мешавад. Дар ҳамин замина, мафҳуми эҷодкорӣ ҳамчун қобилияти шахс дар тавлид ва ташаккули мафҳумҳои нав ва образҳои ғайримуқаррарӣ таъриф мешавад [104, 158].

Дар омӯзиши эҷодкорӣ, бартарии равиши интегративӣ бар муносибати функсионалӣ хеле равшан ифода меёбад. Таҳқиқотҳои ибтидоӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқоне чун В. Моляко, Д. Стайн, Р. Стенберг ва дигарон

гузаронида шудаанд, нишон медиҳанд, ки ҳар қадаре ки рушди интеллект баланд бошад, ҳамон қадар рушди қобилияти эҷодӣ низ баландтар мешавад. Бо вуҷуди ин, тадқиқотҳои Л. Термен ва Э. Торранс ба натиҷаҳое расиданд, ки барои ноил шудан ба комёбиҳои «барҷаста» танҳо доштани интеллект кофӣ нест; зарурати асолати мураккабтари сифатии равонӣ вуҷуд дорад. Ин таҳқиқотҳо заминаи марҳалаи нави омӯзиши эҷодкориро гузоштанд.

Таносуби мафҳумҳои «зеҳн», «эҷодкорӣ» ва «қобилиятҳои эҷодӣ» дар таҳқиқоти тафаккури истеҳсолӣ дар психологияи ғарб низ баррасӣ шудаанд. Ҷ. Гилфорд, В. Келлер, Э. Торренс ва дигарон ба масъалаи муносибати байни эҷодкорӣ ва интеллект диққат додаанд. Бо вуҷуди ин, назарияи ягона дар бораи муносибати байни эҷодкорӣ ва интеллект то ҳол вуҷуд надорад.

**Нуқтаҳои асосии ин таҳлил ба таври зайл фаҳмида мешаванд:**

**1. Интеллект ва эҷодкорӣ**:

- **Интеллект** қобилияти ҳал кардани ҳам масъалаҳои зеҳнӣ ва ҳам масъалаҳои эҷодиро дар бар мегирад. Вале барои комёб шудан дар эҷодкорӣ танҳо доштани дараҷаи баланди рушди интеллект кофӣ нест. Интеллект метавонад шароити зарурӣ барои эҷодкорӣ бошад, аммо барои муваффақият дар эҷодкорӣ омилҳои дигари шахсӣ ва муҳитӣ низ заруранд.
- **Г. Эйзенк** ва **Ҷ. Гилфорд** таъкид мекунанд, ки эҷодиёти умумӣ ва зеҳни умумӣ бо ҳам алоқамананд, аммо қобилиятҳои эҷодӣ як ҷузъи мустақили қобилиятҳои умумӣ мебошанд.

**2. Қобилиятҳои эҷодӣ, умумӣ ва махсус**:

- Қобилиятҳои эҷодӣ бо қобилиятҳои умумӣ ва махсус алоқамананд, аммо онҳо мавқеи махсуси худро доранд. Эҷодкорӣ дорои хусусиятҳои хосест, ки онро аз дигар намуди қобилиятҳо фарқ мекунад. Мисли он ки қобилиятҳои махсус муваффақиятро дар фаъолиятҳои мушаххас таъмин мекунанд, қобилиятҳои эҷодӣ синтези хислатҳо ва хусусиятҳои шахсиятро дар бар мегиранд, ки ба муваффақият дар ҳама намудҳои фаъолияти эҷодӣ мусоидат мекунанд.

**3. Мавқеи Д.Б. Богоявленская**:

- Тавре ки **Д.Б. Богоявленская** қайд мекунад, ҳалли масъалаҳо бояд на танҳо ҳамчун воситаи расидан ба мақсад, балки ҳамчун воситаи маърифат

дарк карда шавад. Ин маънои онро дорад, ки дар раванди ҳалли масъалаҳои эҷодӣ, шахсият имконияти донистан ва омӯхтани чизҳои навро пайдо мекунад, ки ин худ як мақсад мебошад.

• Ин назария аз он иборат аст, ки эҷодкорӣ на танҳо барои ҳалли мушкилот ё иҷрои вазифаҳои муайян зарур аст, балки барои худи маърифат ва фаҳмиши амиқтар, ки он ба дониши мавҷуда зам мешавад ва доираи онро васеъ мекунад.

**4. Хусусияти эҷодкорӣ**:

• Эҷодкорӣ як шеваи махсуси амалисозии қобилиятҳо мебошад, ки он тавассути тавлиди ғояҳои нав, ҳалли ғайримуқаррарӣ ва равишҳои эҷодӣ зоҳир мегардад.

Бо дарназардошти таҳқиқоти психологҳо ва педагогҳо, мо чунин мешуморем, ки меъёрҳои зеринро барои баҳодиҳии қобилиятҳои эҷодӣ ҷудо кардан мумкин аст:

- ҳавасмандкунанда;
- зеҳнӣ (дараҷаи ташаккули равандҳои фикрӣ);
- эҷодӣ (эҷодӣ).

Меъёрҳои салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон, хусусиятҳо ва сатҳҳои онҳо дар ҷадвали 1 оварда шудаанд:

***Ҷадвали 1. Меъёр ва сатҳи рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон***

| **Меъёрҳои рушди қобилиятҳои эҷодӣ** | **Сатҳи рушди қобилиятҳои эҷодӣ** | | |
|---|---|---|---|
| | **Паст** | **Миёна** | **Баланд** |
| **Ҳавасмандкунанда** | Набудани таваҷҷӯҳ ва ниёз ба ҷустуҷӯ ва эҷоди чизи нав ва номаълум; фаъол набудан дар машғулиятҳои таълимӣ дар синф. | Ба кори мустақилона дар шавқу ҳавас ва кунҷковӣ зоҳир кардан; фаъолият ва кордонӣ бо дараҷаи нисбатан паст. | Мотивҳои фаъолият дорои хусусияти ошкор буда, самти фаъолияти шахсро барои ноил шудан ба муваффақият бо усулҳои мустақили эҷодӣ муайян мекунанд. |

| | | | |
|---|---|---|---|
| **Интеллектуалӣ (дараҷаи ташаккули равандҳои фикрӣ)** | Набудани қобилияти таҳия ва ҳалли мушкилот зеҳнӣ. Набудани малакаҳои коркарди образҳо. | Коркарди образҳо ва табдилимантиқии онҳо аз рӯи аналогия. | Офаридани тасвирҳои нав дар асоси усулҳои комбинаторӣ. |
| **Эҷодӣ** | Фаъолият табиати репродуктивӣ дорад. Қарорҳо унсурҳои навоварӣ ва аслият надоранд. | Ҳалли алоҳидаи мушкилот ва натиҷаҳо унсурҳои навоварӣ ва оригиналӣ, истифодаи аналогияҳо ва усулҳои комбинатoриро доранд. Қарорҳо дар асоси азнавсозӣ, такмил додани технология ва усулҳо қабул мешаванд. | Ҳалли масъалаҳо бо усулҳои нави оригиналӣ, бо объективӣ эътироф намудани натиҷаҳои кор. Дар натиҷа, ҳалл комилан нав ва беназир аст. |

Аз таҳлили адабиёти психологию педагогӣ оид ба масъалаи рушди қобилияти эҷодӣ ва баррасии равишҳои гуногуни ин масъала метавон чунин хулоса баровард, ки нуктаҳои муҳим барои рисолаи мо дақиқ муайян шудаанд. Ин нуктаҳо ба мо имкон медиҳанд, ки мавзӯъро аз паҳлӯҳои гуногун баррасӣ намуда, дарки амиқтаре аз раванди ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ ба даст орем.

Нахуст, эҷодкорӣ на танҳо дар тавлиди ғояҳои нав, балки дар ташаккули шахсият ҳамчун як тамоми интегративӣ низ зоҳир мешавад. Дар натиҷаи ин раванд, шахс метавонад дарк кунад, ки қобилиятҳои эҷодӣ дар тамоми паҳлӯҳои зиндагӣ ва фаъолияташ муҳиманд.

Дуюм, моҳияти қобилиятҳои эҷодӣ бо дониш, маҳорат ва малака маҳдуд намешавад. Ин мафҳумҳо ба ҳамдигар вобастагии амиқ доранд. Таълим ва омӯзиш на танҳо барои интиқоли донишҳо, балки барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ низ хидмат мекунанд. Қобилият дар раванди омӯзиши фаъолиятҳои гуногун инкишоф меёбад ва тавассути ин раванд, шахсият низ ташаккул меёбад.

Сеюм, қобилият фаъолиятро муайян мекунад ва дар раванди фаъолият рушд меёбад. Ҳар қадаре ки шахс дар фаъолиятҳои эҷодӣ машғул шавад, ҳамон қадар қобилиятҳои эҷодиаш рушд меёбанд. Ин равиш нишон медиҳад, ки фаъолият ва қобилият дар якдигар таъсири мутақобила доранд ва инкишофи яке ба рушди дигаре мусоидат мекунад. Қобилиятҳои эҷодӣ бо амалия ва таҷриба инкишоф меёбанд, ва ин раванд метавонад дар доираи ҳар гуна фаъолият сурат гирад, новобаста аз он ки фаъолият зеҳнӣ, ҷисмонӣ ё эҷодӣ бошад.

Дар ниҳоят, барои арзёбии сатҳу дараҷаи рушди қобилияти эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таълимӣ, махсусан дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, метавон меъёрҳои муайяни баҳодиҳиро истифода бурд. Дар ин замина, ташаккули қобилияти эҷодӣ дар таълим як зарурати муҳими иҷтимоӣ мебошад. Ин қобилиятҳо на танҳо ба муваффақият дар соҳаҳои мухталифи зиндагӣ мусоидат мекунанд, балки инчунин имконият медиҳанд, ки хонандагон дар шароити душвор ва тағйирёбанда самаранок амал кунанд.

Бо ин роҳ, раванди ташаккули қобилияти эҷодӣ бояд дар маркази равандҳои таълимӣ қарор гирад ва тавассути фаъолиятҳои мухталиф таҳким ёбад. Ин равиш имкон медиҳад, ки насли наврас ба оянда омода бошад ва ба шароити нави ҳаётӣ мутобиқ гардад. Бисёре аз муҳаққиқон ва коршиносон қобилияти эҷодии инсонро сарчашмаи асосии рушди тамаддун медонанд, зеро маҳз ин қобилиятҳо ба ҷомеа имкон медиҳанд, ки дар равиши пешрафт пайваста ба таври эҷодӣ ба вуҷуд оянд ва бо монеаҳои навбаромад сарукор дошта бошанд.

Аммо, системаи мавҷудаи таҳсилоти миёнаи умумӣ то ҳол наметавонад ин талаботи навро ба таври комил иҷро кунад. Мактабҳои таҳсилоти умумӣ ҳанӯз ҳам ба таълими репродуктивӣ такя мекунанд, ки бештар ба такрори маводи таълимӣ ва истифодаи низоми муҷозоткунандаи баҳодиҳӣ таваҷҷӯҳ мекунад. Ин равиш ба таҳсилот маънои онро дорад, ки хонандагон бештар ба хотиррасонӣ ва такрори маводи омӯхташуда машғуланд, на ба таҳлили эҷодӣ ё таҳияи ғояҳои нав. Дар натиҷа, муҳити

таълимӣ барои рушди эҷодкорӣ ва мустақилияти фикрӣ камтар мусоидат мекунад.

Яке аз мушкилоти асосӣ дар системаи таълимии мавҷуда ин якрангии нақшаву барномаҳои таҳсилотӣ мебошад. Шаклҳо ва усулҳои таълим, ки дар аксари мактабҳо истифода мешаванд, қолабҳои шахшуда доранд ва ба эҷодкорӣ ва фарқияти фардӣ дар донишҷӯён камтар таваҷҷӯҳ мекунанд. Ин гуна якрангӣ на танҳо ба эҷодкорӣ монеа мешавад, балки инчунин хусусиятҳои ҷинсиятӣ, синну солӣ ва фарди хонандагонро ба назар намегирад. Бартарияти усулҳои авторитарӣ ва равишҳои фармондеҳӣ дар таъсиррасонӣ ба хонандагон, ки дар бисёр мактабҳо ҳукмфармост, боиси муносибати манфии хонандагон ба муассисаҳои таълимӣ мегардад. Чунин муҳит на танҳо ҳавасмандии хонандагонро барои таҳсил коҳиш медиҳад, балки инчунин имкониятҳои рушди қобилиятҳои эҷодии онҳоро маҳдуд мекунад.

Барои ҳалли масъалаи ташаккули қобилияти эҷодӣ ва мустақилияти фикрии хонандагон, зарурати ҷорӣ кардани усулҳои нави таълимӣ воқеан муҳим аст. Ин усулҳо бояд ба рушди эҷодкорӣ, тафаккури интиқодӣ, ва қобилияти таҳияи ғояҳои нав равона карда шаванд. Чунин усулҳо метавонанд ба хонандагон имконият диҳанд, ки на танҳо донишро аз худ кунанд, балки инчунин ин донишҳоро ба таври эҷодӣ истифода бурда, навгониҳо ва ҳалли ғайримуқаррарии масъалаҳоро ба вуҷуд оранд. Инчунин, мактабҳо бояд бештар ба талаботи инфиродии хонандагон диққат диҳанд, онҳоро ба тарзи эҷодӣ фикр кардан ва амал кардан ҳавасманд созанд. Танҳо дар ин ҳолат, системаҳои таълимӣ метавонанд воқеан ба рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон мусоидат кунанд ва онҳоро барои ҷомеаи оянда омода созанд.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи замони имрӯза дар он аст, ки хизматрасониҳои таълимӣ ба ашхоси эҷодкор, ки қобилияти худ аз худ дониш гирифта, дар асоси он донишҳои нав тавлид карданро доранд, торафт бештар талабот пайдо мекунанд. Аммо дар шароити муосири иқтисодӣ системаи мавҷудаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ин талаботи ҷамъиятро дуруст ва пурра таъмин карда наметавонад, зеро бозори меҳнат

талаботро нисбат ба хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ на танҳо мунтазам баланд мебардорад, балки тағйир медиҳад.

Аз ин рӯ, таҳсилоти иловагӣ метавонад муҳити созгореро фароҳам орад, ки дар он хонандагон тавонанд майлу ҳавасҳои эҷодии худро такмил дода, қобилиятҳои эҷодии худро рушд диҳанд. Салоҳияти эҷодкорӣ, ки махсусан қобилиятҳои эҷодии хонандагонро дар бар мегирад, ба такмили майлу маҳоратҳо ва омодагии равонӣ асос меёбад. Дараҷаи ташаккули ин қобилиятҳо аз як қатор омилҳо вобаста аст, ки муҳити иҷтимоӣ ва педагогӣ дар ин раванд нақши калидӣ мебозанд.

## 1.2. Ташхиси дарёфти салоҳияти эҷодкории хонандагон ва усулҳои рушди он

Эҷодкорӣ як падидаи мураккаб ва бисёрҷанба аст, ки ташхис ва рушди он дар хонандагон яке аз масъалаҳои муҳими илмҳои педагогика ва психология маҳсуб мешавад. Дар ин раванд, равандҳои маърифатӣ, ба монанди эҳсос, идрок, хотир, тафаккур, диққат ва тасаввурот, ки шарти асосии ташаккули шахсият دониста шудаанд, нақши калидӣ мебозанд. Эҷодкорӣ як намуди фаъолиятест, ки дар он ин равандҳо бо тарзу усулҳои хос ба амал меоянд ва маҳз тавассути онҳо қобилиятҳои эҷодӣ зоҳир мешаванд. Бинобар ин, масъалаҳои ташхис, тавсиф ва таснифи қобилиятҳои эҷодӣ, инчунин заминаҳои психофизиологии онҳо, имрӯз дар меҳвари таҳқиқотҳои муосир қарор доранд ва диққати олимон ва мутафаккиронро ба худ ҷалб мекунанд.

Дар ҷаҳони муосир, эҷодкорӣ ҳамчун маҳорати асосӣ барои муваффақият эътироф шудааст. Бо дарназардошти ин, ташхис ва муайян кардани салоҳиятҳои эҷодкорӣ дар хонандагон дар шароити таълимӣ ҳарчӣ бештар муҳим мегардад. Барои ташхиси самараноки салоҳиятҳои эҷодкорӣ, донистани асосҳои назариявии эҷодкорӣ муҳим аст. Калимаи «эҷод» ва «эҷодиёт» дар фарҳанги забони тоҷикӣ маънои ба вуҷуд овардан, пайдо кардан ва офариданро доранд [172, 623]. Ин маъно нишон медиҳад, ки ҳама гуна эҷодиёт ҷараёни офариниш аст ва офариниш метавонад дар тамоми соҳаҳои ҳаёти инсон вуҷуд дошта бошад. Эҷодкорӣ, аз ин рӯ, ҳалли масъалаҳои эҷодиро дар назар дорад, ки метавонанд дар тамоми намудҳои фаъолияти гуногунҷанба зоҳир шаванд.

Масъалаи эҷодӣ як муаммоест, ки дар ҳама гуна фаъолиятҳои инсонӣ метавонад ба вуҷуд ояд. Ҳалли чунин масъалаҳо барои шахс дарки муаммоҳо ва ҷустуҷӯи роҳҳо ва усулҳои ҳалли онҳоро дар бар мегирад. Ин раванд, ки пас аз дарки масъала оғоз мешавад, ба тавлиди роҳҳои нав, бемисл ва ғайриоддӣ мерасонад, ки онҳо шарти калидии эҷодиётро муайян мекунанд. Ҳар як ҳалли эҷодкорона натиҷаи истифодаи нерӯи эҷодии инсон аст, ки боиси тавлиди ғояҳои нав ва маҳсулоти эҷодӣ мегардад.

Раванди эҷодиёт ва шиддатнокии он бо нерӯи эҷодии инсон робитаи

дутарафа дорад. Ин робита на танҳо маҳсулнокӣ ва самараи эҷодкориро муайян мекунад, балки инчунин хусусиятҳои инфиродии эҷодкориро низ дар бар мегирад. Маҳз тавассути ин робита, эҷодкорӣ метавонад ба як қувваи тавонои рушди шахсият табдил ёбад, ки ба шахс имкон медиҳад, ки дар тамоми паҳлӯҳои ҳаёт ва фаъолияти худ пешсаф бошад.

Зери мафҳуми «салоҳияти эҷодкорӣ» як истилоҳи мураккаби психологиро мефаҳманд, ки бо зерқисматҳо ва унсурҳои сохтори инфиродӣ-психологии шахс алоқаманд аст. Ин мафҳум дар раванди азхудкунии донишҳо, маҳоратҳо ва малакаҳо зоҳир мешавад ва он на танҳо қобилияти тавлиди ғояҳои навро дар бар мегирад, балки инчунин қудрати мутобиқ шудан ба шароити тағйирёбанда ва истифодаи муассири ин донишҳо ва малакаҳоро барои ҳалли мушкилот ва офаридани чизҳои нав дар назар дорад. Салоҳияти эҷодкорӣ як маҷмӯи қобилиятҳо ва сифатҳои зеҳнӣ, шахсӣ ва равонӣ мебошад, ки дар ҳамкорӣ бо ҳамдигар амалӣ шуда, ба шахс имкон медиҳанд, ки дар соҳаҳои мухталифи фаъолият муваффақ гардад.

То ҳол якчанд меъёрҳои назариявӣ барои шарҳ додани хусусият ва ҷузъҳои эҷодкорӣ пешниҳод гардидаанд. Яке аз чунин сохторҳо модели таркибии эҷодкорӣ мебошад, ки аз ҷониби Тереза Амабайл (1983) пешниҳод шудааст. Мувофиқи ин пешниҳод ба эҷодкорӣ се ҷузъи ба ҳам алоқаманд таъсир мерасонад: малакаҳои марбут ба зеҳн, малакаҳои марбут ба эҷодкорӣ ва ҳавасмандсозӣ [195, 364]. Малакаҳои марбут ба зеҳн ба дониш ва таҷриба дар соҳаи муайян дахолат мекунад. Малакаҳои марбут ба эҷодкорӣ бошанд, равандҳои маърифатӣ, аз қабили тафаккури гуногунҷабҳа ва қобилияти ҳалли мушкилотро дар бар мегирад. Ҷузъи сеюм - ҳавасмандсозӣ маънои шавқмандии ботинӣ ва хоҳиши иштирок дар фаъолияти эҷодиро дорост. Ин модел фаҳмиши пурраи омилҳои маърифатӣ ва ҳавасмандкунандаро дар бар мегирад, ки ба нишондиҳандаҳои эҷодӣ мусоидат мекунанд ва метавонанд зимни ташхис салоҳиятҳои эҷодиро муайян кунанд.

Сохтори дигари назариявии бонуфуз модели системавии эҷодкорӣ мебошад, ки аз ҷониби М. Чиксентмихайи (1996) пешниҳод шудааст [196, 264]. Ин назария робитаи байни эҷодиёти инфиродӣ ва заминаи иҷтимоию

фарҳангиро ҷузъи муҳим меҳисобад. Мувофиқи ин модел, эҷодкорӣ аз ҳамкории динамикии байни фард, зеҳн ва муҳит ба вуҷуд меояд. Шахс дар ҳолате эҷодкор дониста мешавад, ки маҷмӯи малака, дониш ва хислатҳои шахсии беназир дошта бошад. Зеҳн ба соҳаи мушаххасе тааллуқ дорад, ки эҷодкорӣ дар он ифода меёбад (ба монанди санъат, илм ё тиҷорат). Муҳит заминаи иҷтимоию фарҳангӣ, аз ҷумла меъёрҳо, арзишҳо ва институтҳоеро, ки ба эътироф ва қабули ғояҳои эҷодӣ таъсир мерасонанд, ифода мекунад. Ин модел аҳамияти баррасии омилҳои инфиродӣ ва заминавиро дар ташхиси салоҳиятҳои эҷодӣ таъкид мекунад.

Масъалаҳои ташхиси эҷодкорӣ ва рушди эҷодии шахс таърихи қадима доранд, ки ҳатто дар навиштаҷотҳои ёдгории қадимтарини маданияти халқамон, ба монанди «Авасто» низ ба онҳо ишораҳо ёфт мешавад. Анъанаҳои авастоӣ, ки решаҳои амиқ дар таъриху фарҳанги мардуми ориёӣ доранд, метавонанд ҳамчун як модели иҷтимоӣ ва фалсафӣ барои рушди шахсият ва салоҳиятҳои эҷодкорӣ дар замони муосир истифода шаванд. Авасто ҳамчун яке аз куҳантарин осори адабӣ ва динӣ, дар баробари таълимоти динии Зардушт, мафҳумҳо ва арзишҳои башардӯстонаеро фароҳам овардааст, ки дар ташаккули инсон ва ҷомеаи инсонӣ нақши муҳим мебозанд.

***Маънавиёт ва арзишҳои фалсафии Авасто:*** Авасто таълим медиҳад, ки инсон бояд барои рушди шахсият ва рӯҳи худ талош кунад. Таълимоти Авасто дар бораи ростӣ, адолат, некӯкорӣ ва дӯстдорӣ боиси ташаккули як ҷомеаи инсондӯстона мегардад. Ин арзишҳо метавонанд асоси маънавиёти муосирро ташкил диҳанд, ки ба рушди шахсият ва салоҳиятҳои эҷодкорӣ мусоидат мекунанд.

***Салоҳияти эҷодкорӣ:*** Дар фалсафаи Авасто, инсон ҳамчун махлуқи озод ва дорои ихтиёр шинохта мешавад, ки метавонад бо истифода аз дониш, ҳикмат ва адолат ҷаҳони худро тағйир диҳад. Ин озодӣ ва ихтиёрият заминаи рушди эҷодкориро фароҳам меорад, зеро инсонро ташвиқ мекунад, ки дар ҷустуҷӯи роҳи беҳтар кардани ҷаҳон бошад ва аз дарки анъанаҳои кӯҳан барои тавлиди ғояҳои нав истифода барад.

***Арзишҳои иҷтимоӣ:*** Авасто таълим медиҳад, ки инсон бояд барои беҳбудии ҷомеа талош кунад. Ин арзишҳо метавонанд ҳамчун намуна барои ташаккули салоҳиятҳои иҷтимоӣ ва касбӣ дар замони муосир истифода шаванд. Онҳо метавонанд на танҳо дар рушди шахсӣ, балки дар сохтани ҷомеае, ки дар он ҳамкорӣ, ҳамдардӣ ва ҳамфикрӣ афзалият доранд, саҳмгузор бошанд.

***Ҳамкорӣ ва ҳамфикрӣ:*** Анъанаҳои авастоӣ ба инсон меомӯзанд, ки бояд ҳамеша бо дигарон ҳамкорӣ кунад, маслиҳат кунад ва бо онҳо барои расидан ба ҳадафҳои умумӣ ҳамфикр бошад. Ин метавонад дар замони муосир ҳамчун як намуна барои таҳкими равобити инсонӣ, ки ба рушди эҷодкорӣ ва пешрафти ҷомеа мусоидат мекунанд, истифода шавад.

***Арзиши дониш ва таълим:*** Авасто таълим медиҳад, ки дониш яке аз рукнҳои асосии ҳаёти инсон аст. Дар замони муосир, омӯзиш ва донишандӯзӣ ҳамчун омили калидии рушди эҷодкорӣ ба ҳисоб меравад. Ин таълимоти куҳан метавонад илҳомбахш бошад ва инсонҳоро ташвиқ кунад, ки пайваста дар ҷустуҷӯи дониш ва тавсеаи ҳудуди фикрии худ бошанд.

Ҷараёни тафаккури олӣ, ки бо эҷодиёти фикрӣ, маънавӣ ва равонӣ робита дорад, ҳамчун омили калидии рушди шахсият дар «Авасто» низ таъкид шудааст. Ин ҷараён на танҳо бо эҷоди ғояҳои нав, балки бо қобилияти равона кардани фикру андеша ба мувофиқи хоҳиш ва истифодаи онро барои эҷодкорӣ ва созандагӣ низ дар бар мегирад. Ин қобилияти равонӣ ба ҳама инсонҳо хос аст, ки онҳоро ба сӯи офариниш ва ташаккули арзишҳои маънавӣ мебарад.

Ташаккули андешаҳо дар бораи қобилиятҳои эҷодӣ ва муҳимияти онҳо дар рушди шахсиятро на танҳо анъанаҳои қадимӣ, балки мутафаккирони форсу тоҷик низ фаъолона баён кардаанд. Дар осори онҳо, инсони эҷодкору навовар, соҳиби илму хирад, пешраву созанда ҳамчун шахсияти дорои мақоми хоса дар ҷамъият васф карда шудааст. Инсон на танҳо бо дастовардҳои худ дар соҳаи илм ва эҷодкорӣ, балки бо хирадмандӣ ва иқдоми худ барои сохтани ояндаи беҳтар ба ҷамъият хидмат мекунад.

Яке аз мутафаккирони барҷастаи асримиёнагӣ, Закариёи Розӣ аст, ки ба ақидаи ӯ  ақл ва хирад на танҳо барои дарки олам, балки барои эҷод

кардани чизи нав ва мукаммал низ заминаи муҳим мебошанд. Дар ин равиш, хирадмандӣ ва эҷодкорӣ якҷоя амал мекунанд, то ки инсон ба самтҳои нави илм, фалсафа ва фарҳанг роҳ ёбад [94, 87]:

Ҳамин тавр, анъанаҳои қадимаи эҷодкорӣ ва ақлгароӣ дар фарҳанги мо на танҳо дар гузашта аҳамияти бузург доштанд, балки дар замони муосир низ метавонанд ҳамчун асоси рушди шахсият ва ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ истифода шаванд.

Закариёи Розӣ дар боби аввали асари худ «Тибби рӯҳонӣ» ақлу хирадро ҳамчун беҳтарин тӯҳфаи худованд барои инсон ситоиш кардааст. Ӯ ақлро аз нафс бартар шуморида, онро василаи асосӣ барои нигоҳ доштани инсон аз роҳи бад ва гумроҳӣ медонад. Ба ақидаи Розӣ, маҳз тавассути ақл инсон метавонад ба бузургӣ ва саодатмандӣ даст ёбад, яъне соҳиби илму маърифат шавад. Ин андешаҳо нишон медиҳанд, ки шахси оқил набояд асири нафси худ бошад, балки ақл бояд фармонравои нафс бошад. Танҳо дар ин сурат инсон ба мақсади ҳаёти худ, яъне ба саодати зиндагӣ мерасад. Чунон ки Розӣ дар бахши якуми «Тибби рӯҳонӣ» таъкид мекунад: «Пас, агар мо аз ӯҳдаи ин кор бароем, он гоҳ ақл бағоят мададгор ва нурпоши пайраҳаи ҳаётамон мешавад, дар ин маврид яқин аст, ки ақл моро ба интиҳои хуби мақсаду маром мерасонад. Билхусус, мо ба тавассути ақл, ки инъоми худовандист, саодатманд мешавем» [94, с 89].

Фикрҳои Абӯнасри Форобӣ дар бораи хирад низ нишон медиҳанд, ки қудрати ақл дар маърифати олам беинтиҳост. Форобӣ хирадмандиро сифати баланди ахлоқ мешуморад ва ягонагии онро бо рафтору амал, эҳтироми байни аъзоёни ҷомеа, адолат, муҳаббат ва ростгӯиро таъкид мекунад. Ба ақидаи Форобӣ, инсон дар амалиёти худ фаъол ва озод аст ва бояд саодати худро бо фаъолияти худ таъмин кунад [10, 77]. Ин андешаҳо нишон медиҳанд, ки хирад ва ахлоқ ба ҳам пайваст буда, инсон бояд бо амалҳои худ дар ҷомеа ба арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоӣ содиқ бошад.

Абӯалӣ ибни Сино, пайрави бузурги Форобӣ, ба заминаҳои зеҳнии қобилиятҳои эҷодӣ таваҷҷӯҳ зоҳир намуда, мегӯяд, ки ҳақиқат тавассути дониши ҳиссӣ, ки ба ҳар як фард хос аст, дарк карда мешавад. Ақл ҳамчун зинаи олӣ ва пайдарпайи қувваҳои равонӣ фаъолият мекунад ва унсурҳои он

бо ҳам алоқаманданд. Ба ақидаи Сино, қувваи амалӣ, ки ҳаракатҳои ҷисмонӣ ва амалӣ инсонро танзим мекунад, ва қувваи назарӣ, ки донишҳоро ҳосил мекунад ва бо эҷодиёт алоқаманд аст, ҳарду ба якдигар вобастаанд. Қувваи назарӣ махсусан бо эҷодиёт ва донишҳои абстрактӣ амал мекунад, ки ин қобилиятҳо инсонро ба дарки амиқи ҳақиқат ва офариниши нав роҳнамоӣ мекунанд [10, 28].

Ҷалолиддин Румӣ эҷодиётро ҳамчун хусусияти хоси хиради инсон медонад ва таъкид мекунад, ки тарбия бояд инсонро озод кунад, на ром созад. Ба ақидаи ӯ, таълим бояд ба дониш сероб кунад, на танҳо маълумот диҳад, балки дарёфти чизи номаълум ва эҷодиётро ташвиқ намояд. Румӣ хиради инсонро ҳамчун муҳимтарин фазилат баррасӣ мекунад, ки тавассути он инсон аз ҳайвон фарқ мекунад, бунёд мекунад ва ё сарнагун месозад. Аз ҳама муҳимтар, Румӣ таъкид мекунад, ки ақлу хирад ба шахс имконият медиҳад, ки ҳамеша худро такмил диҳад ва ба сатҳҳои нави фаҳмиш ва эҷодиёт бирасад [10, 93].

Афкори мутафаккирони бузурги халқи тоҷик, ба монанди Закариёи Розӣ, Абӯнасри Форобӣ, Абӯалӣ ибни Сино ва Ҷалолиддин Румӣ, ба ташаккули ҷаҳонбинӣ ва ҳуввияти миллӣ таъсири амиқ доранд. Онҳо бо фикру андешаҳои худ на танҳо маърифати шахсро такмил додаанд, балки дар рӯҳияи инсондӯстӣ, созандагӣ ва эҷодкорӣ насли нави миллати тоҷикро тарбия мекунанд. Мероси фикрии онҳо имрӯз ҳам метавонад ҳамчун сарчашмаи ғанӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва ташаккули шахсият дар замони муосир истифода шавад.

Яке аз сарчашмаҳои муҳим барои ташаккули қобилиятҳои эҷодӣ дар фарҳанги мо фолклор мебошад. Хираду заковати мардумӣ дар афсонаҳо, ривоятҳо, достонҳо, зарбулмасалҳо, бозиҳо ва сурудҳо гирд оварда шудаанд ва ба раванди таълиму тарбия таъсири бузург мерасонанд. Ин мероси бузург, ки дар шакли арзишҳои таълимиву тарбиявӣ гирд оварда шудааст, метавонад ба насли имрӯза кӯмак кунад, ки аз он оқилона истифода барад ва бо истифода аз ин мерос, худро такмил диҳад ва дар ҷомеа нақши созанда бозад. Таҷриба нишон медиҳад, ки истифодаи дастовардҳои этнопсихологӣ ва этнопедагогӣ метавонад самаранокии ҷараёни таълиму тарбияро зиёд

кунад. Расму оинҳои мардумӣ, ба монанди ҷашнгирии идҳои «Сада», «Наврӯз», «Меҳргон», имкониятҳои зиёдеро барои пешниҳоди фикру ғояҳои нав ва эҷодиёт фароҳам меоранд.

Боиси қаноатмандист, ки солҳои охир ҳукумати мамлакат барои эҳёи оинҳои ниёгонамон тадбирҳои зиёдеро роҳандозӣ кардааст. Ин иқдомот ба насли наврас имконият медиҳад, ки бо таърих ва фарҳанги бойи миллат ошно шаванд ва дар асоси он қобилиятҳои эҷодии худро рушд диҳанд. Бо пайваст кардани ақлу хирад ба мероси фарҳангӣ, метавон шахсиятҳои комил ва эҷодкореро тарбия намуд, ки дар рушди ҷомеаи худ саҳми арзанда хоҳанд гузошт.

***Усулҳо ва равишҳо барои ташхиси салоҳиятҳои эҷодкорӣ***

Ташхиси салоҳиятҳои эҷодӣ дар хонандагон истифодаи усулҳо ва равишҳои мувофиқро талаб мекунад, ки хусусияти бисёрҷанбаи эҷодкориро инъикос карда тавонанд. Усулҳои анъанавии арзёбӣ, ба монанди тестҳо ва баҳои стандартишуда, аксар вақт қобилияти эҷодиро ба таври кофӣ арзёбӣ карда наметавонанд. Ин усулҳо бештар ба муайян кардани тафаккури конвергентӣ ва сатҳи дониш равона шудаанд, ки одатан ҷавобҳои дуруст ва мушаххасро талаб мекунанд. Аммо, эҷодкорӣ бештар бо тафаккури дивергентӣ ва асолати ғояҳо алоқаманд аст, ки дар онҳо тавлиди идеяҳои гуногун, ҳалли ғайримуқаррарии масъалаҳо ва навоварӣ муҳиманд.

Тестҳо ва баҳои стандартишуда, ки асосан барои арзёбии донишҳои муайян ва қобилияти истифодаи онҳо таҳия шудаанд, қобилияти эҷодиро дар муҳассилин пурра инъикос карда наметавонанд. Ин усулҳо ба як ҷавоби дуруст равона шуда, имкони нишон додани тафаккури эҷодиро маҳдуд мекунанд. Дар натиҷа, онҳо бештар ба арзёбии тафаккури конвергентӣ мусоидат мекунанд, ки дар он дониш ва малакаҳои мавҷуда барои расидан ба як ҳалли мушаххас истифода мешаванд.

Барои арзёбии дурусти қобилияти эҷодӣ, усулҳои арзёбии муосир лозиманд, ки тафаккури дивергентӣ ва асолати ғояҳоро дар назар доранд. Инҳо метавонанд арзёбии равандҳои эҷодӣ, озмоишҳои амалӣ, лоиҳаҳои эҷодӣ ва муҳокимаҳои кушодро дар бар гиранд, ки дар онҳо донишҷӯён метавонанд имконият дошта бошанд, ғояҳои навро пешниҳод кунанд ва

ҳалли масъалаҳоро бо роҳҳои ғайримуқаррарӣ таҳия намоянд. Танҳо дар ин сурат, метавон қобилияти воқеии эҷодии шахсро арзёбӣ кард ва ба рушди минбаъдаи он мусоидат намуд. Ҳамин тариқ, усулҳо ва равишҳои алтернативӣ барои арзёбӣ ва ташхиси салоҳиятҳои эҷодӣ таҳия карда шудаанд.

Яке аз равишҳои васеъ истифодашаванда истифодаи тафаккури гуногунҷабҳае мебошад, ки аз одамон талаб мекунад, ки барои як масъала якчанд роҳи ҳали гуногун фикр кунанд. Ин супоришҳо чандирӣ, асолат ва имконияти рушдро, ки ҷузъҳои асосии тафаккури эҷодӣ ҳисобида мешаванд, арзёбӣ мекунанд. Масалан, дар ин равиш супоришҳое истифода мешаванд, ки аз шахсони алоҳида талаб мекунад, ки барои объекти умумӣ ба монанди хишт ё коғаз ҳарчи бештар истифода баранд. Сипас ҷавобҳо дар асоси навоварӣ ва мувофиқати онҳо баҳо дода мешаванд. Супоришҳои мантиқӣ барои муайян кардани қобилияти шахс барои тавлиди ғояҳои эҷодӣ маълумоти пурарзиш медиҳанд ва метавонанд барои ташхиси салоҳиятҳои эҷодӣ истифода шаванд.

Усули дигари ташхиси салоҳиятҳои эҷодӣ истифодаи воситаҳои худбаҳодиҳии эҷодӣ ва саволномаҳо мебошад. Ин воситаҳо ба одамон имкон медиҳанд, ки дар бораи эҷодкорӣ, муносибатҳо ва таҷрибаи худ андеша кунанд. Масалан, саволномаи дастовардҳои эҷодӣ (CAQ) дастовардҳои эҷодии одамонро дар соҳаҳои гуногун, аз қабили санъат, илм ва тиҷорат арзёбӣ мекунад. Воситаҳои худбаҳодиҳӣ усулҳои дигари баҳодиҳиро пурра карда, ба одамон имконият медиҳанд, ки дар бораи ҷиҳатҳои қавӣ ва заифии эҷодии худ фикр кунанд.

Илова ба ин равишҳои инфиродӣ, муҳим аст, ки ҳамзамон ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва муштараки эҷодкорӣ баррасӣ карда шаванд. Арзёбии гурӯҳӣ, аз қабили ҳуҷуми зеҳнӣ ё ҳалли муштараки мушкилот, метавонад қобилияти одамон дар самти кор дар гурӯҳҳо, генератсия ва рушд додани ғояҳои дигарон ва ҷалби эҷодиёти дастаҷамъиро инъикос кунанд. Ин арзёбӣ метавонад махсусан дар муҳити таълимие муфид бошад, ки дар он ба ҳамкорӣ ва кори дастаҷамъона таваҷҷуҳи асоси зоҳир карда мешавад.

Дар умум, ташхиси салоҳиятҳои эҷодӣ маҷмӯи усулҳо ва равишҳоеро тақозо мекунад, ки хусусияти бисёрҷанбаи эҷодиро инъикос мекунанд. Бо истифода аз як чаҳорчӯбаи назариявӣ ва истифодаи як қатор василаҳои арзёбӣ, омӯзгорон ва муҳаққиқон метавонанд салоҳиятҳои эҷодии хонандагонро самаранок муайян кунанд ва рушд диҳанд. Ин, дар навбати худ, метавонад фарҳанги эҷодкорӣ ва навовариро дар муҳити таълимӣ рушд диҳад.

***Тестҳо ва саволномаҳо барои ташхиси салоҳияти эҷодкорӣ***

Дар ин қисмати таҳқиқот истифодаи тестҳо ва саволномаҳо барои ташхиси тафаккури эҷодкориӣ ва салоҳиятҳои эҷодӣ баррасӣ мешавад. Шкалаи «тахайюл» ҳолати мувозинати байни субъектҳоро нишон медиҳад. Натиҷаҳои пурсишномаи Ҷ.Брунер нишон медиҳанд, ки танҳо 20% субъектҳо сатҳи баланди тафаккури объективӣ доранд, дар ҳоле ки аксарият (70%) сатҳи миёна доранд. Миқёси тафаккури рамзӣ нишон медиҳад, ки аз се ду ҳиссаи субъектҳо тафаккури математикӣ надоранд. Навъи «тафаккури муштарӣ» дар 90% интихоб маъмул аст, ки бартарӣ ба тафаккури башардӯстонаро нишон медиҳад. Аксарияти субъектҳо (90%) инчунин сатҳи баланди тафаккури тасвириро нишон медиҳанд. Аз ҷиҳати эҷодкорӣ 60% субъектҳо қобилияти баланди эҷоди ғояҳои навро доранд. Ин пурсишномаи панҷомила нишон медиҳад, ки субъектҳо ба экстраверсия нигаронида шуда, нисбат ба дигарон муносибати мусбӣ доранд, малакаи худидоракунӣ ва поквиҷдонии худро нишон медиҳанд, устувории эмотсионалӣ доранд [150, 163].

Дар қисмати кори таҳқиқоти мо аҳамияти ташхис ва рушд додани қобилиятҳои рефлексионии хонандагон, бахусус омӯзгорони оянда баррасӣ менамоем. Он зарурати истифодаи усулҳои дуруст ва боэътимоди ташхисро барои арзёбии тафаккури эҷодӣ таъкид мекунад. Дар ин самт якчанд методологияҳо муассир ва санҷидашуда мавҷуданд, аз ҷумла ченаки инфиродии шиддатнокии инъикос бо истифода аз усули А.В. Карпов [63], дараҷаи ташаккули инъикоси педагогӣ бо усули О.В. Калашников [60] ва дараҷаи ҷиддият ва мавқеъгирӣ бо усули А. Ранко [197]. Ин методологияҳо ба ҷанбаҳои гуногуни инъикоси худ, таҳлили ангезаҳои ботинӣ, дарки дигар

одамон, таҳлили тафаккури худ тамаркуз мекунанд. Ҳамчунин ворид кардани абзорҳо барои ташхиси ҷузъҳои сохтории ташхискунӣ, аз қабили худшиносӣ, худтаҳлилкунӣ, худбаҳодиҳӣ, рушди худшиносӣ пешниҳод шудааст. Дар маҷмӯъ, аҳамияти ташхис дар дарёфту ва ташаккул ёфтани салоҳиятҳои эҷодкории шахсият дарҷ гардидааст.

Муҳаққиқон ва коршиносон мафҳуми «эҷодкорӣ»-ро ба таври гуногун тафсир намудаанд. Баъзеҳо эҷодкориро ҳамчун шакли универсалии тараққиёт, ки ба табиати инсон хос аст, мешуморанд, дигарон бошанд, онро бо ҳар як фаъолияти ҷамъиятӣ алоқаманд мекунанд. Эҷодкорӣ аксар вақт ҳамчун раванд ва натиҷаи эҷоди чизи нав мебошад (новобаста аз он ки ин чиз барои инсоният комилан нав аст ё нисбатан). Эҷодкорӣ пеш аз ҳама бо эҷодиёти зеҳнӣ ва тафаккури гуногунҷабҳа алоқаманд аст, ки хосияти асолат, чандирӣ ва қобилияти муоширатро дар бар мегирад. Гарчанде ки эҷодкорӣ аксар вақт бо қобилияти зеҳнӣ алоқаманд аст, тадқиқот нишон дод, ки эҷодкорӣ ва зеҳн на ҳамеша бо ҳам алоқаманданд. Барои ташхис намудан ва рушд додани қобилияти эҷодии кӯдакон ва наврасон ба эътибор гирифтани хусусиятҳои фардии хонанда ва муҳити тарбия аҳамияти калон дорад [150, 93].

Воситаҳои ташхиси салоҳиятҳои эҷодӣ (тестҳо ва саволномаҳо) барои баҳодиҳии тафаккури эҷодӣ, муайян кардан ва рушд додани салоҳиятҳои эҷодкорӣ дар хонандагон аҳамияти аввалиндараҷа доранд. Эҷодкорӣ маҳорати арзишмандест, ки ба навоварӣ, ҳалли мушкилот ва тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунад. Аз ин рӯ, зарур аст, ки воситаҳои муассир барои ташхис ва баҳодиҳии тафаккури эҷодӣ дар хонандагон истифода шаванд. Дар ин бахш санҷишҳо ва саволномаҳои гуногун, ки маъмулан барои арзёбии салоҳиятҳои эҷодӣ дар шахс истифода мешаванд, баррасӣ хоҳанд шуд. Ин воситаҳо дар муайян кардани иқтидори эҷодии хонанда нақши муҳим доранд ва метавонанд омӯзгоронро дар таҳияи стратегияҳо барои такмил додани малакаҳои тафаккури эҷодии онҳо роҳнамоӣ кунанд.

***1. Тестҳои тафаккури эҷодӣ***

Дар педагогика ва психологияи муосир ҷиҳати ташхиси тафаккури эҷодӣ ва салоҳияти эҷодкорӣ тестҳои Э.П.Торренс бештар истифода

мешаванд . Тести Торренс оид ба тафаккури эҷодӣ  барои арзёбии қобилияти тафаккури эҷодӣ ба таври васеъ қабул ва истифода мешавад. Ин тестҳо аз супоришҳои гуногун иборатанд, ки аз одамон талаб мекунанд, то ғояҳои нав тавлид кунанд, фикрҳои худро иваз кунанд ва ҷавобҳои равон диҳанд. Тестҳо супоришҳоеро ба монанди пур кардани рақамҳои нопурра, эҷоди номҳои хаёлӣ ва тавлиди истифодаи алтернативӣ барои объектҳои умумӣ дар бар мегирад. Натиҷаҳои тест имкони баҳодиҳии ҳамаҷонибаи салоҳиятҳои эҷодии хонанда, аз ҷумла равон будан, чандирӣ, аслият ва коркарди ғояҳоро фароҳам меоранд.

Э.П.Торренс кӯшиши ба вуҷуд овардани супоришҳои тестии модели эҷодиётро, ки бевосита ҷараёни эҷодиёт, на балки натиҷаи онро инъикос мекунанд, ба амал овардааст ва дар омӯзиши муаммои креативнокӣ ҳиссаи калон гузоштааст. Мувофиқи ақидаи ӯ қобилиятҳои эҷодӣ, аз ҷумла креативнокӣ, аз дараҷаи ташаккули интеллект вобастагӣ надоранд. Э.П.Торренс қобилияти эҷодиро омили мустақил, аз интеллект новобаста мешуморид. Дар назарияи «зинаи интеллект» вай ин омилҳоро ба таври зерин муқоиса намудааст: агар аз 115-120 паст бошад, он гоҳ интеллект ва креативнокӣ омили ягонаро ташкил медиҳанд ва дар ҳолати IQ) аз 120 баланд будан қобилияти эҷодӣ бузургии/нишондиҳандаи мустақил мегардад, яъне креативҳо (шахсони дорои қобилияти креативӣ) IQ-и баланд доранд ва баръакс интеллектуалҳо (шахсони дорои IQ-и баланд) креативнокиашон паст аст [162, 51].

Дастовардҳои Э.П. Торренс дар таҳқиқи қобилияти эҷодӣ аз он ҷиҳат қобили қабуланд, ки онҳо ба хусусиятҳои инфиродии шахс тамаркуз мекунанд. Ин нукта аз ҷониби аксари олимон дастгирӣ мешавад, зеро дар ҳама ҳолатҳо креативнокӣ бо нишондиҳандаи интеллект (IQ) алоқаманд нест.  Э.П. Торренс дар таҳлили андешаҳо ва таърифҳои гуногуни эҷодиёт якчанд шаклҳои ташхис ва муайянкунии эҷодкориро ҷудо намудааст, ки ҳар яке ба як ҷанбаи мухталифи эҷодиёт равона шудааст:

1. **Навоварӣ ҳамчун меъёри эҷодиёт**: Торренс таъкид мекунад, ки офариниши чизи нав ба ҳама таърифҳои эҷодиёт хос аст, гарчанде ки ба худи навоварӣ муҳаққиқон ба таври мухталиф назар кардаанд. Масалан,

Л.Л. Терстоун бар ин назар аст, ки муҳим нест, ки навоварӣ аз ҷониби ҷомеа эътироф шавад; муҳим он аст, ки барои худи офаранда он нав бошад [160]. Д.М. Стайн, баръакс, навовариро танҳо дар истилоҳҳои маданӣ муайян мекунад ва таъкид мекунад, ки он бояд аз ҷониби ҳамзамонон эътироф гардад [143].

2. **Эҷодиёт ва конформнокӣ**: Дар ин муқаррарот, эҷодиёт ба конформнокӣ муқобил гузошта мешавад. Б. Теплов [158; 159] ва М. Холодная [176; 177] таъкид мекунанд, ки эҷодиёт ворид кардани назари нав ва ғайриоддӣ ба муаммо мебошад. Инсонҳои эҷодкор ҳам аз конформизм ва ҳам аз нонконформизм озод ҳастанд, ки ин ба онҳо имкон медиҳад, ки ба муаммоҳо бо роҳҳои ғайрианъанавӣ ва ғайримуқаррарӣ наздик шаванд.

3. **Эҷодиёт ҳамчун раванд**: Т. Рибо муҳимияти фикрронии аналогиро барои эҷодиёт таъкид мекунад [128]. В. Дружинин тафаккури эҷодиро ҳамчун раванд, ки робитаҳои навро ба вуҷуд меорад, ҳам дар сатҳи даркшаванда ва ҳам дар сатҳи даркнашаванда, дида баромадааст [43].

4. **Қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодиёт**: Ҷ.П. Гилфорд эҷодиётро дар истилоҳҳои қобилиятҳои фикрӣ муайян кардааст, ки дастовардҳои эҷодиро таъмин мекунанд. Ба ақидаи ӯ, тафаккури эҷодӣ маҳсули тафаккури дивергентӣ мебошад, ки тавлиди ахбори нав, ғайриоддӣ ва бемислро дар асоси ахбори мавҷуда дар бар мегирад [31, 42].

5. **Дараҷаҳои эҷодиёт:** К. Тейлор дар тасаввури худ дараҷаҳои гуногуни эҷодиётро пешниҳод кардааст, ки ҳар яке хусусиятҳои хоси худро дорад:

- ***Эҷодиёти экспрессивӣ:*** Ин дараҷа ба ифодаи ногаҳонии эҷодкорӣ, мисли расмкашии кӯдакон, ки бидуни қоида ва маҳдудият иҷро мешавад, рабт дорад. Он озодии пурраи ифода ва худшиносиро дар бар мегирад.
- ***Эҷодиёти маҳсулнок:*** Дар ин дараҷа эҷодкорӣ бо истеҳсолоти илмӣ, адабӣ ва дигар навъҳои эҷодӣ, ки бозии озоди назоратшаванда ва маҳдудкардашуда мебошанд, иртибот дорад. Ин эҷодкорӣ барои тавлиди маҳсулоти эҷодӣ дар доираи қоидаҳо ва усулҳои муайян равона шудааст.
- ***Эҷодиёти инвентивӣ (кашфиётчигӣ):*** Ин дараҷа дар кашфиёти нав дар маводҳо, усулҳо ва техникаҳо ифода меёбад. Эҷодиёти инвентивӣ ба

ҷустуҷӯи роҳҳои нав ва ғайримаъмулӣ дар татбиқи донишу малакаҳо асос меёбад.

• ***Эҷодиёти инноватсионӣ:*** Ин дараҷа тавассути ворид кардани тағйирот ва такмил ба даст меояд. Эҷодиёти инноватсионӣ равишҳои мавҷударо такмил медиҳад ва ба дастоварди натиҷаҳои нав мусоидат мекунад.

• ***Эҷодиёти офаранда:*** Ин дараҷаи эҷодкорӣ пешниҳодкунандаи принсипи мутлақо нав мебошад, ки метавонад боиси пайдоиши мактабҳо ё равишҳои нав гардад. Эҷодиёти офаранда асосан ба таъсиси идеяҳо ва консепсияҳои комилан нав равона шудааст, ки метавонанд дар соҳаҳои гуногун тағйироти назаррас ворид намоянд [157, 96].

Ҳар як аз ин равишҳо як ҷанбаҳои муҳими эҷодкориро инъикос мекунанд ва нишон медиҳанд, ки эҷодиёт як раванди мураккаб ва бисёрҷанбаро дар бар мегирад, ки онро танҳо ба як ҷанбаи зеҳнӣ маҳдуд кардан дуруст нест. Барои фаҳмиши амиқи эҷодиёт ва рушди он, бояд ба тамоми унсурҳои равонӣ, зеҳнӣ ва иҷтимоии он таваҷҷӯҳ намуд.

Муаммои мувофиқати қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодӣ дар шумораи зиёди таҳқиқотҳо баррасӣ гардидааст. Ин тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки зеҳн ва эҷодиёт заминаҳои гуногун доранд ва дар раванди мутобиқшавӣ ба муҳит функсияҳои гуногунро иҷро мекунанд.

Мо чунин мешуморем, ки бо вуҷуди гуногун будани заминаҳо ва вазифаҳои қобилиятҳои эҷодӣ ва зеҳнӣ, робитаи онҳоро инкор намудан начандон дуруст мебуд. Дар ҷараёни эҷодиёт алоқамандии ин қобилиятҳо хеле назаррасанд ва ҳатто дар баъзе мавридҳо муайян намудани ҳиссаи ҳар кадоме аз онҳо дар натиҷагирии маҳсули эҷодиёт мушкилиеро пеш меорад, яъне мо исрор карда наметавонем, ки маҳсули эҷодиёт кадом қобилиятро зиёдтар дар бар мегирад ва кадомашро камтар. Ин омил ҳам бо протсеси эҷодиёт, ҳам бо маҳсули он ва ҳам бо шахсияти эҷодкор муайян карда мешавад ва ниҳоят инфиродӣ аст.

Худи Э.П.Торренс муайян намудани эҷодиётро ҳамчун як раванд таклиф менамояд ва ишора мекунад, ки «эҷодиётро ҳамчун ҷараён муайян намуда, мо чунин саволҳоро гузоштанамон мумкин аст, барои татбиқи ин

раванд, чӣ гуна шахсият будан лозим аст, кадом муҳит ба ин мусоидат мекунад ва маҳсули ин ҷараён дар натиҷаи бо муваффақият анҷом ёфтани он чӣ гуна мешавад» [174].

Дар гуфтаҳои Э.П.Торренс мо бори дигар робитаи ҳамаи ҷанбаҳои эҷодиётро мушоҳида менамоем. Эҷодиёт як раванд ва ҷараёни мураккабест, ки дар муҳити муайян аз ҷониби шахсияти эҷодкор роҳандозӣ мешавад ва дар натиҷа маҳсуле навофарида мегардад. Эҷодиёт на танҳо раванди офаридани чизи нав аст, балки ҳамзамон шуур, рафтор ва маҳсули офаридаи шахсро тағйир медиҳад. Натиҷаи эҷодиёт ҳамеша бо навгонӣ, роҳи ҳалли ғайриоддӣ ва бемисл алоқаманд аст. Ин равиш нишон медиҳад, ки эҷодиёт на танҳо як қувваи эҷодкорӣ, балки воситаи тағйирдиҳандаи шахсият ва муҳити атроф мебошад.

Эҷодиёт бо хусусиятҳои инфиродӣ-психологии шахс алоқамандии амиқ дорад. Фарди алоҳида, ки эҷодкориро бар дӯш дорад, дорои хусусиятҳое мебошад, ки танҳо ба ӯ хосанд. Маҳз ин хусусиятҳо ба ҷараёни эҷодиёт, дараҷаи зоҳиршавии он ва ниҳоятан ба маҳсули офаридашуда таъсири бузург мерасонанд. Шахсияти эҷодкор бо хосиятҳои инфиродӣ ва психологии худ ин равандро ташаккул медиҳад ва онро ба як амалиёти муваффақ табдил медиҳад. Аз ин рӯ, эҷодиёт на танҳо як раванди офариниши маҳсулоти нав аст, балки як ҷараёни муттаҳидкунандаи хусусиятҳои зеҳнӣ, равонӣ ва фардии шахсият низ мебошад. Ҳар шахси эҷодкор бо истифода аз қобилиятҳои хоси худ метавонад ба сатҳҳои нави офариниш бирасад ва маҳсулоти наву беназире офарад, ки дар худ роҳи ҳалли ғайриоддӣ ва беназирро инъикос мекунад.

Дар маҷмӯъ, эҷодиёт як раванди шахсӣ ва инфиродӣ мебошад, ки дар он шахсияти эҷодкор бо тамоми ҷанбаҳои худ нақш мебозад. Тавоноии офаридани навгонӣ, тавлиди идеяҳои ғайримуқаррарӣ ва пешниҳод намудани роҳҳои ҳалли беназир танҳо дар он ҳолат имконпазир мегардад, ки шахсият бо хусусиятҳои инфиродии худ ба таври пурра ин равандро идора ва роҳнамоӣ кунад. Аз ин рӯ, фаҳмиши амиқи эҷодиёт талаб мекунад, ки мо ҳамеша ба шахсияти эҷодкор ва хусусиятҳои инфиродии ӯ диққат диҳем.

***2. Пурсишнома барои дастовардҳои эҷодӣ.***

Пурсишномаи дастовардҳои эҷодӣ воситаи худтаҳлилкунӣ мебошад, ки ба арзёбии дастовардҳои эҷодии шахс нигаронида шудааст. Дар ин пурсишнома доираи васеи соҳаҳои эҷодӣ, аз ҷумла санъати тасвирӣ, адабиёт, мусиқӣ, илм ва соҳибкорӣ арзёбӣ мешавад. Пурсишномаи дастовардҳои эҷодӣ аз хонанда талаб мекунад, ки сатҳи дастовардҳои худро дар ҳар як соҳа арзёбӣ кунад ва ченаки миқдории дастовардҳои эҷодии худро таъмин кунанд. Пурсишномаи дастовардҳои эҷодӣ барои муайян кардани хонандагоне муфид аст, ки аллакай потенсиали эҷодии худро нишон додаанд.

***3. Тести эҷодкории М. Воллах ва Н. Коган .***

Тести эҷодии М. Воллах ва Н. Коган [198] як қатор супоришҳоеро дар бар мегирад, ки барои арзёбии қобилиятҳои тафаккури эҷодӣ дар шахсони алоҳида пешбинӣ шудаанд. Ин санҷишҳо ҷанбаҳои гуногуни эҷодкорӣ, аз ҷумла ҳассосият нисбат ба мушкилот, муайян кардани мушкилот ва тафаккури дивергентиро андозагирӣ мекунанд. Тести эҷодии Коган супоришҳое ба монанди пур кардани шаблонҳои нопурра, тавлиди ғояҳои беназир ва ҳалли мушкилоти ғайриоддиро дар бар мегирад. Натиҷаҳои Тести эҷодии Коган маълумоти арзишмандро дар бораи қобилияти хонанда барои бархӯрд ба мушкилот аз нуқтаи назари гуногун ва ғояҳои ғайристандартӣ маълум менамоянд.

***4. Тести психологии эҷодкории Ҷ.Гилфорд.***

Ҳангоми таҳқиқи ҷанбаҳои гуногуни табиати психологии эҷодиёт, Ҷ. Гилфорд [32] тестҳои креативнокиро таҳия намудааст, ки дар омӯзиши қобилиятҳои креативӣ дар замони муосир низ ба таври васеъ истифода мешаванд. Бо вуҷуди ин, олимон қайд мекунанд, ки ин тестҳо наметавонанд нишондиҳандаи ягонаи қобилияти эҷодӣ бошанд, зеро эҷодиёт як падидаи бисёрҷанба аст ва танҳо бо чунин тестҳо пурра арзёбӣ шуда наметавонад.

Равоншиносон чунин мешуморанд, ки стандартикунонии тестҳои Ҷ.Гилфорд ба таври мукаммал гузаронида нашудааст, валиднокиашон мекалавад ва қаноатманд нест. Ба фикри онҳо, самаранокии на он қадар баланди тестҳои Ҷ.Гилфорд дар он аст, ки баҳодиҳии қобилиятҳои эҷодӣ аз

рӯи суръати иҷроиши супоришҳо ба роҳ монда шудааст, вале хусусиятҳои инфиродии шахс ба ҳисоб гирифта нашудаанд, зеро дар ҷараёни тадқиқи қобилиятҳои гуногуни фикрӣ ба воситаи тестҳои интеллект IQ ва омӯзиши креативнокӣ бо тестҳои махсус, олимон натиҷаҳои мухолиф ба даст овардаанд.

Маълум гардид, ки ин нишондодҳо ҷавоби амиқеро оид ба муаммои вобастагии креативнокӣ аз интеллект дода наметавонанд. Дар ҳолати чен намудани эҷодкорӣ бо нишондиҳандаҳои дигар - дараҷаи дастовардҳои эҷодӣ дар намуди муайяни фаъолияте, ки шахс бо он машғул аст, натиҷаҳои мувофиқ ҳосил шуданд, ки аз ҷудо будани эҷодкори ва зеҳн далолат медиҳанд.

***5. Шкалаи арзёбии тафаккури эҷодӣ.***

Миқёси арзёбии тафаккури эҷодӣ ченаки ҳамаҷонибаест, ки тафаккури эҷодии шахсро дар ченакҳои гуногун арзёбӣ мекунад. Миқёси арзёбии тафаккури эҷодӣ ҷанбаҳои гуногуни тафаккури эҷодӣ, аз ҷумла равон будан, чандирӣ, аслият, коркард ва ҳалли мушкилотро арзёбӣ мекунад. Ин миқёс аз саволҳои интихобии сершумор иборат аст, ки аз шахсони алоҳида фикрронии эҷодкорона ва пешниҳоди ҳалли инноватсиониро талаб мекунанд.

**6. Миқёси семантикии натиҷаи эҷодкорӣ.**

Миқёси семантикии натиҷаи эҷодкорӣ абзорест, ки барои арзёбии эҷодкорӣ ё натиҷае, ки дар фаъолияти эҷодкорона ба даст омадааст, истифода мешавад. Ин шкала навоварӣ, аҳамиятнокӣ ва сифати маҳсул (натиҷа)-и эҷодкориро баҳо медиҳад. Миқёси семантикии натиҷаи эҷодкорӣ чаҳорчӯбаи сохториро барои арзёбии маҳсулоти эҷодӣ, аз қабили асарҳои санъат, навиштани намунаҳо ё лоиҳаҳои тарроҳӣ муқарра мекунад. Бо истифода аз Миқёси семантикии натиҷаи эҷодкорӣ омӯзгорон метавонанд салоҳиятҳои эҷодии хонандагонро объективӣ арзёбӣ кунанд ва барои такмил додани фикру мулоҳизаҳо пешниҳод манзур кунанд.

Ташхис ва арзёбии салоҳиятҳои эҷодӣ дар хонандагон барои рушд ва муваффақияти умумии онҳо муҳим аст. Воситаҳое, ки дар ин самт истифода мешаванд, аз ҷумла тестҳои тафаккури эҷодӣ, анкетаи комёбиҳои эҷодӣ,

тести эҷодии Коган, шкалаи тафаккури эҷодӣ ва миқёси семантикии натиҷаи эҷодкорӣ, дар бораи қобилиятҳои тафаккури эҷодии шахс маълумоти арзишманд медиҳанд. Ин тестҳо ва анкетаҳо ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки ҷиҳатҳои қавӣ ва заъфи салоҳиятҳои эҷодии хонандагонро муайян кунанд ва имкон медиҳанд, ки тадбирҳо ва стратегияҳои мақсаднок барои такмил додани малакаҳои тафаккури эҷодии онҳо амалӣ карда шаванд. Бо истифода аз ин воситаҳо, омӯзгорон метавонанд фарҳанги эҷодкорӣ ва навовариро рушд дода, хонандагонро ба мушкилот ва имкониятҳои оянда омода созанд. Ин равиш бо ба назар гирифтани на танҳо натиҷаҳои кӯтоҳмуддат, балки дурнамои рушди эҷодкорӣ ва истеъдоди хонандагон, имконият медиҳад, ки як нақшаи таълимӣ ва тарбиявӣ бо тарзи фардикунондашуда таҳия карда шавад.

Ташхиси потенсиали эҷодӣ бештар ба омилҳое, ки метавонанд дар оянда ба рушди эҷодкорӣ мусоидат кунанд, тамаркуз мекунад. Ин омилҳо метавонанд ба хусусиятҳои шахсӣ, муҳити таълимӣ, дастгирии равонӣ ва имкониятҳои таълимӣ алоқаманд бошанд. Аз ин рӯ, ташхиси салоҳиятҳои эҷодӣ бояд як равиши ҳамаҷонибаро истифода барад, ки дар он қобилиятҳои ҳозира ва потенсиали рушди минбаъдаи онҳо ҳамзамон ба назар гирифта мешаванд.

Чунин равиш, хусусан, ҳангоми ташхиси кӯдакон дар синни хурдсолӣ, пеш аз он ки функсияҳои маърифатии онҳо пурра рушд ёбанд, дуруст аст. Ташхис бояд ба муайян кардани потенсиали кӯдак ва муайян кардани минтақаи рушди проксималии онҳо равона карда шавад. Бо вуҷуди ин, усулҳои муосири ташхис аксар вақт ба санҷишҳои зеҳнӣ такя мекунанд, ки танҳо як ҷузъи соҳаи эҷодӣ - иктишофиро арзёбӣ мекунанд. Барои дарки пурраи салоҳиятҳои эҷодии хонанда бояд шахсияти онҳо ва танзими тафаккури эҷодии онҳо ба назар гирифта шавад. Инчунин муҳим аст, ки усулҳои субъективӣ ва объективӣ ба раванди ташхис дохил карда шаванд. Бояд боварӣ ҳосил кард, ки методологияи истифодашуда барои ҳамаи ҷанбаҳои эҷодӣ эътибор дорад. Бо ҳамгироии ин ҷанбаҳои гуногун ташхиси ҳамаҷониба гузаронидан мумкин аст.

Барои арзёбии салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар соҳаи гуногуни фаъолияти маърифатию зеҳнӣ бояд равишҳои нави баҳодиҳӣ пайдо шаванд. Арзёбии салоҳиятҳо муносибати систематикӣ ва истифодаи абзорҳои инноватсиониро талаб мекунад. Системаи баҳодиҳие, ки ба мукаммалсозии маводи таълимӣ нигаронида шудааст ва хусусиятҳои фардии ҳар як хонандаро ба эътибор мегирад, яке аз роҳҳои асосии арзёбии дониш, малака ва маҳорат мебошад. Технологияи баҳодиҳӣ барои пешбурди эҷодкорӣ, инъикоси дастовардҳо, ҳавасманд кардан ба фаъолият ва мустақилият ва ташхиси раванди таълими хонандагон мусоидат мекунад. Системаи рейтингӣ тавассути таълими модулӣ, мониторинги доимии сатҳи дониш ва баҳодиҳии бисёрбалаи дониши хонандагон ташкил карда мешавад. Бо истифода аз принсипҳои технологияи рейтингӣ системаи баҳодиҳии салоҳиятҳои эҷодӣ аз фанни услубшиносӣ ва таҳрири адабӣ бо вазифаҳо ва параметрҳои ҳар як модул таҳия карда шуд.

***Воситаҳои ташхиси салоҳиятҳои эҷодӣ: мушоҳида ва таҳлили фаъолияти эҷодии хонандагон***

Ташхиси салоҳиятҳои эҷодии хонандагон як ҷанбаи муҳими раванди таълим ба шумор меравад, зеро он ба омӯзгорон кӯмак мекунад, ки ҷиҳатҳои қавӣ ва самтҳои такмилталаби ҳар як хонандаро муайян кунанд. Мушоҳида ва таҳлили фаъолияти эҷодии хонандагон воситаҳои асосие мебошанд, ки ба омӯзгорон имкон медиҳанд, то дараҷаи эҷодиёт ва қобилиятҳои креативии хонандагонро аниқтар дарк намоянд.

***Аҳамияти мушоҳида ва таҳлил.***

Мушоҳида ва таҳлил дар бораи қобилиятҳои эҷодии хонандагон маълумоти арзишманд медиҳад. Бо таваҷҷуҳ ба амал, рафтор ва равандҳои тафаккури онҳо дар ҷараёни фаъолияти эҷодӣ омӯзгорон метавонанд иқтидори эҷодии онҳоро амиқтар дарк кунанд. Ин маълумот метавонад барои роҳнамоии стратегияҳо ва барномаҳое, ки ба рушди малакаҳои тафаккури эҷодӣ мусоидат мекунанд, истифода шавад. Илова бар ин, мушоҳида ва таҳлил ба омӯзгорон дар муайян кардани намунаҳо, тамоюлҳо ва самтҳои такмилдиҳӣ ёрӣ расонида, ба онҳо имкон медиҳад, ки ба хонандагон ёрии мақсаднок расонанд.

**Усулҳои мушоҳидасозӣ:**

**1. Мушоҳидаи табиӣ:** Ин усул фаъолияти эҷодии хонандагонро дар муҳити табиии таълимии онҳо бидуни дахолат ва дасткорӣ дар бар мегирад. Омӯзгорон метавонанд хонандагонро ҳангоми машғулиятҳои мунтазами синфӣ, корҳои лоиҳавӣ ё ҳангоми фаъолияти эҷодии беруназсинфӣ мушоҳида кунанд. Мушоҳидаи табиӣ дар бораи қобилиятҳои эҷодии хонандагон маълумоти воқеӣ медиҳад, зеро он рафтори стихиявӣ ва эҷодии онҳоро дар ҳаёти рӯзмарра инъикос мекунад.

**2. Мушоҳидаи сохторӣ:** Дар ин усул омӯзгорон супоришҳо ё фаъолиятҳои мушаххасро барои арзёбии салоҳиятҳои эҷодии хонандагон тарҳрезӣ мекунанд. Ин вазифаҳо метавонанд ба таври инфиродӣ ё гурӯҳӣ иҷро карда шаванд ва метавонанд ҳалли мушкилот, ҳуҷуми зеҳнӣ ё кӯшишҳои бадеиро дар бар гиранд. Мушоҳидаҳои сохторӣ ба омӯзгорон имкон медиҳанд, ки ба ҷанбаҳои мушаххаси эҷодкорӣ таваҷҷуҳ кунанд ва шароитеро фароҳам оранд, ки ба муқоиса ва таҳлили эҷодиёти хонандагон мусоидат мекунанд.

**3. Мушоҳидаи ҳамсолон**: Мушоҳидаи ҳамсолон аз ҷониби хонандагоне сурат мегирад, ки фаъолияти эҷодии ҳамсинфони худро мушоҳида ва таҳлил мекунанд. Ин усул хонандагонро барои аз ҳамдигар омӯхтан ташвиқ мекунад, ба таҳсилоти гурӯҳӣ, рушди тафаккури интиқодӣ ва малакаҳои таҳлилии онҳо мусоидат мекунад. Мушоҳидаи ҳамсолон метавонад тавассути мубоҳисаҳои гурӯҳӣ, презентатсияҳо ё табодули фикру мулоҳизаҳо сурат гирад. Ин ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки ҷиҳатҳои қавӣ, заъф ва хусусиятҳои хоси тафаккури эҷодии хонандагонро муайян кунанд. Таҳлилро метавон бо истифода аз равишҳои гуногун, аз ҷумла усулҳои сифатӣ ва миқдорӣ анҷом дод. Таҳлили сифатӣ тафсир ва дарки мафҳуми асосӣ ва мазмуни фаъолияти эҷодии хонандагонро дар бар мегирад. Натиҷаи чунин таҳлилро метавон тавассути усулҳое ба монанди таҳлили мундариҷа, таҳлили мавзӯӣ ё таҳлили дискусӣ ба даст овард.

Омӯзгорон тавассути таҳлили корҳои эҷодии хонандагон метавонанд стратегияҳои ҳалли мушкилот ва қобилияти тавлиди ғояҳои нав аз ҷониби хонандагонро муайян кунанд.

Мушоҳида ва таҳлили фаъолияти эҷодии хонандагон воситаи тавонои ташхиси салоҳияти эҷодӣ мебошад. Тавассути мушоҳидаи амал ва рафтори хонандагон ҳангоми иҷрои супоришҳои эҷодӣ, омӯзгорон метавонанд дар бораи неруи эҷодии онҳо маълумоти арзишманд ба даст оранд. Барои арзёбии салоҳияти эҷодии хонандагон усулҳои гуногун, аз ҷумла мушоҳидаи табиӣ, мушоҳидаи сохторӣ ва мушоҳидаи ҳамсолон метавонанд истифода шаванд. Илова бар ин, таҳлили эҷодиёти хонандагон бо истифода аз равишҳои сифатӣ ва миқдорӣ ба омӯзгорон ёрӣ мерасонад, ки ҷанбаҳои тавоно, заъф ва хусусиятҳои хоси тафаккури эҷодии онҳоро муайян намоянд. Ин маълумот ҳамчун асос барои таҳияи барномаҳои мақсаднок ва стратегияҳои таълимӣ, ки ба рушди салоҳиятҳои эҷодии хонандагон мусоидат мекунанд, хизмат мерасонад.

Масъалаи ташхиси салоҳияти эҷодкории хонандагон на танҳо як масъалаи мураккаб, балки як вазифаи муҳим ва фавқулодда зарур дар соҳаи маориф аст.

Ташхиси дуруст ва дақиқи салоҳияти эҷодкорӣ метавонад ба таври назаррас ба инкишофи салоҳиятҳои эҷодии хонандагон кӯмак кунад. Ин раванд талаб мекунад, ки на танҳо қобилиятҳои ҳозираи хонандагон муайян карда шаванд, балки потенсиали онҳо барои рушди минбаъда низ ба назар гирифта шавад.

Ташхиси салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон ба омӯзгорон, равоншиносон ва волидайн имкон медиҳад, ки дар бораи истеъдодҳо ва қобилиятҳои эҷодии ҳар як хонанда маълумот пайдо кунанд. Ин маълумот метавонад дар ташкили муҳити омӯзишӣ ва шароити махсуси педагогӣ, ки ба рушди минбаъдаи онҳо мусоидат мекунад, муҳим бошад.

Дар замони муосир нуқтаҳои назар ва равишҳои гуногун дар соҳаи омӯзиши қобилиятҳои эҷодӣ рушд ёфтаанд. Аз нуқтаи назари психология, масъалаи асосӣ дар омӯзиши механизмҳо ва заминаҳои психологии ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ мебошад. Аз нуқтаи назари педагогика, он ба истифодаи методҳо ва усулҳои таълимӣ, ки ба рушди ин қобилиятҳо мусоидат мекунанд, равона шудааст.

Ташхиси дақиқ ва фарогири салоҳияти эҷодӣ метавонад ба рушди шахсиятҳои эҷодкор ва навовар мусоидат кунад, ки онҳо дар рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа нақши муҳим мебозанд. Бо такя ба ин ташхис, метавон шароит ва имкониятҳои муваффақ барои рушди эҷодкориро фароҳам овард, ки ба ҷомеа бунёдкор ва созанда дар замони муосир табдил меёбад. Таҳқиқ ва омӯзиши масъалаи ташхиси салоҳияти эҷодкории хонандагон дар замони муосир аҳамияти хеле калон дорад, зеро эҷодкорӣ ва навоварӣ дар ҳама соҳаҳои ҳаёт ва фаъолияти инсон муҳим мешаванд. Ин мавзӯъ метавонад на танҳо барои соҳаи маориф, балки барои рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ҳар як кишвар ва ҷомеа аҳамияти бунёдӣ дошта бошад.

Бо таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои ин ташхис, метавон роҳҳои самарабахши таълим ва рушди хонандагонро муайян намуд. Ин метавонад барои тарбия ва ташаккули шахсиятҳои эҷодкор ваояндасоз дар ҷомеа заминаи боэътимод шавад. Хулоса, ташхиси салоҳияти эҷодкории хонандагон дар замони муосир яке аз масъалаҳои калидӣ дар рушди маориф ва ҷомеаи бунёдкор мебошад. Таъмини ин раванд бо методҳо ва усулҳои дуруст метавонад на танҳо ба рушди инфиродӣ, балки ба пешрафти ҷомеа низ мусоидат кунад.

### 1.3. Мавқеи таҳсилоти иловагӣ дар низоми маориф ва нақши он дар ташаккули салоҳияти эҷодкории хонандагон

Таъмини соҳаҳои гуногуни кишвар бо мутахассисони соҳибихтисос маҳз дар сурати роҳандозии дурусти таълими хонандагон дар зинаи таҳсилоти иловагӣ ба даст меояд. Вазъи имрӯзаи иҷтимоию иқтисодӣ дар Тоҷикистон, ки дар натиҷаи тадбирҳои созандаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад, боиси тағйироти куллӣ дар соҳаи маориф, аз ҷумла мазмуни таҳсилот шудааст. Ин тағйиротҳо асосан дар се самти муҳим таҷассум меёбанд:

***1. Гузариш ба низоми муносибати босалоҳият:*** Яке аз хусусиятҳои асосии ин марҳала гузариш ба низоми муносибати босалоҳият дар таҳсилот мебошад. Ин гузариш маънои онро дорад, ки таваҷҷуҳи асосӣ на танҳо ба омӯзиши донишҳои назариявӣ, балки ба рушди салоҳиятҳои амалӣ ва татбиқи донишҳо дар амалия равона шудааст. Дар ин низом, хонандагон бояд на танҳо донишҳоро аз худ кунанд, балки тавонанд онҳоро дар ҳаёти ҳаррӯза ва дар шароити гуногуни амалӣ истифода баранд.

***2. Таъсисёбӣ ва фаъолияти муассисаҳои типпи нав ва махсусгардонидашуда барои хонандагони болаёқат:*** Дар доираи ин ислоҳот, муассисаҳои таҳсилотии типпи нав, аз ҷумла литсейҳо ва мактабҳои президентӣ, ки ба хонандагони болаёқат ва истеъдодҳои ҷавон нигаронида шудаанд, таъсис ёфтаанд. Ин муассисаҳо имконият медиҳанд, ки кӯдакон ва наврасони дорои истеъдоди фавқулодда дар муҳити мувофиқ омӯзиш ёбанд ва қобилиятҳои худро инкишоф диҳанд. Дар чунин муассисаҳо барномаҳои таълимӣ ба таври махсус таҳия мешаванд, ки ба талаботи инфиродии ҳар як хонанда мутобиқ шудаанд ва имкони рушди ҳамаҷонибаи шахсиятро фароҳам меоранд.

3. Домандор гардидани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ:

Боз як хусусияти муҳим дар вазъи имрӯзаи иҷтимоию иқтисодӣ домандор гардидани фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мебошад. Дар ҷумҳурӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ афзоиш ёфта, онҳо дар таъмини таҳсилоти ҳамаҷонибаи кӯдакон ва наврасон нақши муҳим

доранд. Ин муассисаҳо кӯдаконро дар берун аз барномаҳои асосии мактабӣ фаро мегиранд ва имконият медиҳанд, ки онҳо бо фаъолиятҳои эҷодӣ, варзишӣ, илмӣ ва техникии гуногун машғул шаванд. Бо ин роҳ, таҳсилоти иловагӣ на танҳо донишу маҳоратҳои навро ба кӯдакон медиҳад, балки онҳоро барои муваффақият дар ҳаёти шахсӣ ва касбӣ омода месозад.

Ин тағйиротҳо нишон медиҳанд, ки Тоҷикистон дар самти рушд ва такмили низоми маориф қадамҳои ҷиддӣ гузошта, бо истифода аз таҷрибаи ҷаҳонӣ ва анъанаҳои миллии худ, заминаи устувор барои ташаккули насли нави босалоҳият, эҷодкор ва тавоноро мегузорад.

Таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан як ҷузъи муҳими низоми маориф ба ҳисоб меравад, ки на танҳо барои такмили тафаккури эҷодӣ ва зеҳнии хонандагон, балки барои ташаккули шахсият ва омодагии онҳо барои зиндагӣ ва кор дар ҷомеаи муосир нақши муассир мебозад. Ин навъи таҳсилот ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар берун аз барномаҳои асосии таълимӣ малака ва дониши худро афзун созанд. Маҳз тавассути барномаҳои таҳсилоти иловагӣ, хонандагон метавонанд қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии худро рушд диҳанд, ки ин барои пешбурди фаъолияти касбӣ ва иҷтимоӣ дар оянда аҳамияти калон дорад.

Таърихан, таҳсилоти иловагӣ дар Тоҷикистон аз солҳои аввали истиқлолият ҳамчун бахши муҳими низоми маориф эътироф шуда, бо мақсади такмили таҳсилоти базавӣ ва мутобиқ сохтани хонандагон ба муҳити нави иҷтимоӣ таъсис ёфтааст.

Таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан аз ибтидо ҳамчун як бахши муҳим дар низоми маориф эътироф шудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», ки соли 1993 қабул гардида буд, аввалин санади ҳуқуқие мебошад, ки ин навъи таҳсилотро ҳамчун як қисми ҷудонашавандаи низоми маорифи кишвар ба расмият шинохт. Таҳсилоти иловагӣ дар қонун дар шакли «Тарбия ва таълими беруназмактабӣ» ҳамчун як сохтори муҳим зикр гардида, барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва қонеъ гардонидани талаботи маънавии хонандагон нигаронида шудааст.

Дар асоси ин қонун, соли 1996 бо фармоиши вазири вақти маориф дар Тоҷикистон як иқдоми муҳим сурат гирифт. Дар заминаи «Маркази техникони ҷавон» Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ таъсис дода шуд. Ин муассиса барои пешбурди таҳсилоти иловагӣ ва фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои рушди қобилиятҳои зеҳнӣ, эҷодӣ ва касбии хонандагон ташкил шуд.

Таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои махсус, ки бо барномаҳои таълимии гуногун фаъолият мекунанд, амалӣ мегардад. Ин муассисаҳо метавонанд бо роҳандозии барномаҳои навин, истифодаи адабиёти иловагӣ ва васоити муосири таълим хонандагонро ба омӯзиш ва эҷодкории бештар ҳидоят намоянд. Дар ин раванд, таълими иловагӣ аз усулҳои педагогикаи ба шахсият нигаронидашуда истифода мебарад, ки ин боиси ҳавасмандии бештари хонандагон мегардад.

Таҳсилоти иловагӣ, ки қаблан чун тарбияи беруназмактабӣ ва ё беруназсинфӣ мебошад, ҷузъи ҷудонопазири системаи муосири соҳаи маориф буда, имрӯз ба сохтори комилан мустақил ва муассири системаи педагогӣ табдил ёфтааст. Дар баробари таҳсил дар муассисаҳои таълимӣ хонандагон метавонанд боз ба маҳфилҳои техникӣ, бадеӣ ва санъат, ҳунарҳои дастӣ, варзишу тарбияи бадан, фанниву илмӣ бо дарназардошти шавқу ҳавас ва малакаву маҳораташон шомил шаванд.

Таҳсилоти иловагӣ дар фарҳанги мо решаҳои чуқур дорад ва аз замонҳои хеле қадим маълум аст. Дар таърихи ниёгони мо, ба ғайр аз таҳсилоти расмӣ дар мадрасаҳо, усулҳои иловагӣ низ барои тарбия ва рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон мавҷуд буданд. Аз сарчашмаҳои таърихӣ ва адабӣ маълум аст, ки падарон ва модарон барои фарзандони худ устодони шахсиро ҷалб менамуданд, то ки онҳо малакаҳои махсус, аз қабили шиноварӣ, тирандозӣ, асптозӣ ва чавгонбозиро аз худ кунанд. Ин дарсҳои иловагӣ на танҳо барои рушди ҷисмонӣ, балки барои ташаккули маҳоратҳои муҳим ва сифати ахлоқии фарзандон мусоидат мекарданд.

Муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ имрӯз ин анъанаҳои қадимро идома медиҳанд ва барои таълимгирандагон имкониятҳои васеи таълимиро фароҳам меоранд. Таҳсилоти иловагӣ инчунин имкони фароҳам

овардани муҳити мусоид барои рушди худшиносӣ ва такмили хислатҳои шахсиро дорад. Ин барои тайёр кардани ҷавонони боистеъдод, ки дар оянда метавонанд дар рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар саҳмгузор бошанд, хеле муҳим аст.

Ҳамин тариқ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон на танҳо барои таълим ва таҳсили расмӣ, балки барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият, ташаккули маҳоратҳои муҳим ва омодагӣ ба ҳаёти мустақилона аҳамияти калон доранд. Тавассути ин муассисаҳо, ҷавонон метавонанд на танҳо дониши назариявӣ, балки малакаҳо ва маҳоратҳои амалиро низ аз худ кунанд, ки ба онҳо дар оянда дар соҳаҳои гуногуни ҳаёт муваффақият меорад.

Дар «Қобуснома» дар боби « Парвариши фарзанд ва оини он» омадааст: «Чунон ки ман даҳсола шудам, моро ҳоҷибе буд...ва фурусият (саворӣ) некӯ донистӣ. Ва ходими ҳабашӣ буд, Райҳон ном дошт, вай низ некӯ донистӣ. Падарам маро бад-он ҳар ду супурд, то маро савориву найза бохтан ва зӯбин андохтану чавгон задан ва тобтоб андохтан ва каманд афкандан ва ҷумла ҳар чӣ дар боби фурусият ва руҷулият буд, биёмӯхтам» ва ё дар ҷойи дигар «Ба ду маллоҳи ҷалд аз Обисгун бивард ва маро бад-эшон супурд, то маро шино биёмӯхтанд..». [165, 93]

Мувофиқи маслиҳати Ҳусайн Воизи Кошифӣ вақте тифл рушд мекунад, падару модар вазифадоранд, ки аз пайи таълими ӯ шаванд. Таълиму тарбияи дурусти фарзанд яке аз рисолатҳои падару модар мебошад. Дар давраи аввал муаллими динӣ бояд Қуръон ва ахлоқро омӯзонад. Баъд ба таълими ӯ бояд омӯзгори дунёдида, озмудашуда, ҳимматбаланд, ки хидмати подшоҳонро кардааст, машғул шавад. Ба ӯ дарси адабу ахлоқ, зиракию ҳушёрӣ, адабиёт ва санъат диҳад.

Дар давраи сеюм устоди кордида ва сипоҳии диловар ба ӯ силоҳдориро омӯзонад. Дар давраи чорум ба таълими ӯ уламо ва донишмандон машғул мешаванд. Кошифӣ таъкид мекунад, ки падару модарон вазифадоранд, ки бачагонро аз одамони бад дур нигоҳ дошта, онҳоро бо мардумони доно ошно созанд ва доимо ба ҳаёту фаъолияти олимон, фозилон ва

донишмандон шиносонанд, то ки фарзандон нисбат ба илму дониш рағбат пайдо кунанд. [10, 104]

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон муҳиммияти таҳсилоти иловагиро барои хонандагон махсус қайд намуда, ҳангоми суханрониашон ба муносибати Рӯзи дониш ва ифтитоҳи бинои нави Академияи Вазорати корҳои дохилӣ аз 30 августи соли 2017 аз ҷумла зикр намуданд, ки: «Барои амалӣ намудани ин тадбирҳои муҳим зарур аст, ки ба таҳсилоти иловагӣ ҳамчун қисми таркибии раванди донишомӯзӣ ва интихоби касб эътибори ҷиддӣ дода шавад, зеро ҳадафи он, пеш аз ҳама, рушди қобилияту истеъдоди кӯдакон ва наврасону ҷавонон мебошад.

Мо бояд на танҳо аз марказҳои таҳсилоти иловагӣ самаранок истифода намоем, балки дар заминаи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ маҳфилҳои гуногуни эҷодиёти техникиву бадеӣ, санъати амаливу ороишӣ, варзишӣ, шоҳмотбозӣ, сайёҳиву кишваршиносӣ, биологиву экологӣ, гуманитарӣ ва монанди инҳоро ба роҳ монем.» [153]

Таҳсилоти иловагӣ барои хонанда як фазои махсуси таълимӣ мебошад, ки берун аз дарсҳои расмӣ амал мекунад ва имкониятҳои иловагиро барои рушди шахсӣ ва иҷтимоии насли наврас фароҳам меорад. Ин навъи таҳсилот на танҳо ба ташаккули дониш ва малакаҳо, балки ба фардикунонии шахсияти хонандагон ва рушди қобилиятҳои эҷодии онҳо низ нигаронида шудааст.

Таҳсилоти иловагӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки барномаҳои иловагии таълимиро мувофиқи шавқу рағбат ва қобилиятҳои худ озодона интихоб кунанд. Ин равиш ба онҳо кӯмак мекунад, ки ниёзҳои дохилии худро қонеъ гардонанд ва манфиатҳои шахсии худро тавассути фаъолиятҳои гуногун амалӣ намоянд. Ҳамин тавр, хонандагон метавонанд тамоюлҳо ва нерӯи эҷодии худро рушд диҳанд, ки ин ба фардикунонии шахсияти онҳо мусоидат мекунад.

Масъалаи иҷтимоии фардикунонии шахсият дар муҳити таҳсилоти иловагӣ ба таври махсус ҳал мешавад. Хонандагон дар ин муҳит метавонанд бо озодӣ ва эътимод ба худ, қобилиятҳои эҷодии худро озмоянд ва аз муваффақиятҳои худ баҳра бибаранд. Ин муҳити мусоид ба ташаккули

худшиносӣ, худбаҳодиҳӣ ва рушди тамоми қувваҳои зеҳнӣ ва эҷодии насли наврас мусоидат мекунад.

Дар доираи таҳсилоти иловагӣ, хонандагон метавонанд дар барномаҳои гуногуни таълимӣ, ки ба табиати онҳо наздиканд, иштирок кунанд. Ин барномаҳо метавонанд шомили фаъолиятҳои санъат, илм, варзиш, ҳунарҳои мардумӣ ва дигар соҳаҳо бошанд. Ба воситаи чунин барномаҳо, хонандагон метавонанд доираи дониш ва малакаҳои худро васеъ кунанд ва дар соҳаҳое, ки ба онҳо шавқу рағбат доранд, муваффақият ба даст оранд.

Таҳсилоти иловагӣ инчунин як василаи муассир барои қонеъ кардани ниёзҳои дохилии хонандагон мебошад. Тавассути ин барномаҳо, онҳо метавонанд манфиатҳои худро амалӣ намуда, ба рушди нерӯи эҷодии худ тамоюл диҳанд. Ҳамин тавр, онҳо на танҳо дониши назариявӣ, балки таҷрибаи амалиро низ аз худ мекунанд, ки ба онҳо дар оянда ҳамчун шахсони комил ва эҷодкор дар ҷомеа нақши муҳим мебахшад.

Мафҳуми "таҳсилоти иловагӣ" дар замони муосир дар Тоҷикистон ва дар тамоми ҷаҳон аҳамияти хоса пайдо кардааст. Аз нигоҳи таърихӣ, мафҳуми таҳсилоти иловагӣ аввалин бор ҳамчун шакли алтернативии расонидан кӯмак ба хонандагоне, ки дар омӯзиши фанҳо душворӣ мекашиданд нигаронида шуда буд.. Дар ибтидо, он дар шакли дарсҳои иловагӣ  ва ё шакли пурра кардани фанни таълимӣ ба роҳ монда шуда, муаллимон барои ин хонандагон вақти иловагӣ ҷудо мекарданд, то ки онҳо тавонанд маводи таълимиро амиқтар омӯзанд ва ба сатҳи дониши ҳамсолони худ наздик шаванд.

Бо мурури замон, мафҳуми таҳсилоти иловагӣ васеътар гардид ва аз чаҳорчӯбаи танҳо кӯмак ба хонандагони сустхон берун рафт. Он ба як воситаи муҳими таҳсилоти ҳамаҷониба ва фарогирӣ табдил ёфт, ки на танҳо ба бартараф кардани камбудиҳо дар омӯзиш, балки ба рушди истеъдодҳо, тавсеаи дониш ва эҷодкорӣ низ равона гардидааст. Таҳсилоти иловагӣ ба яке аз бахшҳои муҳими низоми таълимӣ табдил ёфта, имрӯз бо як қатор фаъолиятҳо ва равишҳои гуногун, аз ҷумла маҳфилҳои эҷодӣ, илмӣ, варзишӣ ва забономӯзӣ, ба кӯдакон ва наврасон имконияти амиқтар

намудани дониш, кашф ва инкишофи истеъдодҳои инфиродии худро фароҳам меорад.Ин машғулиятҳо бо мақсади на танҳо кӯмак ба хонандагони дар таҳсил қафомонда, балки барои пешгирӣ аз бадрафторӣ ва ҳуқуқвайронкунӣ миёни кӯдакон низ хизмат мекарданд.

Бо вуҷуди ин, дар тӯли вақт ва таҳаввулоти иҷтимоӣ ва таълимӣ, мафҳуми таҳсилоти иловагӣ тавсеа ёфта, аҳамияти мустақил ва аслии худро пайдо кард. Аз таърифи муҳаққиқони мухталиф, ки таҳсилоти иловагиро ҳамчун як раванд ва натиҷаи рушди шахсият мебинанд, мо метавонем хулоса барорем, ки ин навъи таҳсилот мақсади асосии худро дар фароҳам овардани муҳити мусоид барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ, зеҳнӣ ва иҷтимоии кӯдакон дарбар мегирад.

Аз ин лиҳоз, метавон гуфт, ки мафҳуми таҳсилоти иловагӣ дар муҳити муосир нисбат ба таърифҳои гузашта аҳамияти бештар пайдо кардааст. Он имрӯз ҳамчун як ҷузъи мустақил ва арзишманд дар низоми таҳсилот эътироф шудааст, ки ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва қонеъ гардонидани талаботи инфиродии хонандагон равона гардидааст. Ин навъи таҳсилот барои ташаккули шахсият, рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва зеҳнӣ, инчунин барои омодагӣ ба зиндагӣ ва кор дар ҷомеаи муосир нақши муҳим мебозад.

Таҳсилоти иловагӣ, ки дар замони муосир ҳамчун вориси системаи таҳсилоти беруназмактабӣ шинохта мешавад, дорои таърихи амиқ ва муҳим аст, ки барои дарки аслияти он бояд мавриди баррасӣ қарор гирад. Барои фаҳмидани моҳияти таҳсилоти иловагӣ, муҳим аст, ки ба таҳлили истилоҳи «таълими беруназмактабӣ» таваҷҷӯҳ кунем. Ин истилоҳ дар осори омӯзгорон ва муҳаққиқони пешин, махсусан дар «Энсиклопедияи таълими беруназмактабӣ» (1923), ба таври возеҳ ва муфассал баррасӣ шудааст. Ин таҳлил имкон медиҳад, ки робитаи таърихӣ ва таҳаввули ин системаи таълимӣ беҳтар дарк карда шавад. Ин таъриф ба мо нишон медиҳад, ки таълими беруназмактабӣ на танҳо барои рушди инфиродии кӯдак, балки барои таҳкими робитаҳои иҷтимоӣ ва ахлоқӣ низ аҳамияти калон дорад. Ин таълим бо хусусияти факултативӣ фарқ мекунад, яъне хонандагон ва шахсони дигар метавонанд озодона дар он иштирок кунанд ва самти фаъолияташонро худ интихоб намоянд.

Бар хилофи таълимоти мактабӣ, ки дар он унсури водоркунӣ вуҷуд дорад ва хонандагон ба иҷрои барномаи муайяни таълимӣ маҷбур мешаванд, тарбияи беруназмактабӣ бештар ба озодии интихоб ва худидоракунии шахс равона шудааст. Дар таълимоти Мединский, ин навъи тарбия ҳамчун як раванд фаҳмида мешавад, ки дар он шахсиятҳо метавонанд тавассути фаъолиятҳои гуногун, аз қабили иштирок дар университетҳои халқӣ, хонаҳои ҷамъиятӣ, китобхонаҳои оммавӣ ва мактабҳои якшанбегӣ, талаботи маърифатӣ ва ахлоқии худро қонеъ гардонанд.

С.И. Гессен, ки тарбияи беруназмактабиро «сафари тарбиявӣ» меномад, низ ба ин масъала диққат додааст. Ба андешаи ӯ, одам метавонад дар фазои таълим озодона «шино» кунад ва самтҳои таълими беруназмактабиро интихоб намояд, ки ба таваҷҷӯҳи ӯ мувофиқ аст. Гессен таълимоти беруназмактабиро ҳамчун имконияти рушди эҷодии шахсият мебинад, ки дарсҳои мактабӣ наметавонанд ин вазифаро ба пуррагӣ иҷро кунанд. Ба гуфтаи ӯ, таҳсилоти мактабӣ бо доираи барномаҳо маҳдуд аст, ва ин маҳдудият эҳтиёҷоти махсуси маърифатии хонандагонро ба вуҷуд меорад, ки барои қонеъ кардани онҳо таҳсилоти иловагӣ зарур аст.

Муҳим аст, дарҷ намоем, ки асосҳои илмӣ ва назариявӣ дар ин самт муҳим буда, метавонанд ҳамчун рамзи роҳнамо барои фаҳмидани аҳамият ва нақши таҳсилоти иловагӣ дар тарбияи шахсият ва рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон хизмат кунанд. Дар ин ҷо панҷ ғояи афзалиятнок, ки метавонанд пояи консептуалии таҳсилоти иловагӣ бошанд, шарҳ дода шудаанд.

**1. Интихобӣ будани навъ ва намуди таълим**

Яке аз хусусиятҳои асосии таҳсилоти иловагӣ ин интихобӣ будани навъ ва намуди таълим мебошад. Дар ин ҷо кӯдакон метавонанд фаъолиятҳое, ки ба шавқу рағбат ва истеъдоди онҳо мувофиқанд, интихоб намоянд. Ин самтҳо метавонанд бадеӣ-эстетикӣ, иҷтимоию педагогӣ, маданӣ, экологию биологӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзишӣ, ҳарбӣ-ватандӯстӣ ва ғайра бошанд.

**2. Афзалияти манфиатҳои ҳар кӯдак**

Таҳсилоти иловагӣ барои қонеъ гардонидани талаботу хоҳишг ва майли завқи ҳар кӯдак  нигаронида шудааст. Ин раванд ба ҳар кӯдак имконият медиҳад, ки дар худ қобилиятҳои эҷодии худро кашф кунад ва онҳоро рушд диҳад.

**3. Имконияти худмуайянкунии озод ва худшиносии кӯдак**

Раванди худмуайянкунӣ ва худшиносӣ дар ин муҳит бо озодӣ ва мустақилияти кӯдакон ҳамгиро мебошад. Ин раванд на танҳо ҳифзи кӯдакон аз фишору таҳқир, балки фароҳам овардани шароити мусоидтарин барои худшиносии эҷодӣ ва ташаккули масъулият ва қобилияти дарки робитаи озодии худ бо озодии дигаронро дарбар мегирад. Ин як омилест, ки ба рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон мусоидат мекунад ва онҳоро барои истифодаи самараноки озодиҳои худ тайёр мекунад.

**4. Ягонагии таълим, тарбия ва рушд**

Раванди ислоҳот ва навсозӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам меорад, ки ҳар шахс таҷрибаи ҷамъиятиро ба таври фарогир аз худ кунад, ки ин таҷриба на танҳо донишҳои назариявӣ, балки малакаҳои амалӣ, роҳҳои фаъолияти эҷодӣ ва муносибатҳои иҷтимоӣ ва маънавиро низ дар бар мегирад.

Таҳсилоти иловагӣ, ки дар доираи ислоҳотҳои маорифӣ ба роҳ монда мешавад, кӯшиш мекунад, ки на танҳо барномаҳои таълимиро такмил диҳад, балки онҳоро бо талаботи муосири ҷомеа мутобиқ созад. Ин равиш ба кӯдакон ва наврасон имкон медиҳад, ки на танҳо дониш ва малакаҳои зарурӣ барои муваффақ шудан дар мактабро ба даст оранд, балки инчунин қобилияти мустақилона андешидан, эҷодкорӣ ва ташаббус нишон доданро низ инкишоф диҳанд.

Дар чунин муҳит, таълим як қисми тарбия ва рушд мешавад, ки дар натиҷа шахсият на танҳо ҳамчун як донанда, балки ҳамчун як иштирокчии фаъол ва масъули ҷомеа ташаккул меёбад. Таҳсилоти иловагӣ бо пешниҳод кардани имкониятҳои васеъ барои амалисозии таҷрибаҳои эҷодӣ ва ташаккули малакаҳои иҷтимоӣ, наврасонро барои ҳалли мушкилот ва мутобиқ шудан ба шароити зудтағйирёбанда омода мекунад. Омӯзгорон дар доираи таҳсилоти иловагӣ ба ташаккули сифатҳои умумии шахсият, ки

зарурӣ барои рушди ҷисмонӣ, фаъолияти иҷтимоӣ ва эҷодкорӣ мебошанд, таваҷҷӯҳ мекунанд. Инчунин, онҳо ба кӯдакон имконият медиҳанд, ки дар муҳити рушддиҳанда бо озодӣ ва мустақилият фаъолият кунанд.

**5. Асоси амалӣ-фаъолиятии раванди таълим**

Таҳсилоти иловагӣ дар ташаккули қобилиятҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон яке аз омилҳои асосӣ ба шумор меравад. Ин навъи таълим ба кӯдакон имкон медиҳад, ки дониш ва нерӯҳои худро, ки дар мактаб мегиранд, дар амал татбиқ кунанд ва онҳоро ба таври фаъол ва эҷодкорона истифода баранд. Ин муҳит инчунин имконият медиҳад, ки кӯдакон тавассути интихоби озоди фаъолият, худмуайянкунӣ ва худташаккулёбӣ, шахсияти комил ва эҷодкорро рушд диҳанд. Дар доираи ин равиш, таълим, тарбия ва рушд ҳамчун як раванд муттаҳид мешаванд, ки ба наврасон барои омода шудан ба зиндагӣ ва кор дар шароити зудтағйирёбандаи ҷомеаи муосир кӯмак мекунад.

Таҳсилоти иловагӣ дар ҳақиқат ба кӯдакон шароит фароҳам меорад, ки вақти холии худро ба таври самаранок истифода баранд ва тавассути фаъолиятҳои гуногун, аз қабили маҳфилҳо, курсҳои махсус ва машғулиятҳои эҷодӣ, ба тавсеаи донишу малакаҳои худ машғул шаванд.

Хулоса, таҳсилоти иловагӣ ҳамчун як омили муҳими рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон ба онҳо имконият медиҳад, ки тавассути интихоби озоди фаъолият ва таваҷҷӯҳ ба манфиатҳои шахсӣ, шахсияти худро ба таври комил рушд диҳанд. Ин навъи таҳсилот барои кӯдакон заминаи муҳиме фароҳам меорад, ки онҳо дар ҷомеаи муосир на танҳо муваффақ бошанд, балки ҳамчун шахсони эҷодкор ва мустаҳкам дар ҳалли мушкилот ва татбиқи идеяҳои нав фаъолона иштирок кунанд. Таҳсилоти иловагӣ, дар ин замина, ҳамчун як ҷузъи муҳим дар рушди шахсият ва қобилиятҳои эҷодӣ хизмат мекунад. Ин раванд кӯдакро аз нафаре, ки танҳо супоришҳоро иҷро мекунад, ба шахсияти эҷодкор ва ташаббускор табдил медиҳад, ки қодир аст дар ҷомеа таъсири мусбат расонад.

**Ҷанбаҳои асосии раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ:**

1. **Таваҷҷуҳ ба вазифаҳои эҷодӣ ва истеҳсолӣ:** Раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо таваҷҷӯҳ ба вазифаҳои эҷодӣ ва

истеҳсолӣ оғоз меёбад, ки онҳо маъно ва ангезаҳои интихоби вазифаҳои репродуктивиро муайян мекунанд.

2. **«Таъмид» дар фаъолият:** Ин марҳила дар бораи рушди фаъолонаи унсурҳо ва амалҳои алоҳида, маҳорат, дар хотир нигоҳ доштани ахбор ва ҷамъ кардани дониш тавассути иштирок дар фаъолиятҳои эҷодӣ сухан меравад. Таъмид дар фаъолият ба кӯдак имкон медиҳад, ки бо амал дар муҳити воқеӣ, таҷрибаи амалӣ гирад ва қобилиятҳои худро такмил диҳад.

3. **Ташаккули маъно ва мақсадҳои фаъолият:** Ин раванд дар асоси омӯзиши содаву ногузир дар роҳҳои ба даст овардани натиҷаҳо, ки муҳим аст, шакл мегирад. Дар ин марҳила, синтез пеш аз таҳлил гузошта мешавад, ки ин ба кӯдак имкон медиҳад, ки амалҳоро беҳтар фаҳмад ва дар раванди омӯзиш фаъолтар бошад.

4. **Иҷрои вазифаҳои таълимии муносиб:** Ин марҳила ба мантиқи афзоиши эҷодкорӣ, аҳамияти иҷтимоӣ ва фарҳангии натиҷаҳо, ҳавасмандгардонии худшиносӣ дар фаъолият ва гузоштани мақсадҳои нав равона шудааст. Ин равандҳо ба ташаккули минтақаи рушди бевосита ва дарозмуддат барои ҳамаи иштирокчиёни раванди таълим мусоидат мекунанд.

**Вазифаҳои амалӣ, ки таҳсилоти иловагӣ бояд иҷро кунад:**

1. **Иттилоотӣ:** Муҳим аст, ки кӯдак дар бораи он, ки бо кадом намуди фаъолиятҳо машғул шуда метавонад, чиро ва аз кӣ омӯзад ва бо кӣ муоширát кунад, иттилоот дошта бошад.

2. **Таълимӣ:** Ин вазифа ба кӯмак дар азхудкунии дониш ва маҳорати техникӣ, компютерӣ, бадеӣ, варзишӣ ё дигар фаъолияти эҳтимолии касбии тарбиятгиранда равона шудааст. Ин раванд кӯдакро барои тайёрии пеш аз касбӣ омода месозад.

3. **Рушдёбанда:** Таҳсилоти иловагӣ бояд ба рушди ҷисмонӣ (физикӣ), эмотсионалӣ, зеҳнӣ, маънавӣ ва ахлоқии кӯдак мусоидат кунад. Ин раванд бояд ба рушди умумии равонӣ ва ҷисмонии шахс мусоидат кунад.

4. **Иҷтимоӣ:** Ин вазифа ба кӯдак имкон медиҳад, ки ҳангоми ворид шудан ба гурӯҳи иҷтимоии аз оила ва мактаб фарқкунанда, таҷриба гирад. Шиносоӣ бо сохтор ва нақшҳои иҷтимоӣ, таҷрибаи шахсии комёбӣ ва

нокомӣ дар фаъолиятҳои гуногун, инчунин дар муносибат бо дигарон ба рушди иҷтимоии тарбиятгиранда мусоидат мекунад.

5. **Истироҳатӣ:** Вазифаи истироҳатии таҳсилоти иловагӣ ин фароҳам овардани шароити мусоид ҷиҳати барқарор намудани қобилиятҳои зеҳнӣ ва эҷодии хонандагон тавассути фаъолиятиҳои истироҳативу фароғатӣ мебошад.

**Арзишҳои таҳсилоти иловагӣ:**

Дар байни арзишҳои таҳсилоти иловагӣ, ки моҳияти онро ҳамчун омили рушди қобилиятҳои эҷодӣ ташкил медиҳанд, инҳо муҳим мебошанд:

- **Бартарии имкониятҳои таълимӣ ва рушди маводи таълимӣ:** Ба кӯдак имконият медиҳад, ки донишҳоро аз худ кунад ва қобилияти фаҳмиши амиқи маводро инкишоф диҳад.
- **Тамаркузи донишҳои кӯдак:** Ба ташаббуси худи кӯдак, ки ҳамчун ташаббуси репродуктивӣ амал мекунад, аҳамияти бузург медиҳад.
- **Чандирӣ дар таҷдиди сохтори мундариҷаи фаъолият:** Таълим дар мувофиқа бо динамикаи эҳтиёҷоти маърифатии кӯдакон танзим мешавад.
- **Тамаркуз ба мустақилият дар фаъолияти ҷустуҷӯӣ ва лоиҳавӣ:** Ба кӯдак имкон медиҳад, ки қобилияти худтанзимкунии худро дар раванди баҳодиҳии ғояҳои худ ва муаррифии иҷтимоӣ инкишоф диҳад.

Ин арзишҳо ва вазифаҳо таҳсилоти иловагиро ҳамчун муҳити мусоид барои рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон нишон медиҳанд, ки дар он кӯдак имконияти кашфи худ ва муваффақ шуданро пайдо мекунад.

Такя ба ташаббуси зеҳнии кӯдак дар раванди таълим ва таҳқиқот барои рушди мустақилият ва тафаккури эҷодӣ аҳамияти бузург дорад. Рушди рефлексия, ё худандешӣ, яке аз марҳилаҳои муҳими ин раванд мебошад. Бо инкишоф ёфтани рефлексия, кӯдак қобилияти интиқодӣ нисбат ба ғояҳо ва маҳсулоти фаъолияти эҷодии худ пайдо мекунад. Гарчанде ин қобилият ба кӯдак кӯмак мекунад, ки фаъолияташро беҳтар дарк кунад, он метавонад боиси коҳиш ёфтани эҷоди ғояҳои нав гардад. Кӯдак метавонад қисми муҳими ғояҳои худро нодида гирад, зеро онҳоро "нокомил" мешуморад ё фикр мекунад, ки онҳо ба муваффақият намерасанд.

Барои пешгирии ин ҳолат, омӯзгорон бояд кӯдакро ба худбоварӣ ташвиқ кунанд. Кӯдак бояд фаҳмад, ки эҷодкорӣ на ҳамеша бо натиҷаҳои фаврӣ ва осон алоқаманд аст, балки як раванди тӯлонӣ ва талабкунандаи вақт аст, ки дар он муваффақият аз кӯшишҳои пайваста ва устуворӣ вобаста аст. Омӯзгор бояд кӯдакро дастгирӣ кунад, ки ғояҳои худро арзишманд ҳисобад ва ба онҳо ҳамчун як қисми раванди эҷодии худ назар андозад, на ҳамчун натиҷаи ниҳоӣ.

Ин равиш кӯдакро ба таври назаррас ҳавасманд мекунад, ки дар фаъолияти эҷодии худ устувор бошад, аз нокомиҳо наҳаросад ва бо эътимод ва шавқ ғояҳои худро такмил диҳад.

Мафҳум ва моҳияти таҳсилоти иловагӣ тавассути принсипҳо ва арзишҳое, ки дар раванди таълимӣ ва тарбиявӣ татбиқ мешаванд, равшан мешавад. Ба ибораи дигар, таҳсилоти иловагӣ ҳамчун як муҳити фароҳамоварӣ барои таълими озод ва инкишофи инфиродии шахсият бояд омилҳои асосиро дар назар дошта бошад:

1. Ташкили шароитҳои муваффақиятнок: Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бояд шароитҳоеро фароҳам оваранд, ки дар онҳо ҳар як хонанда тавонад шавқу ҳавасҳои худро ба таври беҳтар қонеъ гардонад. Ин метавонад тавассути барномаҳои махсус, дарсҳои иловагӣ ва фаъолияти эҷодӣ амалӣ карда шавад.

2. Ташхиси психологию педагогии нерӯи эҷодии ҳар як кӯдак: Барои муайян намудани нерӯи эҷодии ҳар як кӯдак, зарур аст, ки ташхиси мунтазам гузаронида шавад. Ин кӯмак мекунад, ки қобилиятҳои инфиродӣ ва самтҳои рушди кӯдак муайян ва дар асоси онҳо барномаҳои таълимӣ ва тарбиявӣ таҳия шаванд.

3. Амалӣ намучани чорабиниҳои гуногун: Ҷиҳати дарёфт намудану минбаъд рушд додани салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон баргузор намудани чорабиниҳои гуногун бениҳоят муҳим арзёбӣ мегардад. Ин фаъолиятҳо метавонанд аз соҳаҳои гуногун, ба монанди варзиш, санъат, илм ва ҳунар иборат бошанд.

Бо дарназардошти ин ҷанбаҳо, метавон хулоса кард, ки таҳсилоти иловагӣ на танҳо як заминаи таълимӣ, балки муҳити фарогир барои рушди

ҳамаҷонибаи шахсият мебошад. Бо гузоштани таълиму тарбия дар мадди аввал, фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ на танҳо бо ҳадафи таълими муқаррарӣ, балки барои фароҳам овардани шароити мусоид барои худмуаррифӣ, худшиносӣ ва худмуайянкунии кӯдакон нигаронида шудааст. Дар ин равиш, хонанда ҳамчун субъекти таълим ба назар гирифта мешавад, на ҳамчун объекте, ки танҳо барои гирифтани донишҳо омода карда мешавад.

Хусусиятҳои махсуси фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ:

1. Таълим дар вақти холӣ аз таҳсилоти асосӣ: Фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар вақте сурат мегирад, ки хонандагон аз дарсҳои муқаррарӣ холӣ ҳастанд. Ин фаъолият ба онҳо имконияти озодона интихоб кардани самтҳо ва намудҳои фаъолиятро медиҳад, ки ин яке аз фарқиятҳои муҳим байни таҳсилоти асосӣ ва иловагӣ мебошад.

2. Ихтиёрӣ ва ташаббусгарӣ: Дар ин муассисаҳо, иштирокчиён, яъне кӯдакон, волидон ва омӯзгорон, ихтиёрӣ ва бо ташаббуси худ фаъолият мекунанд. Ҳамчунин, дар ин раванд набудани танзими қатъӣ ва талаботи натиҷаҳои қатъӣ ба иштирокчиён имконият медиҳад, ки озодона кор кунанд ва дар ин раванд эҷодкорӣ ва ташаббуси худро рушд диҳанд.

3. Рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон: ошкор намудану бо ҳар роҳу восита рушд кардани слоаҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти илогвай ба таври муназзам ва доимӣ ба роҳ монда шудааст . ҳар хонанда метавонад дилхоҳ қобилияти худро сайқал диҳад вашаклу усулҳои рушд намудани онро муайян созад. Ҳамин тавр, онҳо метавонанд худро дар соҳаҳои гуногуни эҷодӣ бисанҷанд ва тавонмандии худро ошкор кунанд.

4. Шароити мусоид барои ҳар кӯдак: Дар ин муассисаҳо ба ҳар як кӯдак имконияти баробар барои иштирок ва рушд дода мешавад, новобаста аз истеъдод ва қобилиятҳои табиии онҳо.

5. Муҳити ғайрирасмӣ ва бароҳат: Муҳити таълимӣ дар ин муассисаҳо ғайрирасмӣ ва бароҳат аст. Ин муҳити озод кӯдаконро ба фаъолияти эҷодӣ

ва омӯзиши навгониҳо ташвиқ мекунад, ки ин ба рушди истеъдодҳои онҳо мусоидат мекунад.

Тавре ки қаблан зикр гардид, фаъолияти таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо дарназардошти хусусиятҳои махсуси ин муассисаҳо дар асоси парадигмаи таҳсилоти рушддиҳанда сохта шудааст. Ин парадигма ба рушди ҳаматарафаи шахсияти кӯдакон равона гардида, вазифаҳои зеринро таъмин менамояд:

1. Вазифаи иттилоотӣ: Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ кӯдаконро бо донишу малакаҳои нав шинос мекунанд, ки ин донишҳо метавонанд барои онҳо дар рушди минбаъдаи шахсӣ ва касбӣ кӯмак расонанд.

2. Вазифаи тарбиявӣ:Фаъолияти таълимӣ дар ин муассисаҳо на танҳо ба таълими муқаррарӣ, балки ба тарбияи шахсият равона шудааст. Дар ин раванд кӯдакон на танҳо дониш мегиранд, балки арзишҳои ахлоқӣ ва иҷтимоиро низ меомӯзанд.

3. Вазифаи рушддиҳанда: Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ шароит фароҳам меоранд, ки кӯдакон қобилиятҳо ва истеъдодҳои худро инкишоф диҳанд. Дар ин раванд онҳо на танҳо дониш мегиранд, балки ҳамчун шахсият рушд мекунанд.

4. Вазифаи истироҳатӣ:Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ инчунин ҳамчун маконе барои истироҳат ва фароғати кӯдакон хизмат мекунанд. Дар ин муҳит кӯдакон метавонанд бе фишор ва маҷбурият ба фаъолияти эҷодӣ машғул шаванд.

5. Вазифаи иҷтимоӣ: Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба кӯдакон имконият медиҳанд, ки дар муҳити иҷтимоии гуногун иштирок кунанд ва дар ин раванд таҷрибаи иҷтимоии худро рушд диҳанд.

**Раванди таълим ҳамчун система**

Раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ метавонад ҳамчун як система бо ҷузъҳои гуногун дида шавад. Ин система ба таври мутақобила кор мекунад, ки ҳар як қисмат ба рушди умумии шахсият мусоидат менамояд. Ин раванд дар ҳамкорӣ бо омӯзгорон, ҳамсолон ва бо истифодаи воситаҳои таълимии махсус амалӣ мегардад. Раванди педагогӣ, ки онро метавон ҳамчун «таҷрибаи иҷтимоӣ ба сифатҳои шахсият табдил

ёфта», тавсиф кард, бояд ба таъмини ягонагии таълим, тарбия ва рушд равона карда шавад.

**Моҳияти равандҳои педагогӣ**

Мафҳуми «раванди тарбия» дар педагогика маъмул аст, аммо таҳқиқотҳо нишон медиҳанд, ки ин мафҳум то андозае маҳдуд аст ва ҳамаи ҷанбаҳои мураккаби ин равандро инъикос намекунад. Раванди педагогӣ на танҳо ба додани донишҳо ва малакаҳо, балки ба ташаккули шахсият тавассути таъсири мутақобила бо муҳит ва дигар субъектҳо нигаронида шудааст.

**Худомӯзӣ ва мустақилияти хонандагон**

Нақши худомӯзӣ дар раванди таҳсилоти иловагӣ хеле муҳим аст. Худомӯзӣ ин раванде аст, ки шахсиятро ҳамчун субъекти худрушдёбанда мебинад ва ба ӯ имкон медиҳад, ки фаъолиятҳои мувофиқро барои рушди қобилиятҳои эҷодии худ интихоб кунад. Ин раванд муҳим аст, зеро он ба хонандагон имконият медиҳад, ки мустақилона мазмуни таълим ва шаклу усулҳои онро интихоб намоянд.

**Муносибатҳои тарбиявӣ дар раванди таълим**

Ҳангоми амалӣ  намудани функсияҳои таълимӣ дар муасссисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҳамзамон пеш бурдани корҳои тарбиявӣ низ аҳаммияти басо муҳим дорад. Муҳаққиқ Г.Н. Сериков дар раванди таълим се гурӯҳи муносибатҳои тарбиявиро муайян мекунад:

1. **Муносибатҳои тарбиявие, ки ба ҷалби шахс ба тарбия асос ёфтаанд.**
2. **Муносибатҳои тарбиявие, ки татбиқи шахсро дар муҳит муайян мекунанд.**
3. **Муносибатҳои тарбиявие, ки дар асоси зинанизоми муносибатҳои муташаккил амалӣ мешаванд.**

Ин муносибатҳо дар раванди таълим муҳиманд, зеро онҳо муҳити мусоидро барои рушди қобилиятҳои эҷодии хонандагон таъмин мекунанд. Омӯзгорон бояд эҳтиёткорона муносибати кӯдаконро бо олам ҳифз кунанд, онҳоро ҳимоят намоянд ва ба онҳо дар рушди қобилиятҳои худ кӯмак расонанд.

**Хусусиятҳои ташкили раванди таълим**

Раванди таълим дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дорои хусусиятҳои хос мебошад, ки онҳоро метавон ба ҷузъҳои зерин тақсим кард:

1. **Мақсадҳои таълимӣ:**

- Ташкили вазъиятҳои муваффақиятнок барои қонеъ кардани шавқу ҳавас ва талаботи хонандагон.
- Ташхиси психологию педагогии нерӯи эҷодии ҳар як кӯдак.
- Таъмини муҳити мусоид барои худмуаррифӣ ва худшиносӣ.

2. **Муносибати таълимӣ:**

- Таъмини равиши инфиродӣ дар таълим.
- Муошırати ғайрирасмӣ ва мусоидати амалӣ дар ҷараёни таълим.

3. **Муҳити таълимӣ:**

- Муҳити таълимии рушддиҳанда, ки барои ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон мусоидат мекунад.
- Муҳити озод ва бароҳат, ки хонандагон метавонанд мустақилона фаъолият кунанд.

Таҳсилоти иловагӣ як воситаи муҳим барои ташаккули қобилиятҳои эҷодии хонандагон мебошад. Он ба таъмини муҳити мусоид барои худмуаррифӣ, худшиносӣ ва худмуайянкунии шахсият равона гардидааст. Хусусиятҳои ташкили раванди таълим, ки ба инфиродият, эҷодкорӣ ва амалӣ будани он нигаронида шудаанд, барои расидан ба ин ҳадафҳо мусоидат мекунанд. Мазмуни ин таҳсилот тибқи ақидаҳои гузариши фарҳангӣ ва таърихӣ ташаккул ёфта, ба ин васила имконияти татбиқи қобилиятҳои шахсиятро дар шароити озоди таълим фароҳам меорад.

**Шартҳои дидактикӣ ва мутобиқати мазмун**

Мутобиқати мазмуни таҳсилоти иловагӣ бо шартҳои дидактикӣ таъмин карда мешавад. Дар ин равиш, мазмуни фаъолияти хонандагон аз интегратсияи ғояҳои илмӣ, амалӣ ва фарҳангӣ ба вуҷуд меояд. Ин омилҳо метавонанд дар тағйирёбии сатҳ ва самти манфиатҳо, дастовардҳо ва қобилиятҳои хонандагон нақши муҳим бозанд.

**Фарқиятҳои инфиродӣ дар таълим**

Бо дарназардошти фарқиятҳои инфиродии кӯдакон, муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бояд имкониятҳо ва талаботи ҳар як хонандаро ба назар гиранд. Ин равиш ба кӯдакон имкон медиҳад, ки дар муҳити мусоиди педагогӣ фаъолият кунанд ва қобилиятҳои эҷодии худро инкишоф диҳанд.

**Намудҳои барномаҳои таълимӣ**

Барномаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ба таври мухталиф тарҳрезӣ мешаванд:

- **Барномаҳои ҳамгирой**: Дарбаргирандаи мундариҷаи соҳаҳои гуногуни дониш ва амалия мебошанд, ки ба рушди ҳаматарафаи шахсият мусоидат мекунанд.
- **Барномаҳои маърифатӣ**: Ин барномаҳо кӯдаконро аз доираи барномаҳои таълимии мактабӣ берун мебаранд ва донишҳои навро фароҳам меоранд.
- **Барномаҳои таҳқиқотӣ**: Барои рушди қобилияти фаъолияти илмӣ ва ташаккули малакаҳои таҳқиқотӣ, ин барномаҳо барои кӯдакони боистеъдод хеле муҳиманд.

**Такмили мазмун ва самтҳои рушди таҳсилоти иловагӣ**

Такмили мазмуни таҳсилоти иловагӣ ба самтҳои гуногун нигаронида шудааст, ки онҳо пеш аз ҳама, динамизм ва муттасилии ҷараёни таълимро таъкид мекунанд. Ин самтҳо ҳадаф доранд, ки имкониятҳои эҷодии хонандагонро тавсеа диҳанд, онҳоро барои ҳалли мустақилонаи масъалаҳои ба миён омада омода созанд ва талаботи эҷодиро қонеъ намоянд.

**Таълими иловагӣ ҳамчун омили рушди қобилиятҳои эҷодӣ**

Таҳсилоти иловагӣ ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи таҳсилоти муттасил, интихоби озоди роҳи таълимии кӯдакро таъмин менамояд. Ин навъи таҳсилот ба рушди қобилиятҳои эҷодӣ дар раванди таълим нигаронида шуда, бо фаъолияти муштараки эҷодии омӯзгор ва хонанда амалӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми таҳсилоти иловагӣ ҳамчун як василаи муҳими рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон таҳия ва амалӣ шудааст. Ин низом барои ҳар як шахсе, ки хоҳиши рушд дорад ва мехоҳад қобилиятҳои эҷодии худро такмил диҳад, шароит фароҳам меорад.

Таҳлил ва омӯзиши адабиёти илмӣ ва педагогӣ нишон медиҳанд, ки таҳсилоти иловагӣ доираи донишро дар бораи имкониятҳои эҷодии шахс хеле васеъ менамояд. Он ба кӯдакон имконият медиҳад, ки дар соҳаҳои интихобкардаи худ муваффақ шаванд ва чунин хислатҳоеро ташаккул диҳанд, ки дар оянда барои муваффақ шудан дар ҳама соҳаҳои ҳаётӣ муфид мебошанд. Ин навъи таҳсилот инчунин имкони ташаккули доираи ҷамъиятиро фароҳам меорад, ки ба манфиатҳои умумӣ ва арзишҳои умумибашарӣ асос ёфтааст.

Таҳсилоти иловагӣ ҳамчун як воситаи тавонои рушди қобилиятҳои эҷодии шахс амал мекунад ва дар ҷараёни ин тарбия барои ҳар як кӯдак «вазъиятҳои муваффақиятнок» ба вуҷуд меоянд, ки ин ба тарбия ва мустаҳкам намудани эътибори шахсии ӯ таъсири мусбат мерасонад.

Имрӯз таҳсилоти иловагии кӯдакон як зерсистемаи воқеии амалкунандаи таҳсилоти муттасил мебошад, ки раванди дарки назариявӣ ва тасдиқи иҷтимоию ҳуқуқии он ҳанӯз пурра ба охир нарасидааст. Бо вуҷуди ин, таҳсилоти иловагӣ имкониятҳои васеъеро барои рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакони синну соли гуногун пешниҳод мекунад.

**Хулоса, имкониятҳои таҳсилоти иловагӣ барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ чунинанд:**

1. **Тағйирпазирии курсҳо**: Таҳсилоти иловагӣ имкон медиҳад, ки курсҳо ва барномаҳо вобаста ба манфиатҳои кӯдакон ва хоҳиши волидайн тағйир дода шаванд. Мавҷуд набудани чаҳорчӯбаи қатъии стандартҳои таълимӣ ба ворид намудани ғояҳои нав ва таҷрибаи инноватсионӣ мусоидат мекунад.

2. **Интихоби озоди фаъолиятҳо**: Кӯдакон метавонанд фаъолиятҳое, ки ба манфиатҳои шахсӣ ва рушди онҳо бештар мувофиқанд, интихоб намоянд.

3. **Таваҷҷуҳ ба фардият**: Омӯзгорон метавонанд ба хусусиятҳои инфиродии ҳар як кӯдак таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд ва боиси рушди эҷодӣ шаванд.

4. **Иштироки волидон**: Дар ҷараёни таълим, волидон метавонанд фаъолона иштирок кунанд, ки ин ба мустаҳкам намудани равобит ва ҳавасмандгардонии кӯдакон ба эҷодкорӣ мусоидат мекунад.

**Хулосаҳои боби 1**

Дар ҷаҳони муосир, таҳсилоти иловагӣ ба воситаи муҳиме табдил ёфтааст, ки имкониятҳои бешумор барои рушди шахсӣ, касбӣ ва иҷтимоиро фароҳам меорад. Таҳсилоти иловагӣ ҳамчун абзори муҳим барои омӯзиши бардавом (lifelong learning) ба ҳисоб меравад, ки мутахассисонро дар ҳоли омодагӣ ва муваффақият дар муҳити кори доимо тағйирёбанда нигоҳ медорад. Барои таъмин намудани ин раванд, муҳим аст, ки дар низоми таҳсилоти иловагӣ усулҳо ва равишҳои самарабахши педагогӣ татбиқ шаванд, ки метавонанд ба рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва қобилиятҳои эҷодии хонандагон мусоидат кунанд. Маҳз тавассути таҳсилоти иловагӣ хонандагон имконият пайдо мекунанд, ки донишу малакаҳои худро, ки дар доираи барномаҳои асосии таълимӣ мегиранд, дар амал татбиқ намоянд. Ин навъи таълим ба онҳо имкон медиҳад, ки озодона фаъолият кунанд, ихтиёран ва мустақилона интихобҳои шахсии худро дар самти таҳсилот ва фаъолиятҳои эҷодӣ ба роҳ монанд. Дар муҳити озод ва бидуни фишор, ки таҳсилоти иловагӣ фароҳам меорад, хонандагон метавонанд истеъдодҳои пинҳони худро ошкор созанд ва онҳоро рушд диҳанд.

Муайян намудани салоҳиятҳои эҷодкорӣ яке аз ҷанбаҳои асосии таҳқиқоти мо буд. Дар ин раванд мо мафҳуми салоҳиятҳои эҷодкорӣ, меъёрҳо ва сатҳҳои рушди онҳоро барои хонандагон муайян намудем. Муайян кардани ин салоҳиятҳо барои ташаккул ва татбиқи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ аҳамияти муҳим дорад. Танҳо тавассути дарки дақиқи ин салоҳиятҳо метавонем равандҳои таълимиро ба сӯи рушди самарабахш ва комилтаринаи эҷодкорӣ равона созем.

Нақши таҳсилоти иловагӣ ҳамчун омили калидӣ дар рушди салоҳиятҳои эҷодкорӣ возеҳ гардид. Таҳсилоти иловагӣ як муҳити озод ва эҷодиро фароҳам меорад, ки дар он хонандагон метавонанд бе маҳдудият фаъолият кунанд ва истеъдодҳои худро озодона рушд диҳанд. Дар ин муҳит, омӯзгорон нақши роҳнамо ва ҳидоятгарро мебозанд, на ҳамчун назоратгар ва баҳо диҳанда. Онҳо кӯдаконро ҳавасманд мекунанд, ки худашон роҳи таҳсил ва рушди худро интихоб кунанд ва ин роҳро бо масъулият ва хоҳиши шахсӣ тай намоянд.

Хусусиятҳо ва имкониятҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ низ барои рушди салоҳиятҳои эҷодкорӣ аҳамияти хос доранд. Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо сабаби хусусиятҳои махсуси худ метавонанд раванди таълимро бо тарзҳои инноватсионӣ ва эҷодкорона ташкил кунанд. Ин муассисаҳо дар Тоҷикистон, ки анъанаҳои таълими беруназмактабиро идома медиҳанд, ҳамчун марказҳои фарогирии кӯдакон дар самти эҷодкорӣ ва истеъдодҳои навсозишаванда нақши муҳим мебозанд.

Шароити ташкилию педагогӣ барои ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодкорӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ нақши калидӣ доранд. Шароити ташкилию педагогӣ бояд ба тавре бошад, ки ба тавсеа ва татбиқи қобилиятҳои эҷодии хонандагон мусоидат намояд. Ин шароитҳо метавонанд ба баланд бардоштани самаранокии раванди таълим ва ҳавасмандии хонандагон ба омӯзиш ва эҷодкорӣ мусоидат намоянд. Дар ин шароитҳо омӯзгорон на танҳо ҳамчун роҳнамо, балки ҳамчун шарикони эҷодӣ амал мекунанд, ки бо хонандагон ҳамкорӣ намуда, ба онҳо дар роҳи таҳсил ва рушди шахсӣ кӯмак мерасонанд.

Афзалиятҳои таҳсилоти иловагиро дар хулоса чунин баён намудан мумкин аст:

**1. Интихобӣ ва озод будани таҳсилоти иловагӣ:** Дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, таълим бо усул ва равишҳое гузаронида мешавад, ки ба кӯдакон имконияти озодона иштирок кардан дар раванди таълимро фароҳам меорад. Дар чунин муҳит, кӯдакон ба таври худсозикунанда амал мекунанд ва метавонанд таҷрибаҳои навро омӯзанд, ки дар таълими расмӣ чунин имкониятҳо камтар фароҳам оварда мешаванд.

**2. Набудани чаҳорчӯбаҳои қатъии стандартҳои таълимӣ:** Дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, бар хилофи таҳсилоти анъанавӣ, стандартҳои таълимӣ ба таври қатъӣ муайян нашудаанд. Ин имконият медиҳад, ки омӯзгорон аз ғояҳои нав ва инноватсионӣ истифода баранд ва барномаҳои таълимиро бо назардошти талабот ва манфиатҳои инфиродии хонандагон таҳия намоянд. Набудани стандартҳои қатъии таълимӣ ба омӯзгорон имкон медиҳад, ки дар таълим эҷодкорӣ ва озодиро фароҳам оваранд. Омӯзгорон метавонанд равишҳои гуногуни таълимро санҷанд,

таҷриба кунанд ва дар асоси натиҷаҳои худ равиши таълимро такмил диҳанд. Ин равиш ба хонандагон имконият медиҳад, ки барномаҳои таълимиро мувофиқи ниёз ва манфиатҳои худ фардикунонанд, ки ин ба рушди эҷодкорӣ ва тафаккури навоваронаи онҳо мусоидат мекунад.

**3. Фардикунонии таълим:** Дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, худи хонандагон метавонанд раванди таълимро мутобиқи ниёзҳо ва манфиатҳои шахсии худ фардикунониданд. Фардикунонии таълим маънои онро дорад, ки ҳар як хонанда метавонад таълими худро мутобиқи сатҳи дониши худ, суръати омӯзиш ва манфиатҳои инфиродии худ танзим кунад. Ин ба хонандагон имкон медиҳад, ки фаъолиятҳои таълимии худро бо интихоби фанҳо ва машғулиятҳое, ки ба онҳо шавқу рағбат доранд, мувофиқ кунанд. Дар чунин шароит, хонандагон худро озод ҳис мекунанд ва метавонанд дар самтҳое кор кунанд, ки бештар ба онҳо мувофиқанд. Фардикунонии таълим ба рушди мустақилият ва эҷодкории онҳо мусоидат мекунад, зеро ҳар як хонанда метавонад бо суръат ва роҳе, ки ба ӯ мувофиқ аст, таълим гирад ва инкишоф ёбад. Ҳамин тариқ, онҳо қобилияти беҳтарини худро нишон медиҳанд ва дар муҳите фаъолият мекунанд, ки барои рушди шахсият ва эҷодкорӣ мувофиқ аст.

**4. Таваҷҷӯҳ ба раванди таълим:** Дар муҳити таҳсилоти иловагӣ, омӯзгорон бештар ба худи раванди таълим диққат медиҳанд, на танҳо ба натиҷаҳои истеҳсолӣ. Дар чунин шароит, диққати асосӣ на ба дарёфти натиҷаҳои зуд ва мушаххас, балки ба раванди омӯзиш ва инкишоф равона мешавад. Ин шароити мусоид барои рушди озодонаи хонандагон фароҳам меорад, зеро онҳо метавонанд бидуни шитоб омӯзишро идома диҳанд ва малакаҳои худро такмил диҳанд. Ин равиш ба онҳо имкон медиҳад, ки дар муҳити ором ва бе фишор омӯзанд ва таҷрибаи таълимии худро бо шавқу рағбат ва қаноатмандӣ анҷом диҳанд.

**5. Интихоби озоди фаъолиятҳо:** Бапрои кӯдакон доштани озодии интихоби фаъолиятҳо ба баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва иштироки онҳо дар раванди таълим мусоидат мекунад.

**6. Набудани маҷбуркунӣ ва системаи баҳодиҳӣ:** Яке аз хусусиятҳои муҳими таҳсилоти иловагӣ ин набудани маҷбуркунӣ ва системаи баҳодиҳӣ

мебошад. Дар чунин муҳит, хонандагон метавонанд бидуни тарсу фишор аз хатогиҳо омӯзанд ва таҷрибаи эҷодии худро густариш диҳанд. Набудани фишори доимӣ ба даст овардани баҳои баланд ба хонандагон имкон медиҳад, ки озодона таҷриба кунанд, ғояҳои навро санҷанд ва бидуни тарс аз нокомӣ, кӯшишҳои нав ва эҷодкорона анҷом диҳанд. Ин равиш ба онҳо имконият медиҳад, ки бо эътимод ва итминон амал кунанд ва дар ҳар як қадами раванди таълим худро озмуда, қувват ва заифиятҳои худро шиносанд. Ҳамин тариқ, муҳити бидуни фишор ва баҳодиҳӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки ба таври озод ва бо қувваи эҷодӣ амал кунанд ва истеъдодҳои худро ба сатҳи нав бардоранд.

**Шароити ташкилию педагогӣ барои рушди салоҳиятҳои эҷодкорӣ**

Барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, шароитҳои зерин муҳим мебошанд:

1. **Таҳия ва татбиқи барномаи рушди муассиса**: Барномаи рушди муассиса бояд принсипҳои афзалияти манфиати ҳар як кӯдак ва равиши шахсиятӣ-фаъолиятиро дарбар гирад, ки ин ба ташаккули муҳити мусоид барои рушди эҷодкорӣ мусоидат мекунад.

2. **Такмили таъминоти барномавию методӣ**: Таъминоти барномавию методӣ бояд ҳамеша такмил ёбад ва ба талаботи замон ва хусусиятҳои инфиродии хонандагон мутобиқ карда шавад.

3. **Баланд бардоштани маҳорати касбии омӯзгорон**: Омӯзгорон бояд доимо маҳорати касбии худро такмил диҳанд ва бо усулҳо ва технологияҳои нави педагогӣ шинос бошанд, то ки тавонанд раванди таълимро бо тарзҳои эҷодкорона ва самаранок ташкил намоянд.

Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо хусусиятҳои махсуси худ имкон медиҳанд, ки кӯдакон дар ҷомеаи муосир худшиносӣ, худмуайянкунӣ ва худтатбиқкунии худро ташаккул диҳанд. Раванди иҷтимоишавӣ дар ин муассисаҳо тавассути фаъолияти эҷодӣ ва ҳамкорӣ дар гурӯҳҳо сурат мегирад, ки ин ба рушди қобилиятҳои коммуникативӣ ва иҷтимоии хонандагон низ мусоидат мекунад.

# БОБИ 2. ФАЪОЛИТИ ТАҶРИБАВӢ – ОЗМОИШИИ МУАССИСАИ ТАҲСИЛОТИ ИЛОВАГӢ ҲАМЧУН МУҲИТИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ САЛОҲИЯТҲОИ ЭҶОДКОРИИ ХОНАНДАГОН

## 2.1. Хусусият, шароит ва имконоти муассисаи таҳсилоти иловагӣ дар ташаккул ва рушди салоҳияти эҷодкории хонандагон

Рушди босуръати илму фанноварӣ ва ҷараёни ҷаҳонишавӣ на танҳо ба талаботҳои иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷаҳон, балки ба муносибати мо ба таълиму тарбияи насли ҷавон таъсири амиқ мерасонад. Дар ин росто доштани салоҳиятҳои эҷодкорӣ ва тафаккури пешрафта ба омили калидӣ табдил ёфтааст. Ҷавонони имрӯза на танҳо бояд дониши амиқи илмӣ дошта бошанд, балки бояд тавоноии эҷоди идеяҳои нав, ҳалли мушкилоти нав бо роҳҳои ғайриоддӣ ва мутобиқ шудан ба шароити зудтағйирёбандаро низ дошта бошанд. Ин тавоноӣ ба онҳо имкон медиҳад, ки дар соҳаҳои гуногун ба дастовардҳои баланд ноил гарданд ва дар рушди иқтисодиёт ва ҷомеаи худ саҳми арзанда гузоранд.

Дар замони муосир, ки ҷаҳон беш аз ҳарвақта ба суръати тағйирот эҳтиёҷ дорад, ҷомеаҳо бештар ба афроде ниёз доранд, ки қодиранд мустақилона қарор қабул кунанд, дар шароити номаълуми навбатӣ бо тафаккури таҳлилӣ ва эҷодкорона амал кунанд ва ҳамеша роҳи ҳалли нав ва самаранокро пайдо намоянд. Ҳамин зарурият моро водор месозад, ки дар низоми маорифи кишвар тағйироти ҷиддӣ ворид кунем ва ба рушди салоҳиятҳои эҷодии насли ҷавон таваҷҷуҳи хоса диҳем.

Дар ниҳоят, тавре ки ҷаҳон рӯ ба рушди босуръати илм ва фанноварӣ дорад, мо низ бояд дар Тоҷикистон ба таълиму тарбияи насли ҷавон бо диққати бештар нигарем. Ин насли ҷавонест, ки метавонад бо ҷаҳон ҳамқадаму ҳамсадо бошад ва дар оянда ҳамчун шахсиятҳои мустақил, эҷодкор ва тавоно дар ҷомеаи ҷаҳонӣ фаъолият кунад.

Дар маҷмуъ, рушди салоҳиятҳои эҷодкорӣ ва тафаккури техникӣ на танҳо як амри зарурӣ барои рушди шахсият ва муваффақиятҳои инфиродии ҷавонон, балки як унсури муҳими рушди иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷомеа мебошад. Ҳамин тариқ, омӯзиши фанҳои дақиқ ва рушди қобилиятҳои эҷодӣ

бояд аз ҳадафҳои калидии низоми маорифи кишвар бошанд, то ки насли нав дар оянда битавонад масъулияти пешбурди ҷомеаро ба дӯш гирад ва дар рушди ҳамаҷонибаи кишвар саҳмгузор бошад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак» на танҳо ҳуқуқҳои кӯдаконро муҳофизат мекунад, балки ба рушди эҷодӣ ва фарҳангии онҳо низ мусоидат менамояд. Моддаи 28-и қонун ду ҷанба дорад: аввалан, ба кӯдакон имконият медиҳад, ки бо фарҳанги миллӣ, таърих ва арзишҳои халқи худ шинос шаванд, ва дувум, барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва зеҳнии онҳо тавассути дастрасӣ ба филмҳо, барномаҳои телевизионӣ ва асарҳои чопӣ шароит фароҳам меорад [83].

Аз ин ҷост, ки фаъолияти муассисаҳои таълимӣ бояд на танҳо аз ҷараёни таълиму тарбия иборат бошад, балки раванди рушди хонандагонро, ки ба ташаккули кӯдак ба сифати инсони комил, шахсияти дорои қобилиятҳо ва имкониятҳои амалисозии онҳо равона гардидаанд, низ дар бар гирад.

Дар ин асно ташаббускории амалӣ ва худфаъолиятии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ натиҷаи фаъолияти мақсадноки ҳайати омӯзгорӣ дониста шуда, ин раванд дар арзёбии фаъолияти муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ҷойгоҳи махсус дорад.

Таҳсилоти иловагӣ дар низоми маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як ҷузъи муҳим ва зарурӣ барои рушди ҳамаҷонибаи шахсиятҳои ҷавон шинохта шудааст. Имкониятҳои фарохе, ки ин навъи таҳсилот барои худтакмилдиҳӣ ва ошкорсозии қобилиятҳои кӯдакон фароҳам меорад, онро ба як василаи беандоза муассир барои тарбияи насли эҷодкор ва фаъол табдил медиҳад. Дар муқоиса бо низоми таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ, ки ба иҷроиши барномаҳои таълимӣ мутамарказ гардидаанд, таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакон фазое месозад, ки дар он онҳо метавонанд бидуни маҳдудиятҳо истеъдодҳои худро ошкор ва инкишоф диҳанд.

Дар мактабҳо мушоҳида мешавад, ки кӯдакон маҷбуранд, ки пайваста барномаҳои муайянро иҷро кунанд, ки ин ба имкони кашфи қобилиятҳои хосаи онҳо халал мерасонад. Ҳамин аст, ки аксаран кӯдакон имкони

инкишофи эҷодӣ ва дарёфти роҳҳои нав барои ифодаи худ дар доираи ин барномаҳои стандартӣ надоранд.

Таҳсилоти иловагӣ ин маҳдудиятҳоро бартараф намуда, ба кӯдакон имкон медиҳад, ки дар муҳити озод ва ҳавасмандгардон фаъолият кунанд. Ин муассисаҳо бо ташкили маҳфилҳо, курсҳои омӯзишӣ ва лоиҳаҳои эҷодӣ, ба кӯдакон имкони ифодаи шахсият ва рушди қобилиятҳои хосаи худро пешниҳод мекунанд. Дар чунин муҳит, кӯдакон метавонанд бе фишори доимӣ аз талаботи барномаҳои таълимӣ, таваҷҷуҳи худро ба самтҳои ба онҳо дӯстдошта равона созанд ва дар он самтҳо пешрафт кунанд. Бештари кӯдакон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ муҳити мусоидро пайдо мекунанд, ки дар он метавонанд худшиносиро инкишоф диҳанд ва истеъдодҳои худро ба таври комил ошкор кунанд. -

Дар робита ба ин қонунгузории миллӣ ҷой ва мевқеи муассисаи таҳсилоти иловагиро ба сифати соҳаи тарбиятгар ва ташаккулдиҳандаи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон дар якчанд санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи хуқуқҳои кӯдак», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», Консепсияи миллии тарбия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври возеҳ муайян кардааст.

Бояд қайд намуд, ки ҳамаи ин санадҳои меъёрӣ таҳсилоти иловагиро ҷузъи таркибии низоми маориф дониста, рушди низоми таҳсилоти иловагӣ ҳамчун муҳит ва фазои созгори ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон заминаи воқеӣ ва устувор мегузоранд.

Бояд қайд намуд, ки муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар баробари муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба низоми ягонаи таҳсилот ворид гардида, ба сифати зерсохтори соҳаи маориф дониста мешаванд. Тибқи моддаи 21 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», таҳсилоти иловагӣ барои қонеъ кардани талаботи шахс, ҷамъият ва давлат, тавассути

барномаҳои иловагӣ ва хизматрасониҳои таълимӣ амалӣ мегардад. Шахс метавонад таҳсилоти иловагиро ҳам дар муассисаҳои таълимӣ ва ҳам баъд аз хатми онҳо дар муассисаҳои махсуси таҳсилоти иловагӣ соҳиб шавад. Ин таҳсилот дар доираи барномаҳои иловагии муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ ва касбӣ ё дар муассисаҳои махсуси таҳсилоти иловагӣ пешниҳод мегардад. [82].

Дар асоси нишондоди моддаи 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ» - таҳсилоти иловагӣ ҷузъи таркибии низоми таҳсилот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мақсади он рушди қобилияти зехнию эчодӣ ва истеъдоди таълимгирандагон, қонеъ гардонидани рағбат, эҳтиёҷоти маънавӣ ва талаботи онҳо ба интихоб ва гирифтани касб ҳангоми фориғ будан аз таълим дар муассисаҳои таълимӣ мебошад.

Тибқи банди 2 Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2018, №93 тасдиқ карда шудааст, «Таҳсилоти иловагии таълимгирандагон бо дар назар доштани майлу рағбати онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва ибтидоӣ, касбӣ ё дар муасссисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ, ки дар шакли академияи хурди илмҳо, марказҳо, аз ҷумла марказҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон, қасрҳо, хонаҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон, стансияҳо, студияҳо, мактабҳои санъат, муассисаҳои таълимии ибтидоии махсуси ибтидоӣ, мактабҳои касбии варзишӣ, ҳунарӣ, мусиқӣ, мактабҳои варзишии кӯдакон ва наврасон, мактабҳои махсуси варзишии захираҳои олимпии кӯдакону наврасон, клубҳо, аз ҷумла клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маҳалли зист, клубҳои тарбияи ҷисмонию варзишии маъюбон, варзишҳои кӯдакона, муассисаҳои солимгардонӣ фаъолият менамоянд, дар асоси барномаҳои таҳсилоти иловагӣ амалӣ мегардад» [109].

Бояд гуфт, ки таҳсилоти иловагӣ дар маҷмуъ соҳаи нав кашфгардида набуда, балки дар гузашта дар шакли клубу хонаҳои эҷодиёти бадеии кӯдакон ва қасру хонаҳои пионерону мактаббачагон, ки ҳамагӣ муассисаҳои тарбияи беруназмактабӣ ном бурда мешуданд, фаъолият мекарданд.

Дар замони муосир бошад, низоми таҳсилоти иловагӣ баъди ба фаъолияти он ворид гардидани дигаргуниҳои сохторӣ, новобаста аз мушкилиҳои мавҷуда (нокифоя будани маблағгузорӣ, норасоии бино ва ҷойи нишаст, камбуди мутахассисони соҳа ва пеш аз ҳама мавҷуд набудани стандарту барномаҳои ягонаи таълимии равиявӣ ва дастурҳои методии таъминкунандаи фаъолияти онҳо) дар ҳоли рушд қарор дорад.

Масъалаи мазкур дар Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, № 526 аз 29 сентябри соли 2020 қабул гардидааст, аз ҷумла омадааст, ки «рушди бахши таҳсилоти иловагии кӯдакон тавассути рушди марказҳои эҷодии кӯдакон ва ҷавонон, ки ба рушди дониш, маҳорат ва малака, боло бурдани ҳамкории шаклҳои давлатӣ ва ғайридавлатии таҳсилоти иловагӣ, аз ҷумла табодули таҷриба, ҷорӣ намудан ва истифодаи методика ва таҷрибаҳои беҳтарини байналмилалӣ, гузаронидани чорабиниҳои якҷоя нигаронида шудаанд» [147].

Вобаста ба ин, Стратегияи мазкур дар назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳалли масъалаҳои марбут ба таҳсилоти иловагӣ, дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд, як қатор чораҳои муҳимро муқаррар намудааст. Ин чораҳо ба рушди муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ ва беҳтар намудани имкониятҳои таълимӣ барои кӯдакон ва наврасон равона шудаанд. Аз ҷумла, инҳо дохил мешаванд:

- **Баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ**: Ин тавассути татбиқи фаъолонаи шаклҳо, методҳо ва технологияҳои нав ба раванди таълим ба даст меояд. Таъсиси иттиҳодияҳои нав, ки бо талаботи ҳақиқии наврасон ва ҷавонон мутобиқ шудаанд, инчунин равияҳои нав дар муассисаҳои таълимии бачагона ба ин раванд мусоидат мекунанд.
- **Такмили мазмуни барномаҳои таълимӣ**: Бо дарназардошти шавқу ҳаваси кӯдакон ва ҷавонон, инчунин талаботи оила ва ҷомеа, барномаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ бояд такмил дода шаванд. Ин тағйиротҳо ба фароҳам овардани шароит барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият мусоидат мекунанд.

- **Густариши шабакаи иттиҳодияҳо аз рӯйи манфиатҳо ва самтҳои гуногун**: Ин раванд ба зиёд кардани самтҳои фаъолияти муассисаҳои таълимии кӯдакона ва фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои интихоби озоди кӯдакон дар ташаккули шахсият ва истеъдоди онҳо равона шудааст.
- **Ҷорӣ кардани шаклҳои муосири самтҳои касбу ихтисос**: Ин раванд ба ташкили машғулиятҳои махсус барои кӯдакон ва ҷавонон дар лаҳзаҳои фориғ аз дарс мусоидат мекунад. Дастгирии ташаббусҳои эҷодӣ ва соҳибкории наврасон ва ҷавонон дар ин замина низ муҳим аст.
- **Фароҳам сохтани шароит барои амалӣ гардонидани лоиҳаҳои ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ**: Лоиҳаҳои ҷамъиятӣ ва ташаббусҳои наврасон ва ҷавонон, ки аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳиманд, бояд дастгирӣ ва ташвиқ карда шаванд. Ин чораҳо на танҳо ба рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон ва ҷавонон, балки ба иштироки фаъоли онҳо дар ҳаёти ҷомеа низ мусоидат мекунанд.

Ҳамин тариқ, ин стратегия ба рушди таҳсилоти иловагӣ дар Тоҷикистон ва фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон нигаронида шудааст. Шароитҳои фароҳамшуда ба онҳо имконият медиҳанд, ки дар оянда ба шахсони созанда ва фаъол табдил ёбанд.

Ҳоло низоми таҳсилоти иловагии кӯдакон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи талаботи қонунгузории миллӣ муассисаҳои давлатии таҳсилоти иловагии соҳаи маориф, фарҳангу санъат ва варзишро дар бар гирифта, ин муассисаҳо дар шакли марказҳои эҷодии кӯдакону наврасон, муассисаҳои таҳсилоти иловагии хонандагон, мактабҳои санъату мусиқӣ  ва мактабҳои кӯдаконаи варзишӣ ва захираҳои олимпӣ фаъолият намуда, илова бар он маҳфилҳои алоҳидаи фанниву беруназмактабии назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва марказҳои хусусии таҳсилоти иловагӣ, ки аслан курсҳои забономӯзиро дар бар мегиранд низ амал менамоянд.

Дар низоми маориф марказҳои таҳсилоти иловагӣ дар шакли марказҳои таҳсилоти иловагии кӯдакону наврасон (асосан дар самти фаъолияти эҷодиёти бадеӣ бо фарогирии тарбияи экологӣ, кишваршиносӣ

ва эҷодиёти техникӣ) ва марказҳои рушди истеъдодҳо (дар самти омӯзиши амиқи барномаҳои таълимӣ ва омодагии олимпӣ) фаъолият менамоянд.

Фаъолияти таҳсилоти иловагии кӯдакон ба таври расмӣ дар пойтахти кишвари мо шаҳри Душанбе, нахуст аз Хонаи тарбияи бадеии кӯдакон оғоз гардида, баъдан дар Хонаи пионерон, Хонаи пионерону мактаббачагон, Қасри пионерон ва мактаббачагон ва мактабҳои мусиқиву варзишӣ дар шакли ҷалби наврасон ба маҳфилу гурӯҳҳои алоҳида сурат мегирад.

Стансияҳои техникон ва туристону натуралистони наврас хонандагонро ба олами илму техникаи зудташаккулёбанда ворид менамояд. Фаъолияти гуногунҷабҳаву васеи ин муассисаҳо дар он замон ва ҷалби бештари наврасон тавассути ташкилоти ҷамъиятиву идеологии пионерӣ боис шуд, ки дар баробари додани таҳсилоти иловагӣ ба кори дарёфти истеъдодҳои наврас, муаррифӣ ва дастгирии минбаъдаи онҳо низ чораҳои зарурӣ андешида шавад. Бо ин мақсад озмуну фестивалҳои гуногун ташкилу баргузор шуда, Академияи хурди илмҳо ҷиҳати дарёфт ва ҳавасмандии наврасони ихтироъкор майл ба илм дошта, маҳз дар заминаи ин муассисаҳо таъсис дода шуд. Бахши тарбияи бадеиву эстетикии наврасон низ рушд намуда, дар ташаккули шахсияти кӯдакон, муаррифии фарҳангу тамаддуни кишвар тавассути эҷодиёти насли наврас заминаи боэътимод гузошта истодаанд.

Солҳои навадуми асри XX номи муассисаҳои беруназмактабӣ ба муассисаҳои таҳсилоти иловагии кӯдакон иваз карда шуда, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» ба расмият даровarда шуд. Пас аз расмият пайдо намудани таҳсилоти иловагӣ дар кишвари мо ин тарзи таҳсилот ба марҳилаи нав ворид гардид. Педагог ва муҳаққиқ Искандаров Ҳ. мавқеи таҳсилоти иловагиро дар қонеъ гардонидани талаботи хонандагон қайд намуда, маълумоти иловагии кӯдаконро як рукни асосии кори таълиму тарбия меҳисобад [58, 71].

Инчунин, "Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе" дорои заминаи зарурии моддиву техникӣ мебошад. Ин замина, ки бо лавозимоти муосири таълимӣ муҷаҳҳаз гардидааст, ба таълимгирандагон шароити беҳтаринро барои таҳсил ва рушди ҳамаҷонибаи худ фароҳам меорад. Бо вуҷуди ин, бинои алоҳидаи таълимии марказ ва Боғи кӯдакон, ки ба он шомиланд, имкониятҳои иловагиро барои ташкил ва гузаронидани машғулиятҳои таълимӣ ва фарҳангӣ фароҳам меоранд.

Марказ ҳамчунин пешбарандаи фаъоли ҳаракати ҷамъиятии наврасон – Созмони хонандагони Тоҷикистон ба номи Исмоили Сомонӣ дар шаҳри Душанбе мебошад. Ин созмон кӯшиш мекунад, ки хонандагонро дар корҳои ҷамъиятӣ фаъолона иштирок диҳад, онҳоро ба ҳамкорӣ ва масъулиятшиносӣ ташвиқ намояд ва барои рушди зеҳнӣ ва иҷтимоии онҳо замина фароҳам орад.

Мавриди тазаккур аст, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба масъалаи дарёфт ва рушди истеъдодҳо ва ташаккули қобилиятҳои эҷодии наврасон таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамоянд, ки фаъолияти муассисаи зери назар низ аз ин таваҷҷуҳ ва дастгириҳо мунтазам баҳравар мегардад.

Натиҷаи ин таваҷҷуҳ ва дасгириҳо дар санадҳои меъёрӣ ва ҳуқуқӣ низ инъикос гардида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти иловагӣ», Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Низомномаи намунавии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ» ва Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо барои давраи то соли 2025 гувоҳи ин гуфтаҳо мебошанд.

Таҳлили фаъолияти Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ» - и назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки таҳсилоти иловагӣ дар кишвар дар солҳои охир ба як ҷузъи муҳими низоми маориф табдил ёфтааст. Дар оғози соли таҳсили 2023–2024, дар ҷумҳурӣ 84 муассисаи давлатии таҳсилоти иловагӣ дар соҳаи маориф фаъолият мекунанд, ки дар онҳо 61,919 нафар хонанда ҷалб шудаанд. Ин нишон медиҳад, ки таҳсилоти иловагӣ ҳамчун василаи муҳим барои рушди қобилиятҳо ва истеъдоди кӯдакон ва наврасон нақши худро боз ҳам бештар густариш медиҳад.

Илова бар ин, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар ин давра аз 3,967 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумии мамлакат, дар назди 1,998 муассисаҳо 8,753 маҳфил таъсис дода шудааст, ки ин ба шумораи умумии 136,414 нафар хонандагон фаро гирифта шудааст. Ин баёнгари он аст, ки на танҳо муассисаҳои махсуси таҳсилоти иловагӣ, балки худи муассисаҳои таҳсилоти

миёнаи умумӣ низ дар тарбияи истеъдоди кӯдакон ва наврасон тавассути ташкили маҳфилҳои гуногун саҳм мегузоранд.

Дар маҷмуъ, дар кишвар дар ин давра 198,333 нафар хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ ҷалб гардидаанд, ки ин рақам 9%-и шумораи умумии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишварро ташкил медиҳад. Ин рақам нишон медиҳад, ки таҳсилоти иловагӣ дар Тоҷикистон дар ҳоли рушд қарор дошта, қисми муҳими низоми маорифи кишварро ташкил медиҳад (расми 3).




***Расми 3. Нишондиҳандаҳои фарогирии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таълимии ҷумҳурӣ дар соли таҳсили 2023-2024***

Дар шаҳри Душанбе таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки тақрибан 10%-и хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар пойтахт бевосита ба таҳсилоти иловагӣ фаро гирифта шудаанд. Ин нишондиҳанда аҳамияти ин навъи таҳсилотро дар ташаккули шахсият ва рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон равшан мекунад.

Муассисаҳои гуногуни таҳсилоти иловагӣ дар шаҳри Душанбе бо шаклҳои мухталифи ташкилӣ-ҳуқуқӣ фаъолият мекунанд, ки ин ба кӯдакон ва наврасон имконияти васеъро барои инкишофи қобилиятҳои худ дар соҳаҳои мухталиф фароҳам меорад.

Марказҳои кӯдакону наврасон ва марказҳои рушди истеъдодҳо, ки дар шаклҳои гуногуни фаъолияти таълимӣ, аз ҷумла маҳфилҳо ва курсҳои омӯзишӣ фаъолият мекунанд, ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки дар муҳити эҷодӣ ва дастгирии пайваста қобилиятҳои худро рушд диҳанд. Клубҳои варзишиву фарҳангӣ ва мактабҳои варзишиву мусиқӣ низ нақши муҳим

доранд, зеро онҳо ба рушди ҷисмонӣ, мусиқӣ ва санъатии кӯдакон мусоидат мекунанд.

Фаъолияти ин муассисаҳо на танҳо ба таълими инфиродӣ, балки ба ташкил ва баргузор кардани чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ, мусобиқаҳо ва озмунҳо равона шудааст, ки ин ба фарогирии бештари кӯдакон ба таҳсилоти иловагӣ ва рушду такомул додани қобилиятҳои онҳо мусоидат мекунад. Баргузории муназзами чунин чорабиниҳо дар пойтахт ба кӯдакон имконият медиҳад, ки худро дар соҳаҳои гуногун санҷанд, таваҷҷуҳи худро муайян кунанд ва онро ба таври амалӣ инкишоф диҳанд.

Мувофиқи таҳлил, муассисаҳои таълимии таҳсилоти иловагӣ аз рӯйи тасниф ба ду гурӯҳ тақсим мешаванд: маҷмуӣ (комплексӣ) ва соҳавӣ. Маҷмуӣ ё комплексӣ он муассисаҳое мебошанд, ки бо якчанд самт ва бахшҳои гуногуни таълимӣ фаъолият мекунанд, масалан, марказҳои кӯдакону наврасон. Дар чунин муассисаҳо, хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳр дар маҳфилҳо ва иттиҳодияҳои таълимии гуногун фаро гирифта шудаанд.

Дар ин муассисаҳо, фарогирии хонандагон аз рӯйи шавқу ҳавас, интихоби ихтиёрӣ ва талаботи инфиродии онҳо ташкил карда мешавад. Ин гуна муассисаҳои таълимӣ барои кӯдакон ва наврасон имкониятҳои васеъ барои рушди салоҳиятҳои эҷодӣ, варзишӣ, зеҳнӣ ва фарҳангӣ фароҳам меоранд.

Фарогирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе дар чунин шакли муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар ҷадвали 2 оварда шудааст:

***Ҷадвали 2. Фарогирии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагиии соҳаи маориф***

| **Номгӯи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ** | **Тобеияти идорӣ** | **Шумораи маҳфилҳо/ иттиҳодияҳои таълимӣ** | **Шумораи таълим-гирандагон** |
|---|---|---|---|
| Маркази ҷумҳуриявии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ | Вазорати маориф ва илми ҶТ | 15 | 306 |
| Маркази кӯдакон ва наврасони | Сарраёсати маорифи | 40 | 1860 |

| | | | |
|---|---|---|---|
| шаҳри Душанбе | шаҳри Душанбе | | |
| Маркази рушди истеъдодҳои шаҳри Душанбе | Саррааёсати маорифи шаҳри Душанбе | 35 | 667 |
| Маркази рушди истеъдодҳои ноҳияи Фирдавсӣ | Шуъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсӣ | 24 | 387 |
| Маркази рушди истеъдодҳои ноҳияи Исмоили Сомонӣ | Шуъбаи маорифи ноҳияи И.Сомонӣ | 29 | 367 |
| Маркази рушди истеъдодҳои ноҳияи Сино | Шуъбаи маорифи ноҳияи Сино | 13 | 602 |
| Маркази рушди истеъдодҳои ноҳияи Шоҳмансур | Шуъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансур | 20 | 584 |
| Маркази эҷодии кӯдакон ва наврасони ноҳияи И.Сомонӣ | Шуъбаи маорифи ноҳияи И.Сомонӣ | 43 | 1476 |
| Маркази эҷодии кӯдакон ва наврасони ноҳияи Фирдавсӣ | Шуъбаи маорифи ноҳияи Фирдавсӣ | 40 | 2040 |
| Маркази кӯдакон ва наврасони ноҳияи Сино | Шуъбаи маорифи ноҳияи Сино | 39 | 1800 |
| Маркази таҳсилоти иловагии ноҳияи Шоҳмансур | Шуъбаи маорифи ноҳияи Шоҳмансур | 42 | 2234 |
| **Ҷамъ:** | | **340** | **12323** |

Илова бар муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи маориф, дар шаҳри Душанбе инчунин муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи фарҳанг низ фаъолият доранд, ки таҳти идораи Раёсати фарҳанги Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе амал мекунанд. Ин муассисаҳо низ хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро ба таҳсилоти иловагӣ фаро мегиранд.

Муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи фарҳанг метавонанд мактабҳои санъат, мактабҳои мусиқӣ, студияҳои эҷодӣ ва дигар марказҳои фарҳангӣ бошанд, ки ба рушди малакаҳо ва истеъдодҳои эҷодии хонандагон нигаронида шудаанд. Фаъолияти онҳо фарогирии васеи таълимгирандагонро таъмин намуда, дар самтҳои гуногуни фарҳангӣ, аз ҷумла мусиқӣ, расмкашӣ, театр, санъати тасвирӣ ва дигар самтҳои бадеӣ, имкониятҳои васеи таълимӣ фароҳам меоранд.

Ҷадвали 3, ки дар он фарогирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи фарҳанг нишон дода шудааст, метавонад маълумоти мушаххас дар бораи шумораи хонандагон ва самтҳои таълими онҳоро дар бар гирад. Ин маълумот барои муайян кардани дараҷаи фарогирии кӯдакон ба таълими иловагӣ дар самти фарҳанг муҳим аст ва дар таҳияи стратегияи минбаъдаи рушди таҳсилоти иловагӣ дар шаҳр нақши муҳим мебозад.

***Ҷадвали 3. Фарогирии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагиии соҳаи фарҳанг***

| **Номгӯи муассиаҳои таҳсилоти иловагӣ** | **Шумораи таълимгирандагон** |
|---|---|
| Мактаби бачагонаи санъати ба номи М. Аминзода | 294 |
| Мактаби мусиқии бачагонаи №1 ба номи П.Чайковский | 175 |
| Мактаби мусиқии бачагонаи №3 ба номи А.Ленский | 162 |
| Мактаби мусиқии бачагонаи №5 ба номи А.Шукуҳӣ | 182 |
| Мактаби мусиқии бачагонаи №6 ба номи Ш.Соибов | 126 |
| Мактаби бачагонаи санъати рассомӣ | 63 |
| **Ҷамъ:** | **1002** |

Маълумоти пешниҳодшуда нишон медиҳад, ки муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи варзиш дар шаҳри Душанбе дар шакли Мактабҳои махсуси варзишии захираҳои олимпӣ фаъолият мекунанд. Ин муассисаҳо ба фарогирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ равона шудаанд ва дар тобеияти Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе қарор доранд.

Муассисаҳои варзишӣ, ки ба захираҳои олимпӣ нигаронида шудаанд, ба рушди қобилиятҳои варзишии кӯдакон ва наврасон таваҷҷӯҳи махсус медиҳанд. Дар онҳо, ҷавонон метавонанд дар намудҳои гуногуни варзиш, аз қабили варзиши сабук, гӯштин, футбол, бокс, гимнастика ва дигар намудҳои варзишӣ омӯзиш дида, омодагии худро барои иштирок дар мусобиқаҳои

варзишӣ, аз ҷумла мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ, баланд бардоранд ва фарогирии онҳо аз ҳисоби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр дар ҷадвали 4 ба таври зайл мебошад:

***Ҷадвали 4. Фарогирии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагиии соҳаи варзиш***

| Номгӯи муассиаҳои таҳсилоти иловагӣ | Намуди варзиш | Шумораи таълимгирандагон |
|---|---|---|
| Мактаби махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии №1 | Гимнастикаи бадеӣ | 249 |
| Мактаби махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии №2 | Тэквандо ва камонварӣ | 564 |
| Мактаби махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии №3 | Варзиши сабук | 205 |
| Мактаби махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии №4 | Шиноварӣ ва қаиқронӣ | 230 |
| Мактаби махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии №5 | Бозиҳои варзишӣ | 1605 |
| Мактаби махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии №6 | Гӯштин | 1204 |
| Мактаби махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии №7 | Шоҳмот ва шашка | 223 |
| Мактаби махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии №8 | Акробатика | 409 |
| Мактаби махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии №9 | Бокс | 390 |
| Мактаби махсуси кӯдакону наврасони захираҳои олимпии №10 | Футбол | 936 |
| **Ҷамъ:** | | **6015** |

Тавре ки қайд гардид, таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ низ ҳамчун як ҷузъи муҳими раванди таълимӣ амал мекунад. Ин фаъолиятҳо фориғ аз барномаҳои асосии таълимӣ сурат мегиранд ва бо дарназардошти талабот ва завқу рағбати шахсии хонандагон ташкил карда мешаванд. Маҳфилҳо, машғулиятҳо ва дигар намудҳои таҳсилоти иловагӣ ба хонандагон имкон медиҳанд, ки донишу малакаҳои иловагӣ пайдо

кунанд, қобилиятҳои эҷодии худро инкишоф диҳанд ва ба худомӯзӣ ва худтарбиякунии инфиродӣ машғул шаванд.

Ин равиш барои рушди шахсият ва фароҳам овардани имкониятҳои бештар барои омӯзиш ва таҳсилоти амиқтар мусоидат менамояд. Дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, фаъолияти таҳсилоти иловагӣ метавонад шаклҳои гуногуни таълимро дар бар гирад, аз ҷумла:

- **Маҳфилҳои илмӣ ва фаннӣ:** Маҳфилҳо барои хонандагон имкон медиҳанд, ки дониши худро дар фанҳои мухталиф, аз ҷумла илмҳои дақиқ, фанноварӣ, адабиёт ва забономӯзӣ васеъ намоянд.
- **Машғулиятҳои эҷодӣ ва бадеӣ:** Ин машғулиятҳо дар соҳаҳои санъат, мусиқӣ, ракс, театри кӯдакон ва наврасон ташкил мегарданд, ки қобилиятҳои эҷодии хонандагонро рушд медиҳанд.
- **Машғулиятҳои варзишӣ:** Ин машғулиятҳо барои ташаккули саломатӣ ва фаъолияти ҷисмонӣ равона шудаанд. Онҳо дар намудҳои гуногуни варзиш, аз ҷумла футбол, баскетбол, шиноварӣ, гӯштин ва дигар намудҳои варзиш гузаронида мешаванд.
- **Машғулиятҳои техникиву амалӣ:** Машғулиятҳое, ки ба омӯзиши технологияи муосир, компютер, робототехника, тарроҳӣ ва сохтмон равона шудаанд.

Бо назардошти ин, таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ воситаи муҳими инкишофи ҳамаҷонибаи хонандагон мебошад. Ин равишҳо ба таври равшан нишон медиҳанд, ки чӣ тавр метавонанд хонандагон дар баробари таҳсилоти асосӣ, донишу малакаҳои иловагиро инкишоф диҳанд ва барои муваффақият дар оянда омода шаванд.

Фарогирии хонандагон бо таҳсилоти иловагӣ дар литсей ва гимназияҳои тобеи Вазорати маориф ва илм, Сарраёсати маориф, назди мактабҳои олии ҳудуди шаҳри Душанбе ва муассисаҳои таълимии хусусӣ дар ҷадвали № 5 оварда шудааст.

*Ҷадвали 5. Фарогирии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар назди литсей ва гимназияҳо*

| Номгӯи муассисаҳои таълимӣ | Шумораи маҳфилҳо | Шумораи аъзои маҳфилҳо |
|---|---|---|
| Мактаби байналмилалии Президентӣ дар шаҳри Душанбе | 13 | 133 |
| Мактаби байналмилалии дар шаҳри Душанбе | 16 | 94 |
| Литсей –интернати Президенӣ барои кӯдакони болаёқати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе | 11 | 165 |
| Литсейи барои хонандагони лаёқатманд ҶТ дар шаҳри Душанбе | 36 | 360 |
| Литсейи №1 барои хонандагони лаёқатманди назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ба номи Н.Сафар | 6 | 270 |
| Литсейи №2 барои хонандагони лаёқатманди шаҳри Душанбе | 24 | 360 |
| Литсейи №3 барои хонандагони лаёқатманди назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | 47 | 855 |
| Литсейи №4 барои хонандагони лаёқатманди назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | 4 | 150 |
| Гимназияи №1 барои хонандагони лаёқатманди назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | 18 | 1404 |
| Гимназияи №2 барои хонандагони лаёқатманди назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | 7 | 195 |
| Гимназияи №3 барои хонандагони лаёқатманди маорифи шаҳри Душанбе | 14 | 1168 |
| Гимназияи №4 барои хонандагони лаёқатманди назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | 10 | 209 |
| Литсейи назди Донишгоҳи давлати Тиҷорати Тоҷикистон | 7 | 70 |
| Литсейи иноватсиони назди Донишгоҳи техникии Тоҷикистон | 11 | 89 |
| Литсейи назди Донишгоҳи давлати байналмилалии соҳибкори ва хизмати Тоҷикистон | 20 | 188 |
| Гимназияи хусусии «Тоҷикистон» | 12 | 175 |
| Литсейи хусусии «Раҳнамо» | 15 | 178 |

| | | |
|---|---|---|
| Гимназияи хусусии «Кафолат» | 4 | 55 |
| Литсейи МГУ | 10 | 150 |
| МТМУ назди Сарраёсати маорифи ш.Душанбе | 8 | 108 |
| МТ хусусии гимназияи Донишвар | 4 | 80 |
| Литсейи хусусии «Эҳсон» | 6 | 84 |
| Литсейи хусусии «А.Ҷомӣ» | 7 | 133 |
| Литсейи «Умари Хаём» | 14 | 207 |
| Гимназияи «Шахсият» | 5 | 252 |
| Ҷамъ: | 329 | 7132 |

Ҳамзамон дар Мактаб –интернати №1 барои кӯдакони ятими назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе ҳамчун муассисаи таълимии махсус низ маҳфилҳои иловагӣ барои тарбиятгириандагон ташкил шудаанд, ки фарогирии хонандагон дар онҳо 213 нафарро ташкил медиҳад. Фарогирии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар мактаб-интернати №1 барои кӯдакони ятими назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе дар ҷадвали № нишон дода шудааст.

***Ҷадвали 6. Фарогирии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар мактаб-интернати №1 барои кӯдакони ятими назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе***

| **Номгӯи муассисаҳои таълимӣ** | **Шумораи маҳфилҳо** | **Шумораи аъзои маҳфилҳо** |
|---|---|---|
| Мактаб –интернати №1 барои кӯдакони ятими назди Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе | 13 | 213 |
| **Ҷамъ:** | **13** | **213** |

Новобаста аз ҷой доштани мушкилоти ҷойи нишаст, норасоии синфхонаҳо ва мавҷудияти таълими дубаста дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии ноҳияҳои шаҳр низ барои хонандагон маҳфил ва машғулиятҳои иловагӣ амал мекунанд.

***Ҷадвали 7. Фарогирии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ***

| **Номгӯи муассисаҳои таълимӣ** | **Шумораи маҳфилҳо** | **Шумораи аъзои маҳфилҳо** |
|---|---|---|
| Муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Фирдавсӣ | 213 | 6369 |
| Муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Исмоили Сомонӣ | 294 | 3853 |

| | | |
|---|---|---|
| Муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Шоҳмансур | 322 | 6576 |
| Муассисаҳои таҳсилоти умумии ноҳияи Сино | 109 | 3984 |
| **Ҷамъ:** | **938** | **20782** |

Ҳамин тариқ, вобаста ба ноҳияҳо фарогирӣ ба таҳсилоти иловагии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ чунин аст:

- ноҳияи Фирдавсӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№3, 5, 17, 18, 22, 24 28, 30, 40, 45, 49, 51, 57, 58, 72,75, 76, 77,78, 119, 120, 121, 122, 123, 124, 125, 126, 127, 128, 129,130 ва гимназияи №74;

- ноҳияи Исмоили Сомонӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№ 1, 5, 6, 7, 8, 10, 11, 12, 13, 26, 34, 44, 52, 53 61, 62, 68, 69, 70 ва гимназияи А.Ғуломов, Раҳнома, МГУ ва МТМУ назди Сарраёсат;

- ноҳияи Сино дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№19, 25, 27, 32, 33,37,38, 43,46, 47, 50, 54, 56, 60,64, 67, 73, 80, 81, 82, 83, 84, 85, 86, 87,88,89, 90,91, 92, 94, 95, 96, 98,99, 101, 111, 115,116,117,133

- ноҳияи Шоҳмансур дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №№16, 104, 79,100, 39, 31, 20,109, 21, 71,55, 102, 106, 23, 110, 103, 29, 36, 35, 107, 41, 63, 65, 105, 2, 108, 48 ва литсейи №4, литсейи ҳарбӣ, мактаби байналмилалӣ, гимназияи андешаи пок, гимназияи хусусии «Тоҷикистон» ва гимназияи №2 хонандагон иловатан дар маҳфилҳо фориғ аз дарс ба таҳсилоти иловагӣ фаро гирифта шудаанд.

Ҳамин тариқ, фарогирии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти умумии шаҳри Душанбе дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ вобаста ба самти фаъолият ва тобеияти идорӣ дар давраи то моҳи декабри соли 2023 26440 *(бисту шаш ҳазору чорсаду чил)* нафарро ташкил медиҳад, ки дар ҷадвали 8 нишон дода шудаанд.

***Ҷадвали 8. Нишндиҳандаҳои ба таҳсилоти иловагӣ фаро гирифтани хонандагон дар навъҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ***

| Муассисаҳои таълимӣ | Шумораи фарогирӣ |
|---|---|
| Муассисаҳаи тобеи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | 2687 |
| Муассиаҳои тобеи Сарраёсат ва шуъбаҳои | 16736 |

| | |
|---|---|
| маорифи шаҳри Душанбе | |
| Муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи фарҳанг | 1002 |
| Муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи варзиш | 6015 |
| **Ҷамъ:** | **26440** |

Дар аксарияти муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, пас аз анҷоми дарсҳои асосӣ, барои хонандагон маҳфилҳо, машғулиятҳо ва дигар намудҳои таҳсилоти иловагӣ ташкил карда мешаванд. Маҳфилҳо ва машғулиятҳои иловагӣ, ки дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баргузор мегарданд, як қатор самтҳои гуногунро фаро мегиранд. Ин самтҳо метавонанд аз соҳаҳои илмӣ, варзишӣ ва фарҳангӣ то санъат ва техникаи навтаринро дар бар гиранд. Масалан, хонандагон метавонанд дар маҳфилҳои илмӣ иштирок намуда, дониши худро дар фанҳои табиатшиносӣ, риёзӣ, физика ва химия амиқтар кунанд. Онҳо метавонанд дар машғулиятҳои варзишӣ ширкат варзида, қобилиятҳои ҷисмонӣ ва саломатии худро таҳким бахшанд. Дар маҳфилҳои санъат ва ҳунаромӯзӣ, хонандагон метавонанд малакаҳои эҷодии худро инкишоф диҳанд, дар ҳоле ки дар маҳфилҳои забономӯзӣ, дониши онҳо дар забонҳои хориҷӣ васеътар мегардад.

Ин самтҳо, ки дар баробари таълими асосӣ фаъолият мекунанд, ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки дониши худро амиқтар намуда, малакаҳои худро дар соҳаҳои гуногун инкишоф диҳанд. Ин равиш ба таълим ва тарбия ба хонандагон имконият медиҳад, ки худро дар муҳити озод ва эҷодӣ санҷанд, истеъдодҳои худро кашф ва рушд диҳанд ва дар ниҳоят, ҳамчун шахсиятҳои комилу бофарҳанг ба воя расанд.

Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ки чунин фаъолиятҳоро пешниҳод мекунанд, на танҳо дар тарбияи фарзандони мо саҳми бузург мегузоранд, балки ба рушди кулли низоми маорифи кишвар ва фароҳам овардани ҷомеаи босалоҳият ва эҷодкор мусоидат мекунанд. Ҳамин тариқ, таҳсилоти иловагӣ на танҳо як ҷузъи муҳими низоми маориф, балки як воситаи асосии тарбияи ҳаматарафаи кӯдакон ва омодасозии онҳо барои

зиндагӣ ва кор дар ҷаҳони муосир мебошад ва дар самтҳои зерин кор мекунанд:

1. Маҳфилҳои илмӣ: Иштирок дар маҳфилҳои илмӣ ба хонандагон имкон медиҳад, ки дар озмунҳои илмӣ, лоиҳаҳо ва тадқиқотҳои амалии мухталиф ширкат варзанд. Ин таҷрибаҳо ба онҳо кӯмак мекунанд, ки ба таври мустақилона кор кунанд, фикру андешаҳои худро баён кунанд ва ихтирооти навро ба миён оранд. Илова бар ин, маҳфилҳои илмӣ метавонанд муҳити мусоиди ҳамкорӣ ва мубоҳисаи илмиро байни хонандагон фароҳам оранд, ки ин барои рушди қобилиятҳои иҷтимоӣ ва ҳамкорӣ низ муҳим аст. Ҳамин тариқ, маҳфилҳои илмӣ на танҳо воситаи омӯзиши фанҳои дақиқ ва табиатшиносӣ мебошанд, балки як воситаи асосии рушди ҳамаҷонибаи хонандагон ба ҳисоб мераванд. Онҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки қобилиятҳои таҳлилӣ, мантиқӣ ва тадқиқотии худро инкишоф диҳанд, ба олимони оянда табдил ёбанд ва саҳми худро дар пешрафти илмӣ ва техникӣ гузоранд.

2. Маҳфилҳои бадеӣ: Дар ин маҳфилҳо, кӯдакон метавонанд бо рассомӣ, мусиқӣ, рақс, театр ва дигар намудҳои санъати бадеӣ машғул шаванд. Ин фаъолиятҳо на танҳо ба рушди истеъдодҳои эҷодии онҳо мусоидат мекунанд, балки эҳсоси зебоиро дар онҳо бедор мекунанд ва шароит фароҳам меоранд, ки онҳо худро ба таври озодона ва эҷодкорона ифода кунанд.

3. Машғулиятҳои варзишӣ: Машғулиятҳои варзишӣ барои таҳкими саломатӣ ва рушди ҷисмонии хонандагон аҳамияти бузург доранд. Ин машғулиятҳо ба кӯдакон имкон медиҳанд, ки дар намудҳои гуногуни варзиш ширкат варзанд, ҷисмҳои худро тавоно созанд ва малакаҳои варзиширо такмил диҳанд. Машғулиятҳои варзишӣ инчунин дар ташаккули интизом, ҳамкорӣ ва рӯҳияи даставӣ мусоидат мекунанд, ки ин сифатҳо дар ҳаёти минбаъда аҳамияти муҳим доранд.

4. Маҳфилҳои забономӯзӣ: Бо донистани забонҳои хориҷӣ, хонандагон метавонанд ба осонӣ ба иттилооти байналмилалӣ дастрасӣ пайдо кунанд, дар озмунҳо, конфронсҳо ва лоиҳаҳои байналмилалӣ ширкат

варзанд ва имкониятҳои бештари таълимӣ ва касбиро дар дохил ва хориҷ аз кишвар пайдо кунанд. Ин курсҳо инчунин ба онҳо имкон медиҳанд, ки дар оянда ба донишгоҳҳои байналмилалӣ дохил шаванд, дар барномаҳои мубодилаи донишҷӯён иштирок намоянд ва дар соҳаҳои гуногуни касбӣ, аз ҷумла тарҷумонӣ, дипломатия, тиҷорати байналмилалӣ ва туризм, муваффақ шаванд. Ҳамин тариқ, курсҳои забономӯзӣ дар таҳсилоти иловагӣ на танҳо барои такмил додани дониши забонҳои хориҷӣ, балки барои рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва омодагии онҳо ба зиндагӣ ва кор дар муҳити глобалӣ аҳамияти калон доранд.

5. Машғулиятҳои техникӣ: Машғулиятҳои техникӣ барои рушди малакаҳои амалӣ ва техникӣ равона шудаанд. Дар чунин машғулиятҳо, хонандагон метавонанд бо фанҳои мухталиф, аз ҷумла механика, электроника, робототехника ва ихтироъкорӣ шинос шаванд. Ин фаъолиятҳо ба онҳо имкон медиҳанд, ки малакаҳои амалиро такмил диҳанд ва дар оянда барои интихоб ва рушди касбҳои техникӣ омода шаванд.

Ин равишҳо барои фароҳам овардани имкониятҳои бештари таълимӣ ва шароитҳои мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи хонандагон мусоидат мекунанд. Таҳсилоти иловагӣ дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ на танҳо ҳамчун як ҷузъи муҳими тарбияи ҳаматарафа, балки ҳамчун воситаи пешбурди қобилиятҳои инфиродии ҳар як хонанда хидмат мекунад. Ин навъи таълим на танҳо дар рушди қобилиятҳои махсус, балки дар ташаккули шахсият, эътимод ба худ ва омодагӣ ба муваффақият дар ҷаҳони муосир саҳми бузург дорад.

Фарогирии хонандагон бо таҳсилоти иловагӣ дар литсей ва гимназияҳои тобеи Вазорати маориф ва илм, Сарраёсати маориф, назди мактабҳои олии ҳудуди шаҳри Душанбе ва муассисаҳои таълимии хусусӣ дар диаграммаи 1 нишон дода шудаанд:




*Диаграммаи 1. Нишндиҳандаҳои ба таҳсилоти иловагӣ фаро гирифтани хонандагон дар навъҳои гуногуни муассисаҳои таълимӣ*

Дар маҷмуъ фарогирии хонандагон ба таҳсилоти иловагӣ дар анҷоми соли соли 2023 аз ҳисоби хонандагони муассисаҳои таълимии шахр 47467 *(чилу ҳафт ҳазору чорсаду шасту ҳафт)* нафарро ташкил медиҳад, ки ин рақам дар қиёс ба шумораи умуми хонандагони шаҳри Душанбе, ки 285378 (*дусаду ҳаштоду панҷ ҳазору сесаду ҳафтоду ҳашт*) нафар мебошанд, ҳамагӣ 14 %-ро ташкил медиҳад. Нишондиҳандаҳои фарогирии умумии хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе ба таҳсилоти иловагӣ дар ҷадвали №9 ва диаграммаи 2 баён ёфтаанд.

*Ҷадвали 9. Фарогирии умумии хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе ба таҳсилоти иловагӣ*

| **Муассисаи таълимӣ** | **Шумораи фарогирӣ *(бо нафар)*** |
|---|---|
| Муассисаҳои таҳсилоти иловагии назди Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон | 306 |
| Муассиаҳои таҳсилоти иловагии назди Сарраёсат ва шуъбаҳои маорифи шаҳри Душанбе | 12017 |
| Маҳфилҳои Муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе | 20782 |
| Муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи варзиш | 6015 |

| | |
|---|---|
| Муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи фарҳанг | 1002 |
| Маҳфилҳои литсей ва гимназияҳои ҳудуди шаҳри Душанбе | 7132 |
| Маҳфилҳои мактаб –интернати шаҳри Душанбе | 213 |
| **Ҳамагӣ:** | **47467** |




*Диаграммаи 2. Фарогирии умумии хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе ба таҳсилоти иловагӣ*

***Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе.***

Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе дар низоми таҳсилоти иловагии шаҳри Душанбе яке аз таҳсилоти асоситарин ба ҳисоб рафта, дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе низ бахшҳои он фаъолият менамояд.

Муассисаи давлатии Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе таърихи ду аср ва ду сохторро дорад. Марказ аз даврони Иттиҳоди Шӯравӣ ибтидо ёфта, имрӯз аз самараи Истиқлоли кишвар пуршукуҳ мегардад. Марказ соли 1937 бо номи Хонаи пионерони шаҳри Душанбе таъсис ёфта, ду маротиба тағйири ном кардааст: соли 1971 Қасри пионерон ва мактаббачагони ҷумҳурӣ ва аз соли 1996 инҷониб бо номи Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» амал мекунад.

Тайи ҳукмронии давлати шӯравӣ ин боргоҳи илму ҳунар дар таълиму тарбияи кӯдакони соҳибистеъдод корҳои некеро ба анҷом расонид ва дастпарварони он имрӯз ҳам яке аз шахсиятҳои барӯманди илму фарҳанги ҷумҳурӣ дар риштаҳои гуногуни ҷомеа фаъолият мебаранд.

Дар Марказ 56 нафар мутахасисони ботаҷриба бо кӯдакон кору фаъолият мебаранд, ки онҳо ба раёсатҳои таъминоти методӣ, таҳсилот ва кор бо таълимгирандагон, корҳои ташкилӣ-оммавӣ ва шуъбаи кор бо кадрҳо ва коргузорӣ, шуъбаи иттилоот ва нашриёт тақсим шудаанд. Аз ин теъдод 40 нафар омӯзгорони касбу ҳунарҳои гуногун буда, аз онҳо 2 нафар мукофоти давлатӣ, 1 нафар номзади илм, 1 нафар корманди шоиста, 12 нафар аълочии маориф ва 7 нафар аълочии фарҳанги ҷумхурӣ мебошанд.

Маркази кӯдакон ҳамчун макони илму дониш ва мактаби таҷрибаву пажӯҳиш дар байни алоқамандон маҳсуб гашта, бахри амалӣ сохтани донишу маҳорати андӯхтаи хонандагони болаёқат дар риштаҳои гуногун хидмат мегузорад.

Бо шукуҳу шавкати даврони Истиқлолият тарбиятгирандагон имкони васеъи истифода аз маҳфилҳои илмиву ҳунарриро касб менамоянд. Устодони соҳибтаҷриба тадрис ва корҳои лабораториро дар синфхонаҳои барҳаво бо шароити зарурии замонавӣ роҳандозӣ намуда, дар ҳамбастагӣ ва ҳамкории тарафайн бо макотиби таълимии пойтахт ва марказҳои эҷодии кӯдакону наврасони кишвар ва берун аз он амалӣ менамоянд.

Бо мақсади дар амал татбиқ намудани дастуру супоришҳои асосгузори Сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Муассиса маҳфилҳои нав аз қабили «Патрулони сабз», «Маҳорати суханварӣ ва эҷоди наср», «Математикаи шавқовар», «Тарроҳони наврас» ва «Забони хитоӣ» ташкил карда шуд.

Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» ҷиҳати ҷалби бештари кӯдакону наврасон ба маҳфилҳо ҳамасола Рӯзи дарҳои кушодро баргузор менамояд, ки дар ин рӯз кӯдакону наврасон вобаста ба хоҳиш ва завқу шавқашон тибқи дастурамал «Оид ба қабули таълимгирандагон ба Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе»« ба маҳфилҳо номнавис карда мешаванд. Имсол ин чорабинӣ санаи 15 сентябр ташкилу баргузор гардид, ки дар он зиёда аз 400 нафар хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе, волидайни онҳо ва меҳмонон иштирок доштанд.

Дар ҷадвали 10 маҳфилҳо ва шумораи таълимгирандагоне, ки дар соли таҳсили 2023-2024 ба маҳфилҳои Муассиса қабул гардиданд, оварда шудааст.

***Ҷадвали 10. Маълумот оид ба номгӯи маҳфил, аъзоёни маҳфил ва шумораи гурӯҳҳо аз рӯи равия дар муассисаи давлатии “Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе” дар соли таҳсили 2023-2024***

| № | Равияи маҳфил | Шумораи маҳфилҳо | Шумораи гурӯҳ | Аъзои маҳфил |
|---|---|---|---|---|
| 1 | Забономӯзӣ | 4 | 16 | 192 |
| 2 | Ҳунаромӯзӣ | 7 | 35 | 420 |
| 3 | Техникӣ | 1 | 2 | 24 |
| 4 | Варзишӣ- сайёҳӣ | 5 | 18 | 216 |
| 5 | Эҷодӣ-бадеӣ | 8 | 42 | 504 |
| 6 | Гуманитарӣ | 6 | 24 | 288 |
| 7 | Табиии риёзӣ | 4 | 18 | 216 |
| **Ҳамагӣ** | | **35** | **155** | **1860** |




***Диаграммаи 3. Иштироки таълимгирандагони маҳфилҳои Муассиса дар соли таҳсили 2023-2024 вобаста ба соли таҳсили 2022-2023***

Аз диаграммаи дар боло овардашуда маълум мегардад, ки дар соли таҳсили 2023-2024 шумораи таълимгирандагони Муассиса назар ба соли таҳсили 2022-2023 ба 18,7% (аз он ҷумла духтарон 23%) зиёд гардидааст.




***Диаграммаи 4. Нишондиҳандаҳои муқоисавии иштироки таълимгирандагон вобаста ба зинаҳои таҳсилот дар аввали соли таҳсили 2023-2024***

Дар аввали соли таҳсили 2023-2024 шумораи умумии таълимгирандагони Муассиса дар 40 маҳфил (133 гурӯҳ) 1860 нафарро ташкил дод, ки аз ин шумора 62,5% духтарон, 11,8% кӯдакони синни томактабӣ, 22,8% хонандагони синфҳои 1-4 (ибтидоӣ), 46,2% хонандагони синфҳои 5-9 (асосӣ), 19,2% хонандагони синфҳои 10-11 (миёнаи умумӣ) мебошанд.




***Диаграммаи 5. Нишондиҳандаҳои муқоисавии иштироки таълимгирандагон вобаста ба зинаҳои таҳсилот дар давраи таътили зимистонаи соли таҳсили 2023-2024***

Шуруъ аз аввали соли 2024 шумораи таълимгирандагони маҳфилҳои Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе аз ҳисоби ба таътили зимистона баромадани хонандагони муассисаҳои таълимӣ ба 1883 нафар

расид, ки аз ин шумора 62,2%-ро духтарон, 12,2% кӯдакони синни то мактабӣ, 22,8% хонандагони зинаи таҳсилоти ибтидоӣ, 45,9% хонандагони зинаи таҳсилоти асосӣ ва 19,1%-ро хонандагони зинаи таҳсилоти умумӣ ташкил медиҳад.

Хонандагоне, ки ба соҳаи илм ва тадқиқотҳои илмӣ рағбат доранд, метавонанд дар маҳфилҳои забономӯзӣ, ба монанди забони англисӣ ва русӣ, иштирок кунанд. Ин маҳфилҳо на танҳо барои беҳтар кардани дониши забонҳои хориҷӣ, балки барои омода кардани хонандагон ба муҳити тадқиқотии байналмилалӣ низ нақши муҳим мебозанд.

Илова бар ин, хонандагон дар маҳфилҳои технологияи иттилоотӣ, электроника, робототехника, геоэкология, ва кишваршиносии Академияи хурди улум ширкат мекунанд. Ин маҳфилҳо ба рушди малакаҳои техникӣ ва зеҳнии хонандагон, инчунин, ба густариши дониши онҳо дар соҳаҳои илмҳои табиатшиносӣ ва техникӣ мусоидат мекунанд.

Маҳфилҳои Академияи хурди улум ба хонандагон имкон медиҳанд, ки дар муҳити эҷодӣ ва таҳқиқотӣ фаъолона иштирок кунанд, малакаҳои тадқиқотӣ ва таҳлилии худро рушд диҳанд ва ба кашфиёти нав дар соҳаҳои гуногуни илмӣ даст ёбанд. Инчунин, тавассути ин маҳфилҳо, онҳо метавонанд дар озмунҳо ва лоиҳаҳои илмӣ иштирок намуда, таҷриба ва донишҳои худро тақвият диҳанд. Онҳое, ки майли ҳунар омӯхтан доранд, ба маҳфилҳои дӯзандагӣ, попурдӯзӣ, зардӯзӣ, гулдӯзӣ, дастони моҳир аъзо шуда, аз таъриху фарҳанги эҷодии гузаштагонамон сабақ меомӯзанд. Ихлосмандоне, ки ба риштаи фанҳои техникиву технологӣ алоқаманданд, бештар дар маҳфилҳои радиотехника, лоиҳасозӣ ва дуредгарӣ, маҳорату истеъдоди худро рушд медиҳанд.

Маҳфилҳои илмӣ барои андӯхтани донишу таҷрибаи толибилмон тибқи нақшаву барномаҳои таълимӣ маҳфилҳои шеъру сухан, ҷамъомаду конференсияҳои илмӣ ва вохӯриву суҳбатҳои судманд бо аҳли илму фарҳанг таҳия менамоянд. Аз ҷумла, бо мақсади гиромидошти хотираҳои сардафтари адабиёти классикии форсу тоҷик, одамшуаро, Устод Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ва муттафакир, ориф ва шоири бузургу форсу тоҷик Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (Румӣ) маҳфилҳои «Рӯдакихонӣ» ва

«Мавлавихонӣ», бахшида ба 32-солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мизи мудаввар дар мавзуи «Пешрафти соҳаи маориф ва даврони Истиқлолият» силсила-барномаҳои таълимиву тарбиявӣ аз ин қабил барномаҳоеанд, ки толибилмонро дар рӯҳияи ватандӯстиву бедории ҳиссии миллӣ талқин намуда, фарҳанги ибратангези аҷдодони гузаштаро эҳё месозанд.

Бо мақсади рушди донишу фарҳанги техникии хонандагон Марказ давоми соли таҳсил аз дастовардҳои техникии кӯдакони лаёқатманди мактабҳои таҳсилоти умумии пойтахт, дар толор ҳунарҳои бачагони боистеъдодро ба намоиш гузошт. Ин падидаи нек дар байни мактабиён ҳамовозии гарм пайдо намуд ва қариб ҳар моҳ бачагони бомаҳорат аз намунаи ҳунарҳои дастии худ экспонатҳои намоишгоҳро ғанӣ мегардонанд.

Маркази кӯдакон бо тасмими роҳбарони маҳфилҳои эҷодӣ-бадеӣ давоми сол зиёда аз шонздаҳ барномаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ омода намуда, дар чандин вохӯриву семинарҳои алоҳида бо кӯдакон ва шахсони варзида иштирок намуданд. Натиҷаи кори эҷодии кӯдакон ба таҳияи рӯзнома бо номи «Салом оянда» асос гардид. Рӯзноманигорони ҷавони марказ мақолаву маводҳои хонданбобро аз ҳаёти ҳамсолони худ омода карда, дар саҳифаҳои рузнома чоп менамуданд.

Хулоса Марказ давоми солҳои зиёд дар кори рӯзноманигорӣ бо ТВ шабакаи аввал, ТВ «Сафина», ТВ «Душанбе HD» ва ТВБ «Баҳористон» равобити қарин дорад. Хушбахтона хонандагони эҷодкори муассисаҳои таълимии пойтахт тавассути ин тадбирҳо аввалин қадамҳои шогирдонаи худро дар барномаҳои телевизонии ин шабакаҳо оғоз намуда, имрӯз то ба дараҷаи рӯзноманигорони варзида дар миқёси ҷумҳурӣ шинохта шудаанд, ки аз самаранокии кор дар самти тшаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон гувоҳӣ медиҳад.

## 2.3. Чорабиниҳои эҷодиву бадеии муассисаи таҳсилоти иловагӣ ҳамчун муҳити созгори ташаккул ва рушди салоҳияти эҷодкории хонандагон

Чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ бо иштироки хонандагон қисми ҷудонашавандаи раванди таълиму тарбия мебошанд. Чунин чорабиниҳо ба рушди тафаккури эҷодӣ, тахайюлот, дарки эстетикии ҷаҳон ва ба ифодаи қобилиятҳои зеҳниву эҷодӣ мусоидат мекунанд. Онҳо ба хонандагон имкон медиҳанд, ки ба иқтидори зеҳниву эҷодии худро ошкор намоянд, истеъдод ва малакаҳои худро рушд диҳанд ва донишҳои омӯхтаашонро дар амал татбиқ созанд.

Яке аз ҳадафҳои асосии чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон мебошад. Чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ ба хонандагон имконият медиҳанд, ки салоҳиятҳои эҷодкориии худро тавассути фаъолиятҳои гуногун рушд диҳанд. Масалан, дар доираи чорабиниҳои бадеӣ ва фарҳангӣ хонандагон метавонанд нозукиҳои илми санъатро омӯзанд, дар намоишҳои театрӣ иштирок кунанд ва тавассути нақшофарӣ ба эҷодкорӣ машғул гарданд. Ин ба онҳо имкон медиҳад, ки уфуқҳои эҷодии худро васеъ кунанд, дарки эстетикӣ ва тафаккури эҷодиро рушд диҳанд [141, 13].

Инчунин, чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ ба рушди малакаҳои иҷтимоии хонандагон мусоидат мекунанд. Дар ҷараёни ҳамкорӣ дар лоиҳаҳо, хонандагон муоширатат, ҳамкорӣ, қабули қарорҳои дастаҷамъонаро меомӯзанд. Онҳо ба роҳ мондани ҳамкории эҷодиро бо дигар ҳамсолон, муаллимон ва атрофиён меомӯзанд. Инҳо малакаҳои муҳиме мебошанд, ки ба онҳо дар ҳаёт ва фаъолияти касбии оянда кӯмак мерасонанд [49, 33].

Яке аз бартариҳои чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ муносибати инфиродӣ ба ҳар як хонанда мебошад. Дар доираи чунин чорабиниҳо, хонандагон метавонанд қобилият ва истеъдодҳои беназири худро нишон диҳанд. Муаллимон ва роҳбарони чорабиниҳо метавонанд ба ҳар як хонанда дар кашфи қобилятҳои эҷодкорӣ ва рушди пурраи онҳо кӯмак расонанд. Чунин муносибати инфиродӣ ба ҳар як хонанда ба ҳавасмандӣ ва муваффақияти онҳо дар раванди таълим мусоидат мекунад.

Чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ инчунин ба рушди ифодаи хонандагон мусоидат мекунанд. Дар ҷараени фаъолияти эҷодкорӣ онҳо соҳиби малакаҳое мегарданд, ки метавонанд озодона фикрҳо, ҳиссиёт, ғояҳои худро баён кунанд ва натиҷаи эҷодиёти худро бубинанд. Ин ба онҳо кӯмак мекунад, ки эътимод ба худ, худбаҳодиҳӣ ва баҳодиҳии худро рушд диҳанд. Чунин малакаҳо барои онҳо на танҳо дар раванди таълим, балки дар тамоми соҳаҳои ҳаёт низ муфид хоҳанд буд.

Чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ инчунин ба рушди тафаккури интиқодии хонандагон мусоидат мекунанд. Онҳо таҳлил ва арзёбии асарҳои санъатро меомӯзанд, андешаҳои худро таҳия мекунанд ва онро баҳс мекунанд. Чунин малакаи тафаккури интиқодӣ дар ҷомеаи имрӯза муҳим аст, ки дар он ҷо таҳлили иттилоот, фарқ кардани далелҳо аз гумонҳо ва қабули қарорҳои огоҳона зарур аст.

Фаъолиятҳои эҷодӣ ва бадеӣ инчунин ба рушди қобилиятҳои инноватсионӣ ва ташаккули маҳорати ҳалли мушкилот мусоидат мекунанд. Иштирок дар лоиҳаҳои эҷодӣ аз кӯдакон ва ҷавонон талаб мекунад, ки ғояҳои навро барои ҳалли мушкилот ва ё рафъи мушкилот ҷустуҷӯ кунанд. Онҳо таҳлили вазъиятро меомӯзанд, роҳҳои ҳалли ғайримуқаррариро пайдо мекунанд ва ба ҳалли мушкилот равишҳои эҷодӣ медиҳанд.

Ҳамин тариқ, чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон нақши назаррас доранд. Онҳо ба рушди тафаккури эҷодӣ, дарки эстетикии ҷаҳон, малакаҳои иҷтимоӣ, баёни ақида ва тафаккури интиқодӣ мусоидат мекунанд. Чунин чорабиниҳо ба хонандагон имконият медиҳанд, ки ба потенсиали худро ошкор созанд, истеъдод ва малакаҳои худро рушд диҳанд ва донишҳои омӯхтаашонро дар амал татбиқ кунанд. Онҳо ба хонандагон кӯмак мекунанд, ки дар ҷомеаи муосир ҳамчун шахсияти комили эҷодкор ва муваффақ бошанд.

Ташкил ва баргузории чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ барои ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон муҳити мусоид фароҳам меоранд. Ташкили чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ хусусиятҳои худро дорад. Аввалан, чунин чорабиниҳо бояд дар шакли фаъолияти лоиҳавӣ ташкил

карда шаванд ба манфиат хоҳанд буд, чунки дар он хонандагон дар банақшагирӣ, ташкил ва татбиқи лоиҳа фаъолона иштирок мекунанд. Ин ба онҳо кӯмак мекунад, ки малакаҳои худтанзимкунӣ, кори дастаҷамъона, қабули қарорҳо ва масъулиятро барои амалҳои худ рушд диҳанд [92, 33].

Дуюм, чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ бояд ба рушди фардияти ҳар як хонанда  равона карда шаванд. Иштирок дар чунин чорабиниҳо ба хонандагон имкон медиҳад, ки қобилиятҳои нуҳуфтаи эҷодии  худро кашф кунанд, қобилият ва истеъдодҳои беназири худро нишон диҳанд. Барои ҳар як хонанда барои ташаккулёбӣ ва рушди салоҳиятҳои эҷодкорӣ шароит фароҳам оварда,  манфиатҳо ва ҳавасмандии онҳоро ба эҷодкорӣ нигоҳ доштан муҳим аст [30].

Сеюм, чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ бояд гуногунҷанба ва бисерсоҳавӣ бошанд. Ин маънои онро дорад, ки онҳо бояд намудҳои гуногуни фаъолиятро дар бар гиранд ва ба хонандагон имконият диҳанд, ки чизеро, ки ба онҳо наздиктар ва ҷолибтар аст, интихоб кунанд. Ин равиш ба хонандагон имкон медиҳад, ки салоҳият ва қобилиятҳои гуногуни эҷодкориро рушд диҳанд.

Чорабиниҳои эҷодӣ ва бадеӣ дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ инчунин ба ташаккули салоҳиятҳои эҷодӣ дар хонандагон, аз қабили тафаккури интиқодӣ, маҳорати ҳалли мушкилот, малакаҳои муошират, қобилиятҳои таҳлилӣ ва ғайра мусоидат мекунанд. Иштирок дар чунин чорабиниҳо аз хонандагон таҳлил, муқоиса, арзёбӣ ва таҳияи қарорҳои худро талаб мекунад, ки ба рушди малакаҳои фикрӣ ва муоширати онҳо мусоидат мекунад. Ҳамаи ин чунин чорабиниҳоро ҷузъи муҳими муҳити ҳамоҳангшудаи ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон мегардонад.

Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳадафҳои муҳимро дар самти таҳсилоти иловагӣ пешбинӣ мекунад. Яке аз ҳадафҳои асосии ин стратегия рушди қобилиятҳо, рушди зеҳнӣ, таъмини шуғл ва беҳтар намудани некуаҳволии шаҳрвандони кишвар мебошад.

Дар доираи ин стратегия, самти таҳсилоти иловагӣ бо таваҷҷуҳ ба татбиқи шаклҳо, методҳо ва технологияҳои нави ҷараёни таълим мушаххас шудааст. Ин равишҳо ба баланд бардоштани рақобатпазирии муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ мусоидат мекунанд. Стратегия ба дастгирии ташаббусҳои наврасон ва ҷавонон диққати махсус медиҳад ва механизмҳои амалӣ намудани инноватсия, навҷӯиву навовариҳои босамарро ташаккул медиҳад. Ҳамчунин, баргузории озмунҳо, мусобиқаҳо ва олимпиадаҳои оммавӣ ҳамчун воситаҳои рушди қобилиятҳои эҷодӣ ва зеҳнии наврасон муайян гардидаанд, ки бояд зина ба зина дар амал татбиқ гарданд. [147].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон гузариш аз низоми анъанавӣ ба сӯи муносибати босалоҳият ба таълим бо мақсади рушди маҳорати мустақилона, истифодаи самараноки донишҳо дар амалия ва ҳаёти ҳаррӯза равона шудааст. Ин тағйирот на танҳо ба азбар намудани донишҳои тоза, балки ба ташаккули қобилият ва малакаҳои амалӣ, ки дар фаъолияти ҳаррӯзаи хонандагон татбиқ мешаванд, асос ёфтааст. Дар ин раванд, нақши асосӣ ба истифодаи технологияи гуногуни таълимӣ дода мешавад, ки онҳо барои фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои рушди тафаккури эҷодии хонандагон ва ба дархӯрии ниёзҳои онҳо мусоидат мекунанд. Ин технологияҳо хонандагонро ташвиқ мекунанд, ки фаъолона дар раванди омӯзиш ширкат варзанд ва дарки донишҳоро на танҳо дар шакли назариявӣ, балки дар шакли амалӣ низ мустаҳкам намоянд.

Дар доираи ин равиши таълимӣ, Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе диққати махсусро ба рушди қобилиятҳои эҷодии таълимгирандагон равона кардааст. Дар сохтори ин муассиса, Раёсати корҳои фарҳангӣ-оммавӣ ҳамчун як сохтори муҳим фаъолият мекунад. Раёсати мазкур масъулияти ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои бадеӣ ва эҷодиро ба зимма дорад. Ин чорабиниҳо на танҳо барои инкишофи малакаҳои эҷодии кӯдакон, балки барои ташкили фазои мусоиди фарҳангӣ ва маърифатӣ хизмат мекунанд.

Раёсати корҳои фарҳангӣ-оммавӣ чорабиниҳои иттилоотӣ, методӣ, фарҳангӣ ва равшаннамоиро дар Марказ ташкил ва баргузор мекунад. Ин фаъолияти гуногунҷабҳа ба тарбияи қобилиятҳои эҷодии кӯдакон равона

шудааст ва онҳоро барои иштироки фаъол дар ҳаёти фарҳангии ҷомеа омода месозад. Ин равишҳо ба эҷоди муҳити фарҳангӣ ва таълимӣ мусоидат мекунанд, ки дар он ҳар як хонанда метавонад қобилиятҳои эҷодии худро ба таври амалӣ нишон диҳад ва рушд диҳад.

«Маҳз фаъолияти эҷодии инсон аст, ки ӯро ҳастӣ мебахшад, ба оянда рӯбарӯ мекунад, ҳаёти ӯро дигаргун месозад... Тахайюлот ҳамчун асоси ҳама гуна фаъолияти эҷодӣ дар ҳалли тамоми самтҳои ҳаёти фарҳангӣ баробар зоҳир гардида, эҷодиёти бадеӣ ва илмию техникиро имконпазир мегардонад»,- гуфтааст педагоги маъруф Л.С. Виготский дар китоби худ «Тахайюлот ва эҷодкорӣ дар айёми кӯдакӣ» [26, 102]. Ҳамин тариқ, мо метавонем ба кӯдак тавассути ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои бадеӣ ва эҷодкорӣ на танҳо барои омӯхтани олами атроф такон бахшем, балки ӯро ҳамчун шахси қодир ба рушди ҷомеа дар оянда дар ҳалли вазифаҳое, ки аз ҷониби давлат ба миён гузошта мешаванд, тарбия намоем.

Ташаккули маҳорати эҷодии хонандагон тавассути чорабиниҳои бадеӣ ва эҷодӣ дар Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе яке аз муҳимтарин вазифаҳои ин муассиса ба шумор меравад. Ин раванд на танҳо ба омӯзиши малакаҳои муайян маҳдуд намешавад, балки ташаккули шахсияти эҷодкорро дар мадди аввал мегузорад. Дарки аҳамияти ин масъала дар он аст, ки танҳо тавассути ташаккули маҳорати эҷодӣ метавон кӯдаконро ба озодандешӣ, мустақилона қабул намудани қарорҳо ва эътимод ба худ роҳнамоӣ кард. Равоншиносон борҳо таъкид кардаанд, ки хусусиятҳои равонии инсон, ки зеҳн ва муҳити маънавии ӯро ташкил медиҳанд, дар даврони кӯдакӣ ба вуҷуд омада, ташаккул меёбанд. Аз ин рӯ, масъулияти омӯзгорон ва роҳбарони маҳфилҳо дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ хеле муҳим аст. Онҳо бояд кӯдаконро тавассути чорабиниҳои бадеӣ ва эҷодӣ ҳавасманд гардонида, имкониятҳои салоҳиятҳои эҷодкории онҳоро инкишоф диҳанд. Аз ин рӯ, дар назди омӯзгорон ва роҳбарони маҳфилҳои муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ вазифаи ташаккул додани имконияти салоҳиятҳои эҷодкорииии хонандагон тавассути баргузор намудани чорабиниҳои баедӣ ва эҷодӣ дар мадди аввал меистад, ки мо инро дар

мисоли якчанд чорабиниҳои оммавие, ки дар Марказ доимоамалкунанда ташкил карда мешаванд, дида мебароем.

***Фестивали байналмилалии эҷодиётибадеши кӯдакон ва наврасони кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил «Шукуфаҳои пойтахт»***

Фестивали байналмилалии «Шукуфаҳои пойтахт» як ҳамоиши маърифативу фарҳангӣ мебошад, ки ба кӯдакону наврасони соҳибистеъдод бахшида шудааст. Ин фестивал бо мақсади фароҳам овардани шароити эҷодии дӯстона миёни насли наврас ташкил мегардад ва пайравӣ ба сиёсати маърифатпарваронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад.

Фестивал бо ҳадафи таҳким бахшидани муносибатҳои дӯстона байни кӯдакон ва наврасони соҳибистеъдод, омӯзиш ва арҷгузорӣ ба таъриху фарҳанг, адабиёту санъат ва тамаддуни ҳамдигарӣ баргузор мешавад. Ин чорабинӣ инчунин барои рушди эҷодиёти мусиқиву бадеии насли наврас ва муаррифӣ намудани Душанбе ҳамчун шаҳри дорои имкониятҳои рушди кӯдакон мусоидат мекунад.

Дар баробари ин, Фестивал – озмуни истеъдодҳои навраси шаҳри Душанбе «Шукуфаҳои пойтахт» бо мақсади дарёфт ва ҳавасманд гардонидани кӯдакону наврасони соҳибистеъдод ва мусоидат дар рушди маънавию зеҳнии онҳо баргузор мегардад. Ин озмун инчунин ба фароҳам овардани шароит ҷиҳати такомул додани завқу истеъдод, тарбияи фарҳангиву эстетикӣ, ҷалб намудани насли наврас ба корҳои эҷодиву ҳунарӣ ва фарогирии онҳо дар вақти холигӣ ба корҳои муфид равона шудааст.

Фестивали мазкур ҳар сол моҳҳои феврал – майи дар се давра, байни хонандагони синфҳои 1 - 9 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ аз рӯйи шартҳои «Ровиён», «Суруди якка», «Рақси якка», «Рақси гурӯҳӣ», «Хорсароӣ», «Навозандагӣ», «Маҳорати актёрӣ» ва ғайра доир гардида, танҳо дар соли 2022 тибқи маълумот дар маҷмуъ дар он зиёда аз 1000 нафар ширкат варзиданд. Ба даври шаҳрии Фестивал - озмун бошад, наздики 200 нафар роҳхат гирифта, пас аз ҳунарнамоӣ назди ҳайати ҳакамон 17 навраси

соҳибистеъдод ва 9 ансамблу гурӯҳҳои худфаъолияти эҷодии назди муассисаҳои таълимӣ соҳиби ҷойҳои ифтихорӣ гардиданд.

«Фестивали II байналмилалии эҷодиёти бадеии кӯдакон ва наврасон «Шукуфаҳои пойтахт» як ҳамоиши муҳими фарҳангӣ ва эҷодӣ буд, ки бо ташаббуси Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ва сарпарастии бевоситаи Раиси шаҳри Душанбе мухтарам Рустами Эмомалӣ ташкил ва баргузор гардид. Дар ин фестивал ҳайатҳои эҷодии кӯдакону наврасон аз шаҳрҳои Москваи Федератсияи Россия, Ташкент ва Нукуси Ҷумҳурии Узбекистон, Алмаатои Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҳиндустон, наврасони соҳибистеъдоди Афғонистон, инчунин аз вилоятҳои Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Суғду Хатлон, шаҳрҳои Душанбе ва Турсунзодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат варзиданд.

Ин кӯдакону наврасон аз марказҳои эҷодиву таҳсилоти иловагӣ ва студияву ансамблҳои бачагона буданд ва ҳунарнамоии онҳо дар бахшҳои рақсу овозхонӣ ва навозандагӣ дар саҳнаҳои бузурги муассисаҳои фарҳангии пойтахт баргузор шуд. Фестивал ҳамчун як платформаи муҳими байналмилалӣ барои ташаккул ва рушди истеъдодҳои наврасон, инчунин муаррифии фарҳангу санъати кишварҳо дар як муҳити дӯстона ва эҷодӣ хизмат кард.

Бояд қайд намуд, ки шумораи умумии иштирокдорони Фестивал зиёда аз 300 нафарро ташкил дода, майдони он имкон дод, ки насли наврас дар баробари пешниҳоди ҳунару истеъоди хеш, дар замиру ботини худ хислатҳои ҳамидаи инсонӣ, аз ҷумла дӯстиву бародариро афзун намоянд.

Ҳамзамон иштирокдорони чорабинии мазкур, дар баробари ширкат дар бахшҳои озмунии Фестивал, инчунин аз боғҳои истироҳативу фароғатӣ, осорхонаҳо ва дигар муассисаҳои фарҳангиву фароғатии пойтахт дидан намуданд. Дар қисмати фарҳангии чорабинӣ таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, студия ва ансамблҳои бачагона ва наврасони эҷодкору соҳибистеъдоди шаҳри Душанбе бо барномаи рангини консертӣ баромад намуданд.

Фестивали III байналмилалии «Истеъдодҳои наврас» ҳамоиши маърифативу фарҳангии кӯдакону наврасон буда, он дар доираи Нақшаи

кори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе барои соли 2023 тибқи қарори Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз 10 майи соли 2023, таҳти №247 «Дар бораи ташкил ва баргузории Фестивали III байналмилалии эҷодиёти бадеии кӯдакон ва наврасон таҳти унвони «Истеъдодҳои наврас» аз 26 то 30 июни соли ҷорӣ дар арафаи Рӯзи Ваҳдати миллӣ баргузор гардид.

Дар Озмуни мазкур ҳайатҳои эҷодии кӯдакону наврасон аз шаҳрҳои Екатеринбурги Федератсияи Россия, Ташкент, Нукус ва Намангони Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ашхободи Ҷумҳурии Туркманистон, Туркия, Покистон, Ҳиндустон, наврасони соҳибистеъдоди Афғонистон, вилоятҳои Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, Суғду Хатлон, шаҳрҳои Душанбе ва Турсунзодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок ва ҳунарнамоӣ намуданд. Тибқи барномаи Фестивал Озмуни байналмилалии эҷодиёти мусиқии кӯдакон аз рӯйи номинатсияҳои вокал, хореография ва навозандагӣ баргузор гардид.

Ба ҳунару маҳорати иштирокчиёни Озмун арбобони шоистаи санъати тоҷик – ҳунармандони шинохтаи кишвар ҳамчун ҳайати ҳакамон баҳогузорӣ намуданд. Ғолибони Озмун дар маросими ҷамъбасти Фестивали III байналмилалии эҷодиёти бадеии кӯдакон ва наврасон «Истеъдодҳои наврас» (29.06.2023) қадрдонӣ карда шуданд. Тибқи барномаи Фестивали III байналмилалии эҷодиёти бадеии кӯдакон ва наврасон «Истеъдодҳои наврас» иштирокчиёни он аз шаҳри Нораки вилояти Хатлон боздид намуда, НБО-и «Норак», Боғи «Анор», Осорхонаи шаҳрӣ ва дигар мавзеъҳои тамошобоби ин минтақаи зебоманзари кишварамонро саёҳат намуданд.

***Озмуни шаҳрии «Ту қалби Тоҷикистонӣ, Душанбе»***

Озмуни шаҳрии «Ту қалби Тоҷикистонӣ, Душанбе» бо мақсади баланд бардоштани завқи бадеӣ, неруи зеҳнӣ, дарёфт ва муаррифии чеҳраҳои нави суханвару сухандони дорои маҳорати баланди ровигию наттоқӣ, сарояндагию овозхонӣ, баланд бардоштани маҳорати иҷрокунандагӣ, ташаккули истеъдод ва ҳунари наврасон дар ин самтҳо, инчунин фароҳам овардани шароити мусоиди эҷод ва пешниҳоди шеър ва сурудҳои таҷассумкунандаи марҳилаи нави ободкориву созандагӣ ва рушди

бемайлони пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе ва дар ин замина  эҳтиром гузоштан ба таъриху фарҳанги миллӣ, таҳкими эҳсоси худогоҳию худшиносӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои соҳибистиқлолии милливу давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо роҳбарии Раиси шаҳри Душанбе ва сарпарастии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе  дар се давр: даври якум моҳҳои сентябр - октябр дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, даври дуюм нимаи дуюми моҳи октябр дар сатҳи ноҳияҳо ва даври сеюм (шаҳрӣ - асосӣ) моҳи ноябр дар Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе ташкил ва баргузор мегарданд.

Озмуни мазкур аз рӯйи номинатсияҳои эҷоди шеъри беҳтарин, қироати беҳтарини шеър, иҷрои суруди беҳтарин, иҷрои суруди беҳтарини гурӯҳӣ дар васфи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон - шаҳри Душанбе таҳти назорати Сарраёсати маорифи шаҳри Душанбе аз тарафи Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» дар ҳамкорӣ бо Иттифоқи навискандагони Тоҷикистон, Иттифоқи композиторони Тоҷикистон ва дигар ташкилоту созмонҳои эҷодӣ гузаронида шуд. Дар ҳар як давр вобаста ба ҳар як номинатсия то 3 ғолиб  (ҷойи якум – 1 нафар, ҷойи дуюм –  1 нафар ва ҷойи сеюм –  1 нафарӣ) муайян шуда буд.

Озмуни мазкур, ки дар он гуногунандешӣ ва эҷодкорӣ бо ҳам омезиш меёбад, як платформаи муҳими фарогир аст, ки ба хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ, ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ, инчунин таълимгирандагони муассисаҳои таҳсилоти иловагии соҳаи маориф, санъат ва мусиқии шаҳри Душанбе имкони иштирок медиҳад. Ин чорабинӣ новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии муассисаҳо, ба ҳама табақаҳои ҷомеа имконият медиҳад, ки истеъдоди худро нишон диҳанд ва бо дигарон дар муҳити эҷодӣ ҳамкорӣ намоянд.

Дар ин озмун, на танҳо хонандагон, балки омӯзгорон, эҷодкорони касбӣ ва ҳаваскорон, инчунин намояндагони дигар қишрҳои ҷомеа, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе зиндагӣ, кору фаъолият ва эҷод мекунанд, иштирок карданд. Ин чорабинӣ на танҳо як майдони рақобат, балки як макони мубодилаи таҷриба ва илҳом бахшидан ба якдигар мебошад. Ҳамкорӣ ва муошират дар ин муҳит ба таҳкими муносибатҳои байни наслҳо, ба воя

расонидани эҳтиром ба арзишҳои фарҳангӣ ва ба даст овардани таҷрибаи нав мусоидат мекунанд. Ин раванд ба ҳамдигарфаҳмӣ ва ҳамкории эҷодии тамоми иштирокчиён асос меёбад ва як қадами муҳим дар рушди ҷомеаи фарҳангпарвар ва созанда мебошад.

Даври якуми озмун дар миёни қишрҳои ҷомеа ба таври оммавӣ баргузор гардида, дар даври дуюми (ноҳиявӣ) он 1278 нафар иштирок доштанд. Аз онҳо 160 нафар довталаб ба даври шаҳрӣ роҳхат пайдо намуда, 158 нафарашон (98,75%) дар сабқати ниҳоӣ ширкат варзиданд.

Номинатсияи «Эҷоди шеъри беҳтарин дар васфи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе» - пешниҳоди шеър, достон, рубоӣ, дубайтӣ, ғазал ва ғайра дар васфи шаҳри Душанбе бо дарназардошти тасвири марҳилаи ободкориву созандагӣ ва бунёдкорӣ дар пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар пешрафт ва шукуфоии пойтахт, инъикоси ҳаёти иҷтимоиву фарҳангӣ ва маърифатии шаҳри Душанбе, тавсифи шаҳри Душанбе ба сифати пойтахти Тоҷикистони соҳибистиқлол, зодгоҳ, шаҳри наврасиву ҷавонӣ, шаҳри сулҳу ваҳдат, шаҳри сайёҳӣ, шаҳри сарзабзу ҳамешабаҳор, инчунин даъват намудан ба боз ҳам обод гардонидани пойтахт ва ҳифзу нигаҳдошти ёдгорӣ, кӯчаву хиёбон ва гулгаштҳои сарсабзи он аз ҷониби наврасону ҷавононро дар бар мегирифт. Дар ин номинатсия пешниҳоди тақриз ба ҳар як шеъри пешниҳодгардида аз ҷониби узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ҳатмӣ буд.

Барои иштирок дар ин номинатсия довталабон шеърҳои эҷоднамудаи худро бо замимаи тақриз, қаблан тибқи муҳлатҳои дар ҳамин низомнома муқарраргардида пешниҳод намуда, онҳоро дар вақти озмун дар назди ҳайати ҳакамон ба таври шифоҳӣ қироат ва шарҳу тавзеҳ медоданд.Пешниҳоди ҳаҷм ва шаклҳои шеърӣ барои иштирок дар озмун бемаҳдуд буд. Ҳамчунин дар ин номинатсия довталабон бояд шеърҳое манзур менамуданд, ки ба дигар озмунҳо пешниҳод накардаанд.

Дар номинатсияи «Эҷоди шеъри беҳтарин дар васфи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе» – 40 нафар: аз инҳо

иштирокчиёни 11 – 17 сола  14 нафар, иштирокчиёни аз 18 сола боло 16 нафар ва эҷодкорони касбӣ  10 нафар буданд. Ҳамин тавр, аз се табақаи синну сол се нафарӣ ҷамъ 9 нафар ғолиб омаданд. Инҳо иштирокчиёни аз 11 сола то 17 сола: хонандаи МТМУ №98-и ноҳияи Сино Нозанини Шуҳрат сазовори ҷойи 1, намояндаи МТМУ №89-и ноҳияи Сино Назарзода Анушервон ҷойи 2 ва таълимгирандаи МТМУ №44-и ноҳияи И. Сомонӣ Нозияи Сафархон ҷойи 3-юм гардиданд.

Номинатсияи *«Қироати беҳтарини шеър дар васфи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе»* қироати ифоданок ва таъсирбахши шеърро бо риояи қоидаҳои талаффузи дурусти калимаву ибора ва оҳангнокии онро талаб мекард. Шеърҳои дар ин номинатсия пешниҳодшуда низ дар васфи шаҳри Душанбе бо дарназардошти пешрафт дар самтҳои гуногун, ободиву бунёдкорӣ қироъат карда шуданд. Барои иштирок дар ин номинатсия довталабон шеърҳои интихобнамудаашонро бо замимаи тақризи омӯзгори фанни забон ва ададбиёти тоҷики муассисаи таълимӣ, қаблан тибқи мухлатҳои дар ҳамин низомнома муқарраргардида бо ишораи муаллифони онҳо пешниҳод намуда, дар вақти озмун дар назди ҳайати ҳакамон ба таври шифоҳӣ баромад намуда, онҳоро инчунин шарҳу тавзеҳ доданд.

Қироати шеърҳо дар ин номинатсия аз ҷониби довталабон бемаҳдуд буд. Ҳамин тавр, дар номинатсияи болозикр – 48 нафар: иштирокчиёни 11 – 17 сола  25 нафар, иштирокчиёни аз 18 сола боло  15 нафар ва эҷодкорони касбӣ 8 нафар баромад намуда, аз инҳо 9 нафар ғолиб дониста шуданд. Иштирокчиёни аз 11 сола то 17 сола хонандаи МТМУ №133-и ноҳияи Сино Абдуқодириён Шодмеҳр ҷойи 1, хонандаи МТМУ №16-и ноҳияи Шоҳмансур ҷойи 2 ва шогирди МТМУ №18-и ноҳияи Фирдавсӣ Абдураҳмонова Дилноза ҷойи 3-юмро гирифтанд.

Дар номинатсияи *«Иҷрои суруди беҳтарин дар васфи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе»* - пешниҳоди суруд (иҷроиши якка, дуэт, трио, квартет) дар васфи шаҳри Душанбе ба таври зинда сурат гирифта, оҳанги он бо истифода аз фонограмма ҳам иҷро карда шуд.

Довталабон барои иштирок дар ин номинатсия сурудҳоро дар жанрҳои гуногун иҷро намуданд. Ба пешниҳоди сурудҳои тозаэҷод бартарият дода шуд. Дар иҷрои ин номинатся маҳорати овозхонӣ, талаффузи бурро, тарзи баён, нафаси равон, диапазони васеи овоз, тақсимбандии дурусти ҳиҷоҳо, саҳназебӣ, либоси саҳнавӣ, одоб ва ҳаракати саҳнавӣ, ҷалби шунаванда ва самимияти сарояндагӣ ба эътибор гирифта шуд.

Ниҳоят дар ин номинатсия 43 нафар ҳунарнамоӣ карда, аз инҳо иштирокчиёни аз 11 то 17 сола 17 нафар, иштирокчиёни аз 18 сола боло 19 нафар, эҷодкорони касбӣ 7 нафар буданд ва дар ин бахш ҳам 9 нафар ғолиб дониста шуд. Иштирокчиёни аз 11 сола то 17 сола: хонандаи МД МКН. Душанбе, аз ноҳияи И.Сомонӣ Каримов Зубайр сазовори ҷойи 1, хонандаи Гимназияи ба номи А. Ғуломов МД МКН. Душанбе, аз ноҳияи И.Сомонӣ Раҷабов Муҳаммадҷон ҷойи 2 ва шогирди Мактаби мусиқии ба номи М. Атоев аз ноҳияи Сино Зокиров Билол ҷойи 3-юм гардиданд.

Мувофиқи низомномаи озмуни мавриди назар дар Номинатсияи «Иҷрои суруди беҳтарини гурӯҳӣ дар васфи пойтахти Ҷумҳурии Тоҷикистон – шаҳри Душанбе» дар пешниҳоди суруди гурӯҳӣ дар иҷрои ансамбл (новобаста аз жанр) ё ҳамасароён (хор) дар васфи шаҳри Душанбе ҳайати иҷрокунандагон набояд аз 5 кам ва аз 30 нафар зиёд иборат бошанд. Иҷроиши суруди гуруҳӣ ба таври зинда сурат гирифта, оҳанги он бо истифода аз фонограмма ҳам иҷро карда шуд. Ба пешниҳоди сурудҳои тозаэҷод бартарият доданд. Дар иҷрои ин номинатсия маҳорати овозхонӣ, талаффузи бурро, тарзи баён, нафаси равон, диапазони васеи овоз, тақсимбандии дурусти ҳиҷоҳо, саҳназебӣ, либоси саҳнавӣ, одоб ва ҳаракати саҳнавӣ, ҷалби шунаванда, самимияти сарояндагӣ ва риояи талаботи овозхонии гурӯҳӣ (ансамбл) ва академӣ ба эътибор гирифта шуданд.

Аз 27 нафар иштирокчӣ синни 11 – 17 сола 14 нафар, аз 18 сола боло 6 нафар, эҷодкорони касбӣ 7 нафар иштирок намуда, ниҳоят 6 нафар ғолиб ҳисобида шуданд. Инҳо иштирокчиёни аз 11 сола то 17 сола гурӯҳи «Ҳамсароён»-и Мактаби мусиқии ба номи З. Шаҳидӣ аз ноҳияи И Сомонӣ

ба зинаи 2 ва гурӯҳи «Ҳамсароён»-и Мактаби мусиқии ба номи М. Атоев аз ноҳияи Сино ба зинаи 3-юм соҳибӣ карданд.

***Озмуни шаҳрии «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм»***

Озмуни шаҳрии «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм» яке аз муҳимтарин чорабиниҳои илмӣ ва таълимӣ дар шаҳри Душанбе ба ҳисоб меравад. Ин озмун таҳти сарпарастии бевоситаи Раиси шаҳри Душанбе баргузор мегардад ва дар доираи амалисозии «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» ташкил шудааст. Ҳадафи аслии ин озмун тарғиби тафаккури техникӣ ва густариши ҷаҳонбинии илмии хонандагон мебошад, ки ба рушди қобилиятҳои наврасон дар соҳаи илм ва технология мусоидат мекунад.

Ҳадафҳо ва вазифаҳои озмун: Озмуни «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм» бо мақсади фароҳам овардани шароит барои рушди тафаккури техникӣ, ихтироъкорӣ ва навоварӣ дар миёни хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ баргузор мегардад. Ин озмун на танҳо ба омӯзиши амиқи фанҳои риёзӣ, дақиқ ва табиӣ равона шудааст, балки он ҳадафи тавсеаи имкониятҳои наврасонро дар самти техника ва технология, инчунин пайвастани илм бо истеҳсолот дар назар дорад.

Озмун барои ҷалби хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ба омӯзиши амиқи фанҳои зикршуда ва дарёфт намудани истеъдодҳои нав, инчунин мусоидат ба интихоби касбу ихтисосҳои алоқаманд ба фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ кӯмак мерасонад. Иштирок дар чунин озмунҳо ба наврасон имконият медиҳад, ки ҷаҳонбинии илмии худро васеъ намоянд ва ба роҳи интихоби дурусти касбӣ роҳандозӣ шаванд.

Ширкаткунандагон ва шартҳои озмун: Озмун махсус барои хонандагони синфҳои 9 – 11 муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе ташкил шуда, дар он иштирокчиён вобаста ба фанҳои математика (арифметика, алгебра, геометрия), физика (астрономия), химия, биология (ботаника, зоология, анатомия), география ва технологияи иттилоотӣ ширкат мекунанд. Ҳар як иштирокчӣ метавонад вобаста ба завқ ва дониши худ дар як ё якчанд фанни мазкур ширкат варзад.

Мусобиқа дар ду шарт, яъне назариявӣ ва амалӣ баргузор мегардад. Дар шарти назариявӣ, хонандагон бояд дониши худро дар фанҳои зикршуда тавассути корҳои хаттӣ ва тестӣ нишон диҳанд. Дар шарти амалӣ, иштирокчиён бояд лоиҳаҳо ва корҳои эҷодии худро дар номинатсияҳои гуногун, аз ҷумла барномасозӣ, меъморӣ, моделсозӣ, радиоэлектроника, робототехника, сайёҳӣ – кишваршиносӣ ва табиатшиносӣ муаррифӣ намоянд.

Натиҷаҳои озмун ва аҳамияти он: Номинатсияҳо ба иштирокчиён имкон медиҳанд, ки дониши назариявӣ ва малакаҳои амалии худро дар самтҳои гуногуни илм ва технология нишон диҳанд. Иштирок дар чунин озмунҳо ба хонандагон имконият медиҳад, ки малакаҳои илмии худро санҷанд, таҷрибаи нави амалиро омӯзанд ва дар ин замина ба рушди илм ва технология мусоидат кунанд.

Дар ниҳоят, озмуни «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм» на танҳо ба наврасон дар рушди тафаккури техникӣ ва ҷаҳонбинии илмӣ кӯмак мерасонад, балки инчунин онҳоро барои оянда ҳамчун олимон, муҳандисон ва ихтироъкорони созанда омода мекунад. Иштирок дар ин озмун дар оянда ба онҳо дар интихоби дурусти касбу ихтисосҳои ба илм ва технология алоқаманд кумак хоҳад кард, ки барои пешрафти ҷомеа ва рушди миллӣ аҳамияти бузург дорад.

Озмуни шаҳрии «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм» дар шаҳри Душанбе як платформаи нодир барои рушди истеъдодҳо ва дастгирии иқдомҳои эҷодӣ ва илмии наврасон мебошад. Иштирокчиёни ин озмун донишу маҳорати худро дар фанҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ тавассути санҷишҳои назариявӣ ва амалӣ ба намоиш мегузоранд.

**Санҷиши назариявӣ**

Дар ин марҳила, довталабон аз фанҳои математика (арифметика, алгебра, геометрия), физика (астрономия), химия, биология (ботаника, зоология, анатомия), география ва технологияи иттилоотӣ вобаста ба барномаҳои таълимӣ корҳои хаттӣ ва тестӣ месупоранд. Ин санҷишҳо барои муайян кардани дониши назариявии иштирокчиён ва малакаҳои онҳо дар ҳалли масъалаҳои мушаххас равона шудаанд.

**Санҷиши корҳои амалӣ**

Марҳилаи асосии озмун санҷиши корҳои амалӣ мебошад, ки дар он довталабон бояд лоиҳаҳои эҷодии дорои хусусиятҳои ихтироъкорӣ ва навовариро пешниҳод, муаррифӣ ва ҳимоя намоянд. Ин лоиҳаҳо бояд нишондиҳандаи тавоноии онҳо дар истифодаи донишҳои назариявӣ ва татбиқи онҳо дар амал бошад.

**Номинатсияҳо барои санҷиши амалӣ**

Дар ин марҳила, довталабон метавонанд вобаста ба шавқу ҳавас ва малакаҳои худ дар яке аз номинатсияҳои зерин иштирок кунанд:

- **Барномасозӣ:** Иштирокчиён метавонанд барномаҳои нави компютериро, ки барои истифода дар соҳаҳои гуногун таҳия кардаанд, пешниҳод кунанд. Ин барномаҳо бояд дорои хусусиятҳои навоварӣ ва истифодаи амалии васеъ бошанд.
- **Меъморӣ:** Довталабон макетҳои бинову иншооти нави таъиноти гуногунро бо дарназардошти риояи меъёрҳои меъморӣ месозанд ва пешниҳод мекунанд.
- **Моделсозӣ:** Иштирокчиён моделҳои ҳаҷман хурдро аз рӯйи шакли воқеии объектҳои мавҷуда месозанд ва хусусиятҳои сохти онро таҳлил мекунанд.
- **Радиоэлектроника:** Довталабон дастгоҳ ё таҷҳизоти худсохтро барои таҷриба дар соҳаи ирсол, қабул ва табдили информатсия бо истифодаи энергияи электромагнитӣ ва дигар технологияҳо пешниҳод менамоянд.
- **Робототехника:** Иштирокчиён моделҳои техникаҳои маишии автоматикунонидашуда ё дигар таҷҳизотро, ки дорои хусусиятҳои навоварӣ мебошанд, пешниҳод мекунанд.
- **Сайёҳӣ – кишваршиносӣ:** Довталабон харитаҳои нави сайёҳӣ, барномаҳои компютерӣ барои муаррифии имкониятҳои сайёҳии Тоҷикистон ё корҳои мустақилонаи саҳроиро дар бораи минтақаҳои Тоҷикистон пешниҳод мекунанд.
- **Табиатшиносӣ:** Довталабон корҳои тадқиқотӣ ва таҷрибаҳои мустақилонаи худро дар самти омӯзиши олами набототу ҳайвонот, ҳифзи муҳити зист ва экология пешниҳод мекунанд.

Ин номинатсияҳо ба хонандагон имконияти васеъ медиҳанд, ки тавоноии худро дар соҳаҳои гуногуни илм ва технология нишон диҳанд ва дар амал татбиқ кунанд. Озмун на танҳо истеъдодҳоро дарёфт ва ҳавасманд мекунад, балки ба онҳо имконият медиҳад, ки дар рушди касбии худ муваффақ шаванд.

Дар озмун аз 80 нафар иштирок намуда, иштирокчиёни он рӯзи 8 апрели соли 2022 нахуст тибқи талаботи Низомномаи озмуни шаҳрии «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм» корҳои хаттӣ аз фанҳои математика ва физика супорида, 9 апрели соли 2022 аз руйи номинатсияҳои «Барномасозӣ», «Робототехника», «Сайёҳӣ-кишваршиносӣ», «Меъморӣ» ва 11 апрели соли 2022 аз рӯйи номинатсияҳои «Радиоэлектроника», «Табиатшиносӣ» ва «Моделсозӣ» муаррифии лоиҳаҳои эҷодии довталабон сурат гирифт.

Ҳамин тавр, Озмуни шаҳрии «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм» аз рӯи 7 номинатсияи болозикр, ки рӯзҳои 8,9 ва 11 апрели соли 2022 дар Муассисаи давлатии таълимии «Литсейи №3 барои хонандагони болаёқати шаҳри Душанбе» гузаронида шуд, ҷамъбаст гардида, дар рӯзи чорабинии идонаи тантанавӣ бахшида ба Рӯзи пойтахт ғолибон бо Диплом, Ҷом ва мукофотпулиҳои таъсиснамудаи Мақомоти иҷрояи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе ҳавасманд гардонида шуданд.

***Олимпиадаи даставии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе аз фанни «Технология» (таълими меҳнат)***

Маълум аст, ки мақсади асосии гузаронидани ҳама гуна озмуну олимпиадаҳо ин пеш аз ҳама дарёфти хонандагони болаёқат ва истеъдодҳои нотакрор аст. Аз ин рӯ, аҳамияти фанни «Технология» (таълими меҳнат) – ро ба назар гирифта,  ки бо мақсади дарёфти хонандагони болаёқат, ихтироъкор, рушди итеъдодҳои наврас, ҳавасмандгардонии кӯдакон ба фаъолияти меҳнатӣ ва натиҷаи кори пурсамару дастгирии омӯзгорони фанни таълими меҳнат Олимпиадаи даставии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе аз фанни «Технология» (таълими меҳнат) ташкил ва баргузор карда мешавад. Баргузории Олимпиадаи мазкур таҷрибаи нахустин на фақат дар кишвар, балки минтақа ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд намуд, ки дар Олимпиадаи мазкур 4 даста иборат аз 48 нафар хонандагон (24 духтар ва 24 писар) аз ҷумла, дастаи ноҳияи Сино иборат аз 12 нафар (6 духтар ва 6 писар), дастаи ноҳияи И.Сомонӣ иборат аз 12 нафар (6 духтар ва 6 писар), дастаи ноҳияи Фирдавсӣ иборат аз 12 нафар (6 духтар ва 6 писар) ва дастаи ноҳияи Шоҳмансур иборат аз 12 нафар (6 духтар ва 6 писар) иштирок намуданд.

Олимпиада аз рӯи тартиб ва шартҳои зерин гузаронида шуд:

- барои синфҳои 5 санҷиши тестӣ ва лоиҳаи эҷодӣ;
- барои синфҳои 6 санҷиши тестӣ ва лоиҳаи эҷодӣ;
- барои синфҳои 7 санҷиши тестӣ ва лоиҳаи эҷодӣ;
- барои синфҳои 8 санҷиши тестӣ ва лоиҳаи эҷодӣ;
- барои синфҳои 9 санҷиши тестӣ ва иҷрои кори амалӣ тибқи супориш;
- барои синфҳои 10 санҷиши тестӣ ва иҷрои кори амалӣ тибқи супориш.

Бояд тазаккур дод, ки саволҳои тестӣ ва корҳои амалӣ дар доираи барномаҳои таълимии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ тартиб дода шудааст. Барои иҷрои санҷиши тестӣ ба ҳар як довталаб 1 (як) соати академӣ вақт ҷудо карда шуд.

Натиҷаи холҳои бадастовардаи дастаҳо дар Олимпиадаи II даставии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе аз фанни технология (таълими меҳнат) аз рӯи иҷрои ҳамаи шартҳо чунин муқаррар карда шуданд:

*Ҷадвали 11. холҳои бадастовардаи дастаҳо дар Олимпиадаи II даставии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе аз фанни технология (таълими меҳнат)*

| № | Даста | Холҳои бадастоварда | Ҷой |
|---|---|---|---|
| 1. | Шоҳмансур | 124 | I |
| 2. | Исмоили Сомонӣ | 120 | II |
| 3. | Фирдавсӣ | 115,6 | III |
| 4. | Сино | 113,4 | III |

Бояд тазаккур дод, ки дар Олимпиадаи II даставии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе аз фанни технология (таълими меҳнат) хонандагони муассисаҳои таълимии шаҳри Душанбе бо пешниҳоди 48 адад лоиҳаи эҷодӣ иштирок намуданд. Аз ин шумора 3 лоиҳаи эҷодии довталабони зерин аз ҷониби комиссия «Беҳтарин лоиҳа» дониста шуд.

| № | Ному насаб | Ноҳия | Муассиса | Синф | Хол |
|---|---|---|---|---|---|
| *1.* | Сафаров Алиҷон | И.Сомонӣ | МТМУ №62 | 7 | 5 |
| *2.* | Шарифзода Умар | Шоҳмансур | МТМУ №71 | 8 | 5 |
| *3.* | Тоҳиров Диловар | Фирдавсӣ | МТМУ №72 | 8 | 4,9 |

Бо қарори комиссияи озмунии Олимпиадаи даставии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе аз фанни технология (таълими меҳнат) ҷои аввал ба дастаи ноҳияи Шоҳмансур, ҷои дуюм ба дастаи ноҳияи Исмоли Сомонӣ ва ҷои сеюм ба дастаҳои ноҳияҳои Фирдавсӣ ва Сино дода шуд.

Инчунин, «Беҳтарин лоиҳа» лоиҳаҳои хонандаи синфи 7-и МТМУ №62 ноҳияи Исмоили Сомонӣ Сафаров Алиҷон, хонандаи синфи 8-и МТМУ №71 ноҳияи Шоҳмансур Шарифзода Умар, хонандаи синфи 8-и МТМУ №72 ноҳияи Фирдавсӣ, дониста шуданд.

Ҳамзамон, «Иштирокчии беҳтарин» байни духтарон Муҳаммадиева Фаришта хонандаи синфи 6-и МТМУ №21, Ниёзова Мафтуна хонандаи синфи 9-и МТМУ№16 ва Хонова Азиза МТМУ№35-и(дастаи ноҳияи Шоҳмансур), Гулова Шукрона хонандаи синфи 6-и Гимназияи Исмоили Сомонии (дастаи ноҳияи Исмоили Сомонӣ),Орзуева Малика хонандаи синфи 8-и МТМУ№2 (дастаи ноҳияи Сино), Раҷабализода Субҳина хонандаи синфи 8-и МТМУ№30 (дастаи ноҳияи Фирдавсӣ) ва байни писарон Холиқов Муҳаммадҷон хонандаи синфи 9-и МТМУ №41 ва насриддинов Муҳаммад хонандаи синфи 10-и Литсейи №4 (дастаи ноҳияи Шоҳмансур), Бобоҷонов Турахон хонандаи синфи 9-и МТМУ№26 ваХолмаҳмадзода Довудхонандаи синфи 8-и литсейи Раҳнамо (дастаи

ноҳияи Исмоили Сомонӣ),Исҳоқии Муҳаммад хонандаи синфи 8-и МТМУ№87 (дастаи ноҳияи Сино), Тоҳиров Диловар хонандаи синфи 8-и МТМУ№72 (дастаи ноҳияи Фирдавсӣ) дониста шуданд.

Аз Олимпиадаи даставии хонандагон дар фанни мавриди назар метавон хулоса кард, ин гуна чорабиниҳо на танҳо ба тарғиби касбу ҳунарҳои миллӣ ва ҳавасманд гардонидани омӯзгорон мусоидат мекунанд, балки низ барои боз ҳам баланд бардоштани нуфузу эътибори фанни мавриди назар таъсири назаррас доранд. Ҳавасмандгардонии хонандагон тавассути ин гуна озмунҳо ба онҳо илҳом мебахшад ва шароит фароҳам меорад, ки дар роҳи рушди худ ва ҷомеа кӯшишҳои бештар кунанд.

То фазлу ҳунар ойинапардоз нашуд,
З-иқбол даре ба рӯйи кас боз нашуд.

***Форуми навқаламон ва эҷодкорони навраси шаҳри Душанбе таҳти унвони «Килки сабз»***

Камоли обрӯ дар «Килки сабз» аст,
Диёри рангу бӯ дар «Килки сабз» аст.
Барои минбари шеъру тарона,
Умеду орзу дар «Килки сабз» аст.

Бо мақсади мусоидат дар дарёфт ва рушди зеҳниву эҷодии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ дар соҳаи адабиёт, ҳавасмандгардонии навқаламон барои идомаи фаъолияти мустақилона дар эҷоди асарҳои назмию насрӣ, тарғиби мутолиаи китоб, ҷалби оммавии наврасон барои иштироки фаъолона дар озмуни ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст» дар доираи чорабиниҳо ба муносибати эълон гардидани «Соли мутолиаи китоб» дар муассисаҳои соҳаи маорифи пойтахт бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе, хусусан Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ барои амалисозии Нақшаи чорабиниҳои Барномаи давлатии дарёфт ва рушди истеъдодҳо дар шаҳри Душанбе барои солҳои 2021 – 2025, ки бо қарори Раиси шаҳри Душанбе аз 21 майи соли 2021, таҳти №294 тасдиқ шудааст, рӯзҳои 16-20 майи соли 2022 дар Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри

Душанбе Форуми якуми навқаламон ва эҷодкорони навраси пойтахт доир гардид.

Ҷойи хушҳолист, ки ба Форум 200 нафар эҷодкорони навқалам ҳамовозӣ намуда, барои иштирок дар ҳамоиши мазкур дархост ирсол карданд. Гурӯҳи корӣ асарҳои пешниҳоднамудаи муаллифонро мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дода, аз миёни онҳо 55 нафарро ба сифати иштирокчии Форум муаррифӣ намуд. Ҳамин тавр, 7-нафарӣ аз муассисаҳои таълими ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ ва Шоҳмансур, 5 нафар аз ноҳияи Фирдавсӣ ва 36 нафар хонандагони синфҳои 4 то 11 аз ноҳияи Сино, ки танҳо 8 нафари онҳо аз МТМУ №56 мебошанд, дар Форуми якуми навқаламон ва эҷодкорони навраси шаҳри Душанбе ширкат варзиданд. Аз шумори умумии иштирокдорони Форум 31 нафарашон дар бахши назм ва 24 нафар дар бахши наср ҳузур пайдо карданд.

Дар рӯзҳои баргузории Форум бо дастгирии Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон дар доираи нақшаи чорабиниҳои он ба иштирокчиён вобаста ба бахшҳои интихобнамда дарсҳои маҳорат доир карда шуданд. Ба маврид аст зикр намоем, ки саҳми адибони шинохта, узви Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон Акбари Абдулло дар бахши назм ва Баҳманёри Мурод дар бахши наср дар доир намудани дарсҳои маҳорат барои иштирокдорони Форуми мазкур назаррас аст. Зеро онҳо вобаста ба бахшҳо маводҳои пешниҳоднамудаи ҳар як иштирокчии Форумро омӯхта, камбудӣ ва муваффақияти ҳар кадоми онҳоро барояшон баён доштанд.

Дар натиҷаи баргузории Форум маҷмуаи маводҳои эҷоднамудаи он дар шакли китоб таҳти уновни «Килки сабз» интищор карда шуд.

Маҷмӯаи шеъру ҳикояҳои иштирокчиёни Форуми якуми навқаламон ва эҷодкорони навраси пойтахт таҳти унвони «Килки сабз» дар фурсати кӯтоҳ, бо теъдоди 500 нусха ва бо сифати баланд дар нашриёти «Адиб»-и назди Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дасти чоп расид. Китоби дастҷамъонаи мазкур аз қисмати эҷоди шоирони навраси навқалам бо номи рамзии «Ҳамешабаҳор» ва эҷоди носирони навқалам бо номи «Ҳамешасабз» иборат буда, дар ин маҷмӯа маҳсули тахайюли бадеии эҷодкорони навқаламы пойтахти азизамон ҳамчун як гулдастаи хушбӯю

рангоранг ба ҳам оварда шудааст, ки ҳар яке аз лиҳози хаёли эҷодӣ, сабку услуби бадеӣ, мавзӯъ ва муҳтавои хеш тобишу ҷилои хосаи худро дорад. Дар симои ҳар яке аз муаллифони ин маҷмӯа мо адибониояндаи миллат, шоирони хушзавқу нависандагони мумтозро мебинем, ки рӯзе бо ифтихор аз иштироки хеш дар ин Форум ва нашри эҷодиёти навқаламонаи худ дар ин маҷмӯа бо хушию хурсандӣ ёд хоҳанд кард.

Маврид ба зикр аст, ки анҷоми кори форум бо доир намудани рӯйнамоии китоби «Килки сабз» ва ҳавасмандгардонии иштирокчиёни он бо диплому сертификат ва доир карда шуд. «Килки сабз» – барги сабзест аз эҷодиёти навқаламони шаҳри Душанбе, ки дар натиҷаи баргузории Форуми навқаламон ва эҷодкорони навраси шаҳри Душанбе интишор мегардад.Дар ин маҷмуа шеъру афсона ва ҳикояҳои бачаҳои навқалам гирд оварда шудааст. Албатта, ҳама дар як поя нест, вале ҳар яке гувоҳи такопӯ, шавқу завқ, насими умеде аз боғи илҳоми муаллифонашон аст, ки рӯзе ҳатман меваи ширин ба бор хоҳад овард.

Дар таҳққоти мазкур ба таври мушаххас чорабиниҳои баргузонамудаи Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе ҳамчун яке аз муассисаҳои пешбари соҳаи таҳсилоти иловагӣ дар самти ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шуд. Ҳарчанд шумораи чунин чорабиниҳои эҷодӣ ва бедӣ хеле зиёд ҳам бошад, мо дар таҳқиқоти худ танҳо он чорабиниҳоеро мавриди таҳқиқ қарор додем, ки аҳамияти муҳимм ва сатҳи баргузории баландро доро буда, шумораи иштирокичёнашон зиёд мебошанд. Зеро ҳадафи омода намудан ва иштироки таълимгирандагони маҳфилҳои дар Муассисаи давлатии «Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе» дар Олимпиадаи даставии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳри Душанбе аз фанни «Технология» (таълими меҳнат), Фестивали байналмилалии эҷодиёти кӯдакон ва наврасон «Шукуфаҳои пойтахт», Форуми навқаламон ва эҷодкорони навраси шаҳри Душанбе «Килки сабз», озмунҳои ҷумҳуриявии «Фурӯғи субҳи доноӣ китоб аст», «Тоҷи сари ҷумла ҳунарҳост илм», «Тоҷикистон - Ватани азизи ман», «Ту қалби Тоҷикистонӣ, Душанбе» ва дигар ҷашну чорабиниҳои гуногун пеш аз ҳама аз он иборат

аст, ки қобилиятҳои зеҳнию эҷодии таълимгирандагон рушду густариш ёфта, ба ҳайси як фарди ҳунарманду соҳибистеъдод ба воя расида, оянда барои халқу миллати азизи худ ҳамчун шахси соҳибҳунар хидмат бикунанд.

Хушбахтона, дар чанд соли охир Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор пешрафтҳои назаррас дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангию илмӣ ноил гардидааст. Ин дастовардҳо, ки нишондиҳандаи рушди устувор ва пешрафти кишвар мебошанд, бевосита ба пешрафти ҷомеа ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон таъсири мусбат мерасонанд.

Дар соҳаи сиёсӣ, Тоҷикистон бо роҳбарии дурандешона ва сиёсати устувори худ тавонистааст сулҳу субот ва ҳамгироии миллиро таъмин намояд, ки ин омили муҳим барои фароҳам овардани муҳити орому мусоид барои рушди соҳаҳои дигари зиндагӣ мебошад. Суботи сиёсӣ ба рушди низоми маориф ва тарбияи насли нав мусоидат намуда, ба хонандагон имконияти бештар барои таҳсил, омӯзиш ва инкишофи қобилиятҳои эҷодӣ фароҳам овардааст.

Дар соҳаи иқтисодӣ, пешрафтҳои назаррас дар бахшҳои мухталифи иқтисодиёт ба сатҳи зиндагии мардум таъсири мусбат расонидааст. Инкишофи инфрасохтор, дастрасии бештари мардум ба имкониятҳои нави иқтисодӣ ва таъмини шуғл барои ҷавонон шароит фароҳам меорад, ки хонандагон бо ғамхорӣ ва ҳавасмандии бештар дар раванди таълим иштирок намоянд. Рушди иқтисодӣ ҳамчунин ба маблағгузорӣ ва беҳбуди муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, мусоидат мекунад, ки дар онҳо кӯдакон ва наврасон метавонанд истеъдод ва салоҳиятҳои эҷодии худро рушд диҳанд.

Дар соҳаи иҷтимоӣ, таваҷҷуҳи бештар ба масъалаҳои маориф, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ низ ба таври куллӣ ба беҳбуди шароити зисти хонандагон мусоидат мекунад. Ин омилҳо барои тарбия ва рушди кӯдакон муҳити мусоидро фароҳам меоранд, ки дар он онҳо метавонанд тавоноии худро ба таври комил ифода намоянд.

Дар соҳаи фарҳанг ва илм, Тоҷикистон бо баргузории чорабиниҳои фарҳангӣ ва илмӣ, ки ба тарғиби мероси фарҳангӣ ва рушди илм равона шудаанд, ба хонандагон имконият медиҳад, ки бо таърихи фарҳангии худ

бештар ошно шаванд ва ба омӯзиши фанҳои илмӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намоянд. Ин раванд ба тарбия ва ташаккули салоҳиятҳои эҷодии хонандагон замина мегузорад, то ки онҳо битавонанд дар оянда ҳамчун шахсиятҳои эҷодкор ва муваффақ дар рушди ҷомеаи худ саҳми фаъол гузоранд.

Ҳамин тавр, ин пешрафтҳо дар тамоми соҳаҳои зиндагӣ ба рушди салоҳиятҳои эҷодии хонандагон шароити мусоид фароҳам меоранд ва барои пешрафти ҷомеа ва ташаккули як насли нав, ки бо донишу малакаҳои зарурӣ муҷаҳҳаз аст, заминаи устувор мегузоранд.

## Хулосаи боби 2

Таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як ҷузъи муҳим ва ҷудонашавандаи низоми таълимӣ мебошад, ки ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакону наврасон саҳми калидӣ мегузорад. Ин соҳа на танҳо ба омӯзиши фанҳои илмию эҷодӣ, балки ба рушди шахсият ва ташаккули маҳорати иҷтимоӣ, зеҳнӣ ва эҷодии насли ҷавон низ равона шудааст. Дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир, ки талабот ба қобилияти мутобиқшавӣ ва навоварӣ беш аз пеш меафзояд, таҳсилоти иловагӣ аҳамияти хосса касб кардааст.

**Аҳамияти таҳсилоти иловагӣ дар рушди қобилиятҳои кӯдакону наврасон:** Ҳадафи асосии таҳсилоти иловагӣ дар Тоҷикистон ин фароҳам овардани шароит барои рушди қобилиятҳои эҷодӣ, зеҳнӣ ва ҷисмонии кӯдакону наврасон мебошад. Ин ҳадаф тавассути барномаҳои махсусгардонидашуда ва фаъолиятҳои гуногуни таълимӣ амалӣ мегардад, ки дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, аз ҷумла дар Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе, татбиқ мешаванд.

Таҳсилоти иловагӣ имконият медиҳад, ки кӯдакон ва наврасон аз доираи барномаҳои анъанавии мактабӣ берун рафта, ба омӯзиши он соҳаҳое машғул шаванд, ки ба завқу рағбати инфиродии онҳо бештар мувофиқанд. Ин раванд на танҳо барои қонеъ гардонидани шавқу ҳавасҳои шахсии кӯдакон, балки барои омодасозии онҳо ба зиндагӣ ва фаъолияти касбӣ дар шароити зудтағйирёбандаи ҷаҳонӣ хидмат мекунад.

***Татбиқи амалии ҳадафҳои таҳсилоти иловагӣ:*** Муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ, ба монанди Маркази кӯдакон ва наврасони шаҳри Душанбе, кӯшиш мекунанд, ки бо пешниҳод намудани шароитҳои беҳтарин барои худтакмилдиҳӣ ва худмуайянкунӣ, кӯдакон ва наврасонро ба сӯи худшиносӣ ва худбаҳодиҳӣ раҳнамоӣ кунанд. Дар ин муассисаҳо, кӯдакон имкон доранд, ки дар соҳаҳои гуногуни эҷодӣ ва илмӣ фаъолият намуда, малакаҳо ва донишҳои худро тавассути машғулиятҳои амалӣ инкишоф диҳанд.

Фаъолият дар маҳфилҳои гуногун, аз ҷумла маҳфилҳои санъат, илм, варзиш ва забономӯзӣ, кӯдаконро водор мекунад, ки қобилиятҳои худро дар

муҳити эҷодӣ ва озодона зоҳир намоянд. Ин равиш ба онҳо имкон медиҳад, ки худмуайянӣ пайдо кунанд ва дар оянда ҳамчун шахсиятҳои мустақил ва эҷодкор дар ҷомеа ҷойгоҳи худро пайдо намоянд.

***Дурнамои таҳсилоти иловагӣ:*** Таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонояндаи дурахшон дорад, зеро он ба ташаккули насли эҷодкор, зирак ва худшинос мусоидат мекунад. Бо татбиқи барномаҳои махсус, аз ҷумла Барномаи давлатии рушди таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакону наврасон, ин соҳа метавонад ба талаботи замони муосир ва ҳадафҳои миллӣ ҷавобгӯ бошад. Ин барномаҳо бояд барои фароҳам овардани шароитҳои мусоид барои рушди ҳамаҷонибаи кӯдакону наврасон ва инчунин барои беҳтар кардани шароити муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ равона шаванд.

Дар маҷмӯъ, таҳсилоти иловагӣ дар Тоҷикистон на танҳо як воситаи таълимӣ, балки як омили муҳим дар ташаккули шахсият ва рушди ҳамаҷонибаи кӯдакону наврасон маҳсуб мешавад. Ин навъи таҳсилот метавонад дар оянда ба рушди қобилиятҳои инфиродӣ, омодасозии ҷавонон барои зиндагӣ ва кор дар ҷомеаи муосир ва дар ниҳоят ба пешрафти ҷомеаи тоҷикон мусоидат кунад.

Рушди низоми таҳсилоти иловагӣ дар ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон нақши муҳим дорад. Барои расидан ба ин ҳадаф, дар баробари заминаи меъёриву ҳуқуқии мавҷуда, фароҳам овардани шароитҳои зерин ҷанбаҳои асосии дурнамои соҳа хоҳанд буд:

- якум, таъмини дастрасии таҳсилоти иловагӣ барои кӯдакон дар тамоми минтақаҳои кишвар тавассути ташкил ва ҷоннок кардани фаъолияти марказҳои иловагии таълимӣ, васеъ кардани шабакаи китобхонаҳои бачагона ва эҳё намудани дастаҳои худфаъолияти эҷодиву ҳунарӣ дар назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ;

- дуюм, таъмини таҳсилоти босифат бо дарназардошти дарёфт ва рушди эҷодиёти кӯдакон тавассути ташкили маҳфилҳои суруду мусиқӣ, ракс ва навозандагӣ, суханварӣ, малакаҳои ҳунармандӣ ва дигар шаклҳои самти эҷодиёти бадеӣ;

- сеюм, тавассути баргузории ҳар гуна озмуну мусобиқа, намоишҳо ва дигар чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ фароҳам овардани шароит

ҷиҳати муаррифии ҳунару истеъдоди кӯдакону наврасон ва андешидани тадбирҳо ҷиҳати ҳавасмандгардонии онҳо;

- чорум, ба роҳ мондани ҳамкории доимӣ бо ҷомеа ва оила ҷиҳати дастгирии раванди ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории кӯдакон ва назорат кардани рушди минбаъдаи қобилиятҳои эҷодии онҳо низ аз ҷанбаҳои муҳими дурнамои рушди низоми таҳсилоти иловагӣ ба ҳисоб меравад. Ин ҳамкорӣ барои таъмини муҳити мусоид ва муттаҳидсозии кӯшишҳои ҳамаи ҷонибҳо дар рушди эҷодкории кӯдакон аҳамияти калон дорад..

Илова бар ин, ташаккули касбияти омӯзгорони таҳсилоти иловагӣ ҷиҳати таъмини сифатнокии ҷараёни таълим ногузир буда, ҷорӣ кардани усулҳои инноватсионии таълим, инчунин таҳкими шарикии байни муассисаҳои таълимӣ бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ дар рушди соҳа муҳим арзёбӣ мегардад.

Рушди таҳсилоти иловагӣ дар Тоҷикистон дорои дурнамои равшан мебошад. Таъмини инфрасохтори дастрас, таъмини таҳсилоти босифат, ҳавасмандгардонии кӯдакон ва ҳамкории фаъоли ҷомеа ва волидон ҳамаи ин ба ташаккули муҳити созгори эҷодӣ барои насли наврас мусоидат хоҳад кард. Ин муҳит метавонад дар оянда ба рушди шахсиятҳои эҷодкор ва мутобиқшаванда, ки барои пешрафти кишвар муҳим мебошанд, шароит фароҳам оварад.

Чорабиниҳои эҷодӣ, ба хонандагон имкон медиҳанд, ки шаклу усулҳои гуногуни корро таҷриба кунанд, тафаккур ва асолати ғояҳои худро рушд диҳанд ва роҳҳои гуногуни ҳалли мушкилотро фикр мекунанд. Дар ин баробар, сабқату маҳоратозмоиҳо ба хонандагон барои рушди малакаҳои муҳими иҷтимоӣ ва муошират кӯмак мекунанд. Иштирок дар озмунҳо ба кӯдакон кори гурӯҳиро меомӯзонад, маҳорати суханронӣ ва худмуаррификуниро рушд медиҳад, инчунин ба ташаккули маҳорати дуруст дарк кардани интиқод ва истифода бурдани он барои рушди худ мусоидат мекунад.

Дигар ҷанбаи муҳим ин таъсири фаъолияти эҷодӣ ба ҳавасмандии хонандагон мебошад. Онҳо алтернативаи усулҳои анъанавии омӯзишро пешниҳод карда, ки раванди таълимро торафат ҷолибтар мекунанд. Ҳамин

тариқ, озмунҳои эҷодӣ метавонанд ҳамчун воситаи муассири баланд бардоштани шавқу рағбати хонандагон ба раванди таълим татбиқ шаванд.

Ҳамин тариқ, чорабиниҳо ва озмунҳои эҷодӣ дар ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодии хонандагон нақши муҳим мебозанд. Онҳо барои рушди эҷодкорӣ, малакаҳои иҷтимоӣ ва муошират муҳити беназир фароҳам оварда, инчунин ба баланд бардоштани ҳавасмандӣ ва таваҷҷӯҳ ба раванди таълим мусоидат мекунанд. Ин фаъолиятҳо тафаккури интиқодӣ, малакаҳои мантиқӣ ва қобилияти таҳлилиро ҳавасманд мекунанд. Ҳалли мушкилоти эҷодӣ аз хонандагон таҳлили вазъиятҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои ҳалли инноватсионӣ ва дар амал татбиқ кардани донишро талаб мекунад, ки дар бисёр соҳаҳои ҳаёт маҳорати нияҳот муҳим мебошад.

Муносибати байнисоҳавӣ, ки ба бисёр озмунҳои эҷодӣ хос аст, аҳамияти махсус дорад. Хонандагон метавонанд маълумоти аз соҳаҳои гуногун доштаашон – санъат, илм, адабиёт, технология барои эҷоди лоиҳаҳои беназир истифода баранд. Ин на танҳо ба рушди қобилияти муттаҳидсозӣ ва татбиқи донишҳои гуногун, балки ба ташаккули қобилияти дарк намудани робитаҳои байни фанҳои гуногун мусоидат мекунад.

Нақши фаъолияти эҷодиро дар рушди зеҳнӣ-эҳсосии хонандагон низ қайд кардан зарур аст. Иштирок дар чунин чорабиниҳо ба кӯдакон кӯмак мекунад, ки эҳсосоти худ ва дигаронро беҳтар дарк кунанд, ҳамдардӣ ва масъулияти гурӯҳиро меомӯзанд. Ин ҷанба дар ҷаҳони имрӯза махсусан арзишманд аст, зеро малакаҳои иҷтимоӣ ва эмотсионалӣ калиди муваффақият мебошанд.

Хулоса, фаъолияти эҷодӣ ва озмунҳо воситаи бисёрфунксионалии раванди таълим мебошанд. Онҳо ба рушди салоҳиятҳои эҷодӣ, малакаҳои маърифатӣ, зеҳни эмотсионалӣ ва малакаҳои иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Интегратсияи чунин фаъолиятҳо ба барномаи таълимӣ як қадами стратегӣ дар омода кардани хонандагон ба ҳаёт ва фаъолият дар шароитест, ки навоварӣ, эҷодкорӣ ва равишҳои байнисоҳавӣ арзиши муҳим дорад.

# ХУЛОСАИ УМУМӢ ВА ТАВСИЯҲО

Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таъмини таҳсили босифат барои шаҳрвандони худ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад ва ислоҳоти гуногунеро амалӣ менамояд, ки ба баланд бардоштани сатҳи раванди таълиму тарбия равона шудаанд. Дар доираи ин ислоҳот, низоми таҳсилоти иловагӣ ҳамчун ҷузъи муҳим баромад мекунад, ки ба рушди ҳамаҷонибаи кӯдакон ва наврасон, ташаккули малакаҳои эҷодӣ ва омодасозии онҳо ба зиндагии мустақилона дар ҷомеа мусоидат мекунад.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба масъалаи мубрами рӯз — омӯзиши шароитҳои педагогӣ, ки барои ташаккули самараноки салоҳиятҳои эҷодии хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагии Ҷумҳурии Тоҷикистон заруранд, бахшида шудааст. Ин мавзӯъ аҳамияти эҷоди муҳити мусоиди таълимиро таъкид менамояд, ки ба рушди қобилиятҳои эҷодии кӯдакон ва наврасон мусоидат карда, яке аз ҳадафҳои афзалиятноки низоми маорифи кишвар маҳсуб меёбад.

Дар ҷараёни кори диссертатсионӣ собит карда шуд, ки салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон барои муваффақ шудан дар ҷаҳони босуръат рушдкунандаи имрӯза хеле муҳим мебошад. Бо дарназардошти ин омил мавзуи ташаккулёбии салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон ва нақшаи муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар ин раванди калидӣ дар меҳвари кори таҳқиқоти илмӣ ва пажуҳишҳои муаллиф қарор дода шуд.

Ҳангоми иҷрои вазифаҳои таҳқиқотӣ илмӣ дар амал собит гардид, ки яке аз унсурҳои муҳимми таъсиргузор, ки дар ташаккулёбии хонандагон ҳамчун мутахассисони оянда нақши бориз дорад, ин фаро гирифта шудани ӯ ба таҳсилоти иловагӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, метавон хулоса намуд, ки муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо фароҳам оварлдани заминаҳои муосид дар ташаккулёбӣ ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон саҳми беандоза калон доранд. Таҳқиқот ҳам ҷанбаҳои назариявӣ ва ҳам амалӣ дар мавриди масъалаи мазкурро фаро гирифт.

Ҳамаи вазифаҳои гузошташудаи таҳқиқот бомуваффақият ҳалли худро ёфтанд ва зарурати рушди малакаҳои эҷодии хонандагон дар низоми таҳсилоти иловагӣ ҳамаҷониба таҳқиқ ва асоснок карда шуд. Илова бар ин,

шаклҳои калидии фаъолияти ин муассисаҳо барои омӯзиши самаранокии усулҳои таълимӣ таҳқиқ шудаанд.

Ҳамин тариқ, кори диссертатсионӣ шароити педагогии ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди омӯзишу таҳқиқи илмӣ қарор дода, он таҷрибаи мавҷуда, мушкилот ва тавсияҳоро барои самаранок ташаккул додани салоҳоҳияти эҷодкории хонандагон дар низоми таҳсилоти иловагиро дар бар мегирад.

Аҳамияти ин таҳқиқот исбот намуд, ки муҳити созгори таълимии муассисаи таҳсилоти иловагии кӯдакон ва баргузории чорабиниҳои эҷодиву бадеӣ дар ин муассисаҳо муҳимтарин омили рушди салоҳияти эҷодкории хонандагон буда, барои ҳавасмандгардонии эҷодкорӣ ва навоварӣ дар байни хонандагон мусоидат менамояд. Хулосаи таҳқиқоти илмӣ ва гузаронидани корҳои озмоишӣ дар самти ташаккул ва рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон дар муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ имкон дод, ки нуктаҳои зеринро муайян намоем:

***1. Аҳамияти салоҳиятҳои эҷодӣ.*** Таҳқиқот аҳамияти баланд доштани ташаккули салоҳиятҳои эҷодкории хонандагонро дар заминаи таҳсилоти муосир тасдиқ кард. Эҷодкорӣ омили асосии рушди шахсӣ, мутобиқшавии бомуваффақияти иҷтимоӣ ва касбӣ дар ҷаҳони босуръат мебошад, ки дар он тағйироти босуръати технологӣ ва иҷтимоӣ бартарӣ доранд ва эҷодкорӣ ба як маҳорати зарурӣ барои мутобиқшавӣ ва фаъолияти муваффақ табдил ёфтааст [1-М].

***2. Нақши таҳсилоти иловагӣ.*** Таҳсилоти иловагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба туфайли чандирӣ, таваҷҷуҳ ба манфиатҳои инфиродии хонандагон ва имкониятҳои татбиқи равишҳои инноватсионии педагогӣ барои рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон муҳити муассир ба ҳисоб меравад. Ин барои рушди салоҳиятҳои эҷодкории хонандагон муҳити мусоид фароҳам меорад, зеро хонандагон метавонанд ба навъи фаъолияте машғул шаванд, ки воқеан ба онҳо таваҷҷуҳ доранд [2-М, 3-М, 5-М, 6-М].

***3. Ҳамкории муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ бо муассисаҳои таҳсилоти миёна.*** Чунин ҳамкорӣ ҳамчун низоми ягонаи таълимӣ тавассути ташкил кардани шароити педагогии пурра гардодани мазмуни таълими якдигар

амалӣ мегардад. Дар аоси ин ҳамокрӣ хонандагони дорои қобиляитҳои эҷодӣ дарёфт гардида, барои ташаккул ёфтану рушд додани салоҳиятҳои эҷодкориашон ба муассисаҳои таҳсилоти иловагӣ сафарбар карда мешаванд [5-М].

***4. Самаранокии усулҳои педагогӣ.*** Дар кори илмӣ таҳқиқ ва тасдиқ карда шуд, ки истифодаи усулҳои инноватсионӣ, ба монанди кори лоиҳавӣ ва усулҳои бозӣ, ба рушди тафаккури эҷодии хонандагон мусоидат мекунад. Ин усулҳо иштироки фаъолонаи хонандагонро ҳавасманд мекунанд, рушди малакаҳои тафаккури интиқодиро дастгирӣ мекунанд ва ба хонандагон имкон медиҳанд, ки донишҳои андӯхтаи худро дар ҳолатҳои воқеӣ амалан истифода бурда тавонанд:

